**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ**
**АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ВБД - 37.01. +371.382. 377.12 П-76** Бо ҳуқуқи дастнавис

**ПРИМОВ МӮҲСИН МУСЛИМҶОНОВИЧ**

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ВА РАВИШҲОИ БЕХТАРСОЗИИ МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи
педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илми педагогӣ, профессор**
**Исломов О.А.**

**ХУҶАНД-2024**

# МУНДАРИҶА


Номгӯи ихтисораҳо ....................................................................................................3

**МУҚАДДИМА** ..........................................................................................................4

**БОБИ 1. Асосҳои назариявии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер** ..................................................................................................20

1.1.Муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар истифодаи компютер ҳамчун масъалаи мубрами педагогикаи МТМУ.........................................................................................20

1.2. Махсусиятҳои аслии консепсияи "Асосҳои методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ"..........................................................................................47

1.3. Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи назарияи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ ...........................................................................................63

Хулосаҳо доир ба боби якум ..........................................................................................84

**БОБИ 2.Кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ** ..........................................................................88

2.1. Амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ......88

2.2. Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ. .......................108

2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ...............................................................................................................132

Хулосаҳои боби дуюм.....................................................................................................155

**ХУЛОСАҲО** ...............................................................................................................157

**Феҳрасти адабиётҳои истифодашуда**:.......................................................................166

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

1. МТМУ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ
2. МТО - муассисаҳои таҳсилоти олӣ
3. МЭҲ -мошинаи электронии ҳисоббарор
4. КФ - компютери фардӣ
5. НИММ - низоми идоракунии муносибатҳои мизоҷон
6. HTML - «huper text markup languag- забони ишоравии абарматни (гипертехт) ё аломатгузорӣ
7. ТИК-технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.
8. МБМ - мониторҳои булӯрии моеъ
9. ДБА-сатҳи фишори садо
10. басарӣ – басарӣ
11. унсур (басит)
12. маҷозӣ (вертиалӣ)
13. идеалӣ (тамсилӣ)
14. динамика (афзоиш)
15. эмотсионалӣ(ба ҳаяҷон овардан)
16. мотиватсионӣ (ҳавасмандкунӣ, маромнокӣ)
17. коммуникатсия (мошират)

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ва рушди босуръати он дар заминаи такмили минбаъдаи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва маориф пайванди муҳкам дорад. Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки дар соҳаҳои маориф, илм, техника, фарҳанг, иқтисодиёт ислоҳоти куллӣ ҷараён дорад, ки ғояҳои асосии он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои асосӣ таҷассум ёфтаанд. Яке аз васоити ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, фарҳанги муносибати муҳим доштан ба истифодаи компютер, муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Мавриди тазаккур аст, ки асри XXI – айёми таҳаввули чашмгир ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Зарурияти қабул ва татбиқи донишҳои ҷадид, саводнокии иттилоотӣ, маҳорати ба сурати мустақилона фаро гирифтани маълумот ва дониш ба зуҳури шакли нави таҳсилот - инноватсионӣ боис омад, ки технологияҳои иттилоотӣ дар он саҳми бориз ва нақши муназзаму ҳамгироро соҳиб гардиданд. Ба таъбири дигар, пешрафтҳои назаррас ва вуруди донишҳои навин ба рушдии технологияҳои иттилоотӣ пайванди муҳкам дорад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташаккули ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва ба амал пайвастани барномаҳои бузурги ислоҳоти ин самти меҳварии сиёсати давлат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар яке аз Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 22 декабри соли 2016 чунин таъкид намудаанд, ки "Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро

дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд. Дар баробари ин, масъулони соҳаро зарур аст, ки ҷиҳати ташкил намудани марказу маҳфилҳои техникҳои ҷавон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва инкишоф додани марказҳои дастгирии хонандагони болаёқат тадбирҳо андешанд" [149].

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои дигари хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи 26 декабри соли 2018 манзур шудаст, изҳор доштаанд, ки "Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад" [150].

Таҳти истифода "технологияҳои нави иттилоотӣ" -ро дар ҷараёни таълим бояд ҳамчун тағйироти мураккаби "муҳити атроф"-и хонандагон, ки таълими барои мактаби "Технологияҳои иттилоотӣ" мутобиқшударо фаро мегирад, фаҳмида шавад.

Компютер дар таълими хонандагон дар технологияҳои иттилоотӣ бояд унсури ғанигардонанда ва тағйирдиҳандаи муҳити инкишофёфта ба ҳисоб равад. Маҳз дар ҳамин синну сол малакаву қобилиятҳои ақлии хонандагон ба таври зарурӣ инкишоф ёфта, заминаи рушди минбаъдаи зеҳнии ӯ гузошта мешавад.

Имрӯз компютер як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти мо ба шумор меравад. Дар соҳаи маориф истифодаи компютер ба сурати гуногун ҷараён мегирад ва аз таҷрибаҳои мавҷуда равшан мегардад, ки давоми солҳои мухталиф компютерҳо тарзи кори ҷаҳони имрӯзро дигаргун карданд. Онҳо самаранокии худро на танҳо барои бахши ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқгардонӣ, балки дар дигар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, ба монанди тиб, меъморӣ, муошират, тадқиқот, варзиш ва маориф собит кардаанд. Маҳз мошинҳои

мавриди зикр, ки як замонҳо танҳо дар озмоишгоҳҳои илмӣ ва муассисаҳои давлатӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд, ҳоло дар мактабҳои ҷаҳон ҳамчун васоити маъмул шинохта шудаанд. Имрӯзҳо компютерҳо ба ҳаёти бисёр хонандагоне, ки дар як гӯшаи дурдасти сайёраамон умр ба сар мебаранд, таъсири худро расондаанд ва дастрас мебошанд. Инкор кардан мумкин нест, ки компютерҳо ҳаёти як одами оддиро дар тамоми ҷаҳон, хоҳ дар шакли дастгоҳҳои дастӣ ва хоҳ китобҳои раванди таълимии чопшуда, комилан идора мекунанд.

Муносибати арзишӣ оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ бо муносибатҳои оилавӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, байни одамон алоқамандии зич дошта, тамоми соҳаҳои тафаккур: илмӣ, сиёсӣ, идеологӣ, бадеӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ҳуқуқиро фаро мегиранд.

Муносибати масъулиятноки арзишӣ доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) хусусияти мураккаби инсонро доро аст. Ин гуфта маънои онро дорад, ки маърифати дурусти қонуниятҳои табиат бар асоси риоя намудани муҳимтарин принсипҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии идоракунии муҳити атроф, фаъолияти муваффақонаи эҷодӣ дар самти шинохт ва муҳофизати васоити муосир таълим, тарғиби ғояҳо барои истифодаи дурусти воситаҳои таълим ҳаёти хонандагонро муайян мекунанд.

Воситаҳои таълимӣ – ин ҳамаи он маводҳое, ки бо ёрии онҳо муаллим дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири омӯзгорӣ мерасонад (раванди таълим). Ба воситаи таълим объектҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ дохил мегардад, ки дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ мавриди истифода қарор мегирад. Онҳо татбиқи принсипи аёниятро таъмин намуда, ба ташаккули босамари низми таъсири матлуб гузошта, барои муҳассилин дар сурати мушоҳида ва бардоштҳои ҳосилшуда ҷиҳати татбиқи натиҷаҳои аз раванди таълим ба даст омада, ҳосили фаъолиятҳои зеҳнӣ дар маҷмуи мароҳили тадрис ва таълим матолиб ва маводи зарурӣ манзур менамоянд [103].

Хонандагони муосир дар муҳите, ки онро компютер, инчунин чароғҳои барқӣ, мошинҳо, телевизорҳо ё телефонҳои мобилӣ фаро гирифтаанд, ба камол мерасанд. Барои волидон, ҳамон як компютер метавонад мушкилот эҷод кунад. Дар назари аввал он ба андозае бехатар нест ва хатари асосии компютер ҳамеша ва дар ҳар маврид вобаста ба дараҷаи истифодаи он эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, бояд оддитарин қоидаҳои истифода бурдани компютерро на танҳо хонандагон, балки калонсолон низ аз хотир мебароранд, ки он метавонад дар сурати истифодаи нодуруст биноии чашмро паст намояд ва ё ба сутунмӯҳра зиён расонад. Аз ин рӯ, истифодаи дурусти қоидаи бехатарии кор бо компютер барои на танҳо хонанда, балки тамоми наслҳо зарур аст.

Компютерҳо қисми таркибии таҷҳизоти моддию техникии муассисаи таълимӣ барои маҷмӯи фанҳо ба ҳисоб мераванд, ки дорои маълумоти таълимӣ мебошанд ё вазифаҳои таълимиро иҷро мекунанд ва дар самти ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонандагон, идоракунии фаъолияти маърифатӣ ва амалии онҳо, рушди ҳамаҷониба пешбинӣ шудаанд. Дар низоми маориф истифодаи комютер на танҳо имкониятҳои пешниҳоди иттилооти таълимиро васеъ мекунад, балки хонандагонро ба раванди таълим фаъолона ҷалб менамояд, татбиқи муносибати фардиро дар ҷодаи омӯзиш таъмин намуда, маҷмуи усулҳои амалии амалиётро вусъат бахшида, барои идоракунии босамари равандҳои маърифатӣ шароити мусоид эҷод мекунад.

Бо ин ҳама истифодаи иқтидори рушди компютер дар раванди таълим, дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сатҳи муайян ба кор гирифта мешавад. Яке аз сабабҳои истифодаи маҳдуди компютер таҳияи нокофии шароити методии истифодаи он дар низоми таълим ва набудани технологияҳои мувофиқ барои муносибати бодиққати хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар синф ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, мубрамии таҳқиқот аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад:

- фармоиши иҷтимоӣ барои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ;

- имкони баланд бардоштани сифати муносибати бодиққати хонандагон доир ба истифодаи компютер дар синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар асоси истифодаи асбобҳои муосири компютерӣ;
- зарурати таҳияи технологияи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коркарди шароит баҳри татбиқи он.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Рушди техникаи компютерӣ, коркарди асосҳои назариявии технологияи иттилоотӣ ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер имрӯзҳо ҳамаи соҳаҳои маориф, аз муассисаҳои томактабӣ сар карда то низоми такмили ихтисоси мутахассисони соҳаҳои гуногунро фаро гирифтааст.

Муносибатҳои психологӣ-педагогӣ, дидактикӣ ва методӣ оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои компютерӣ дар асарҳои олимони зерин А.П. Ершов, А.А. Кузнетсов, М.П. Лапчик, В.С. Леднев, В.М. Монахов, А.П. Назаров, М.Нугмонов, Б.Е. Стариченко, В.Ф. Шолоховича ва ғайра инъикос гардидаанд. Масъалаи ҷорӣ гардидани компютерҳо ба раванди таълим дар таҳқиқотҳои А.А. Абдуқодиров, А. Борк, Б.С. Гершунский, В.Ф. Горбенко, Л.И. Долинер, С.Р. Доманова, В.И. Журавлев, О.А. Исломов, И.Х. Каримова, А.Г. Кушниренко, Ф.С. Комилиён, М. Лутфуллозода, Е.И. Машбитса, М. А.П.Назаров, Х.М. Сабурӣ, О.К. Тихомиров, Б. Файзализода. Ш.А. Шаропов ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ташкили технологияи таълимӣ ва гигиенаи меҳнатӣ-ақлӣ ҳангоми кор бо компютер дар таҳқиқоти олим Н.М. Амосов ба назар мерасад.

Вале масъалаи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ҳамчун мавзуи меҳварии таҳқикоти илмӣ аз дидгоҳи масоили иҷтимоӣ қарор нагирифтааст. Бояд қайд намуд, ки муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ нерӯи баланди педагогиро доро мебошад.

Дар солҳои охир раванди ташкили консепсия ва барномаҳои нав дар соҳаи таълими компютерикунонии хонандагон ба таври назаррас фаъол гардид[9]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз тарафи муносибати инсонгароёна мавҷудияти низоми ягонаи амсилаи таълимро инкор мекунад. Талабот ба муносибат ва амсилаҳои гуногунро эътироф менамояд.

Таҳлили барномаҳои таълими компютерҳои воқеӣ ва тарбияи хонандагон ва таҳлили барномаҳои компютерӣ барои хонандагон шароити коркард нагардидани технологияро муайян ва ҷиҳати ташкили кор оид ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат менамояд. Аз ин ҷо миёни ин мафҳумҳо ихтилоф ба миён меояд:

- хусусияти иҷтимоии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ва дараҷаи нокофии дониши хонандагон доир ба масъалаи мазкур;
- зарурияти ба роҳ мондани таълими инфиродӣ-тамоюлӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва норасоии коркарди мувофиқати технологияҳои муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ;
- аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани зарурияти муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ ва норасоии коркарди шароити методии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба корбурди компютер дар раванди таълими технологияҳои итилоотӣ;
- ба таври назаррас рушд намудани иқтидори компютер ва дар доираи маҳдуд амалан истифода бурдан дар МТМУ.

Аз гуфтаҳои ба ҳам ихтилофи дар боло зикргардида масъалаи таҳқиқот ба миён меояд, ки омӯзиши шароити банақшагирии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои бехтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро доро аст ва такмили дараҷаи таълими компютерӣ дар хонандагонро зоҳир менамояд.

Аз ҳамин лиҳоз, мо мавзуи таҳти унвони «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»-ро интихоб намуда, мавриди баррасӣ қарор додем.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими математика ва информатикаи МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров робитаи қавӣ дорад. Мавзӯи тадқиқиотии барои пажӯҳиш интихобшуда қисми муҳими корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогика, психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба шумор рафта, дар тарбияи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯён дар самти муносибати эҳтиёткорона бо компютер ва дигар воситаҳои техникӣ аз аҳамияти муҳим бархурдор мебошад. Аз ин рӯ, кори диссертатсионӣ дар заминаи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент барои солҳои 2016- 2020 дар мавзуи "Таҳсилоти муосир ва технологияҳои педагогии инноватсионии таълим" ва нишондодҳои асосии муқаррароти Стратегияи миллии рушди илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро гардидаст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** муайян намудани асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот**: Барои расидан ба ҳадафҳои асосии тадқиқот иҷрои вазифаҳои зерин муҳим ва зарур ба шумор меравад:

1.Таҳлили асосҳои назариявии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ.

2.Муайян намудани вазъи методи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ.

3.Тавсифи вазъи педагогии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

4.Ташаккул додани шаклу методҳои асосии муносибати этиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютерҳо дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ.

5.Таҳия намудани методи ба роҳ мондани амсилаи методии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ.

6.Таҳияи амсилаи методи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ.

7.Бо роҳи таҷрибаомӯзӣ санҷидани эътимоднокӣ ва дурустии амсилаи низоми методӣ оид ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ.

**Объекти тадқиқот** - раванди дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Мазӯи (предмет)-и тадқиқот** - бо назардошти технологияҳои педагогӣ дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Фарзияи тадқиқот** дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, агар:

-дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ коркард гардад;

-дар вуҷуди хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ шароити методӣ муайян гардад;

-дар вуҷуди хонандагон рушд бахшидани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ алгоритм коркард гардад;

-дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардад;

-дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ амсилаи методӣ коркард гардад.

-дар хонандагон ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ бо шаклҳо ва методҳои асосӣ муайян гардад;

-дар хонандагон коркарди методи ба роҳ мондани шароити педагогии ташаккул додани муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Кори таҷрибавӣ дар давраҳои солҳои 2018 то 2023 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Марҳилаи аввали таҳқиқот**, сохторӣ (солҳои 2018-2020) тадқиқи ҷанбаҳои мухталифи мушкилот, гузаронидани таҷрибаи ҷустуҷӯӣ ва интихоби мавзӯъ, асоснок кардани ғояҳои марказӣ, ҳадафҳои асосӣ ва вазифаҳои мушаххаси корҳои илмӣ; таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба масъалаи таҳқиқот, ҳамчунин рисолаҳое, ки ба масъалаи таҳқиқшаванда наздиканд, бо мақсади муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот; таҳияи нақшаи таҳқиқоти стратегӣ, ки

яке аз нуктаҳои он ташкили таҷрибаи ҷустуҷӯӣ мебошад; омӯзиши таҷрибаи оммавӣ ва рушди педагогии кори омӯзгорон, ки дараҷаи инкишофи мушкилоти асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ инъикос мекунад. Ба ғайр аз ин, нишондиҳандаҳои ташхисӣ барои муайян кардани сатҳи ибтидои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ таҳия гардидаанд ва дар заминаи онҳо супоришҳои тестии компютерӣ сохта шудаанд; таҷрибаи муайян гузаронида шуд ва натиҷаҳои он таҳлил карда шуданд.

**Марҳилаи дуюми таҳқиқот**, ташкилӣ (солҳои 2020-2022) буда, аз таҳияи амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ; дар амал татбиқ намудани технологияи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ; ҳангоми муайян кардани шароити методологии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ.

**Марҳилаи сеюми таҳқиқот**, ниҳоӣ (2022-2023), ки дар марҳилаи ниҳоии озмоиши педагогӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, аз ҷумла арзёбии самаранокии технологияи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ иборат буд. Дар марҳилаи сеюм методҳои зерин мавриди истифода қарор гардиданд: таҳлили муқоисавии натиҷаҳои иҷрои вазифаҳои назоратӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ бо назардошти истифодаи методҳои омори математикӣ.

**Асоси методологию назарии тадқиқоти** моро ғояҳо доир ба ягонагӣ ва арзиши аслии синни мактабӣ дар осори олимони мазкур (Ю.К. Бабанский, П.Я. Галйперин, А.В. Запорожец, С.Л. Новоселова, Д.Б. Элконин), қоидаҳо дар бораи имкониятҳои неруӣ барои хонандагон (Л.С. Виготский, С.Л.

Рубинштейн, Д.Б. Элконин ва ғайра.), назарияи ташаккули давравии амалҳои равонӣ (П.Я. Гальперин, Н.Ф. Тализина), низоми фалсафаи таълим ва методологияи илмҳои психологӣ ва педагогӣ (Ю.К. Бабанский, В.П. Беспалко, Б.С. Гершунский, В.Е. Гмурман, В.И. Загвязинский, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин); назарияи ба роҳ мондани компютерҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф (Ш.С. Ахраров, Б.С. Гершунский, А.П. Ершов, А.Г. Кушниренко,Б.Е. Стариченко, В.Ф. Шолохович ва ғайра.) ба вуҷуд овардаанд.

Барои санҷидани фарзияҳо (гипотезаҳо) ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда маҷмуи методҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор дода шуданд: мавриди санҷиш қарор додан ва такмили ҳамдигар: таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ; методҳои ташхис: пурсишӣ; санҷишӣ; мусоҳибавӣ; таҷрибавӣ: сохторӣ; шаклӣ; таҷрибаи назоратӣ; праксиметрӣ: таҳлили натиҷаҳои фаъолият; омӯзиш ва ҷамъбасти корҳои педагогӣ.

**Сарчашмаҳои маълумот:** Манобеи зерин ҳамчун сарчашмаҳои асосии тадқиқоти илмӣ ба шумор меравaнд:

а) Осори илмӣ тадқиқотии олимони соҳаҳои педагогика ва психология, методикаи таълим, ки ба масъалаи ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба компютер дар раванди таълим бахшида шудаанд;

б) Санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии байналмилалӣ;

в) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ:

- Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ;
- Стратегияи миллии рушди маориф дар ҶТ то соли 2030;
- Қонуни ҶТ дар бораи маориф.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ дар самти муқаррар намудани мазмуни таҳсилот, вазъи таълим ва дараҷаи азхудкунӣ ва дониши хонандагон, ки дар асоси методи омории таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст, инчунин методҳои мушоҳида, таҳлил ва пурсиш бо мақсади ҳосил кардани хулосаҳои даркорӣ аз фаъолияти касбии омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ дар робита

ба ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба компютер; таҳлил, натиҷагирии маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва баррасии таҳлили қиёсии натиҷаҳои онҳо ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ҳосил шудаанд, ба вуҷуд овардаанд,.

**Пойгоҳи тадқиқот**. Асоси ташкилии таҳқиқотро мактабҳои миёнаи № 49, 1, 3, 154, 71 ва литсейи №1-уми шаҳри Панҷакент ташкил медиҳанд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот 748 хонандаи мактабро фаро гирифт.

**Навгонии илмии тадқиқот**ро ба сурати зайл метавон муқаррар намуд;

-баррасии асосҳои назарии корбурди компютер ва усулҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ;

-муайян кардани шароитҳои методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- таҳия намудани амсилаи методи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- таҳия намудани шаклҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- коркарди татбиқи методологияи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- тавсифи шароити педагогии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ аниқ кардани дурустии амсилаи низоми асосоҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии

муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1.Ба низом даровардани асосҳои методологии корбурд компютер ва равандҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ пайванди муҳим бо равишҳои солим ва вазъӣ муносибати муҳим дорад. Ин раванд хусусиятҳои синнусолии мактабӣ, зарурияти технологияҳои гуногунро ҷиҳати истифодаи компютер ва равишҳои беҳтсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ, инчунин интихоби усулҳои муосиру самарабахши истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон бо вазъияти мушаххас муқаррар мегардад.

2.Амсилаи методи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ (ҳадаф, равиш, мақсад, марҳилаҳо, муҳтаво, вазъи педагогӣ, натиҷа) заминаи методҳои дар фаъолияти хонанда истифодамешуда рушди гуманитарии технологияҳо ба ҳисоб меравад ва бо назардошти ягонагии ҷудонашавандаи мундариҷаи ҷузъҳои таълимӣ ва мурофиавӣ амалӣ карда мешаванд.

3.Татбиқи бомуваффақияти методи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ барои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ шароити педагогиро ба вуҷуд меорад:

- амалигардонии талаботи хонандагон доир ба муносибати ҳассосона ба компютер дар раванди таълим тавассути технологияҳои муосири педагогӣ;

- ҳавасмандкунонии педагогии фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ дар хонандагон;

- компютерикунонии таълим ва муҳити атроф;

- истифодаи методҳои фаъол ва интерактивии таълим (васоити мустақим ва ғайримустақим) асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

4. Шароити методӣ дар заминаи ба кор гирифтани бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим метавонад ҷиҳати ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер ва дигар навъҳои технологияҳои иттилоотӣ, бахусус ҳангоми таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ нақши муассир гузорад. Ин шароитро метавонад ба таври зайл шарҳу тафсир намуд:

- ҳамчун воситаи фаъол компютер мавриди истифода қарор дода мешавад;

- омезиши методҳои анъанавӣ ва компютерӣ доир ба маърифати муносибати эҳтиёткорона;

- таъминоти методӣ, ки дар асоси низом , аёният, фардият ва аз ҷумла барномаи таълимӣ, маводҳои дидактикӣ: матнҳо, тасвирҳо, аксҳо ва ғайра рӯи кор омадааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки вазъи методологӣ муайян карда шудааст, ки ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад; амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз таҳияи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар низоми омода намудан ва бозомӯзии муаллимон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** тавассути интихоби методологияи илмӣ, истифодаи дастовардҳои илмҳои психологӣ ва педагогӣ,

истифодаи маҷмӯаи методҳои эмпирикӣ ва назариявии ба мавзӯъ мувофиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, намояндагӣ, намунаҳо ва маълумоти таҷрибавӣ, омезиши таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ, табиати дарозмуддат ва гуногунҷабҳа таъмин гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия таҳти унвони " Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ." барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:**

- дар ҷараёни раванди таълими технологияи иттилоотӣ барои рушду такомули муносибати эҳтиёткорона бо компютер; дар омода намудани омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ ва хонандагони муассисаҳои озмоишӣ ба ташкил ва гузаронидани озмоиши таълимӣ саҳм гузоштааст, ки тафсилоташ дар фасли сеюми боби II баррасӣ шудааст; - дар ҷараёни озмоиши таълимӣ бевосита ширкат варзида, назорат ва мушоҳида карда, тибқи омӯзиш ва таҳлили асноди зиёди ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, фарҳангҳо ва тадқиқоти олимони соҳаҳои гуногун оид ба мазмуну моҳияти фарҳанги худшиносӣ рӯшанӣ андохтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаи диссертатсия.** Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласа ва семинарҳои илмии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулоса ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву таҳлил қарор ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Дар асоси диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ва 6 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 185 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии 8 ҷадвал ва 7 расму диаграммаҳо таҳия шудааст. Диссертатсия 204 номгӯи адабиёти илмиро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНАИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР

## 1.1.Муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар истифодаи компютер ҳамчун масъалаи мубрами педагогикаи МТМУ

Муносибати эҳтиёткорона ва ғамхорона нисбат ба ҳар чиз аз ҷумлаи сифати ахлоқии шахс ба шумор рафта, қобилияти масъулияти ӯро аз рӯи рафторҳои худ таҷассум мекунад. Аз сӯи дигар, муносибати эҳтиёткорона ба ҷомеа барои инсон, бахусус ба хонанда имкон фароҳам меварад, ки ба амали инсон баҳои дурусти ахлоқӣ дода шавад, зеро он, ба монанди дигар хислатҳои шахсӣ, дар самтҳои мухталифи фаъолияти худи инсон ба зуҳур мерасад. Шахс на танҳо объекти масъулият, балки субъекти он низ буда, вазифаи худро дар назди ҷомеа мустақилона ва озоду ихтиёрӣ иҷро мекунад, ки ин аз назари илми педагогика ва муносибатҳои педагогӣ бисёр муҳим аст, ки. Аз ин рӯ, муносибати эҳтиёткорона аз озодии шахс ҷудонопазир буда, ҳамчун як роҳи ифодаи он амал менамояд.

Муносибати эҳтиёткорона –дар ҳақиқат кори сангин (кори осон нест) буда, аксари одамон майл доранд, ки аз ғамхорӣ канораҷӯӣ кунанд. Одатан, одамон танҳо барои он чизе, ки "ба иҷрои он масъул шудаанд", ғамхорӣ мекунанд ё дар доираи манфиатҳои онҳо масъулият доранд, аммо одамоне ҳастанд, ки масъаларо масъулиятшиносона ва эҷодкорона ҳал мекунанд. Ҳар қадаре шахс неруманд бошад ва пайваста аз ҳар ҷиҳат рушд намояд, ҳамон қадар бештар метавонад маасъулият эҳсос намуда, ҷавобгарӣ дар иҷрои он ҳис намояд. Тибқи қоида, шахси калонсол барои сухан ва амалҳои худ вазифадор аст, ки ҷавоб гӯяд, аммо шахси неруманд ва рушдёфта барои чизҳои бештар - ҳам барои фикрҳо ва ҳам барои ҳиссиёти худ масъул аст [7, с.4].

Муносибати эҳтиёткорона - ин масъулиятест, ки барои таҳаммули он барои инсон, хоса омӯзгор ва хонандагон ирода, омодагӣ ва маҳорат зарур аст. Муносибати эҳтиёткоронаи аз ҷиҳати ахлоқӣ инкишофёфта барои инсон

неру ва ба саломатии ӯ аз ҷиҳати ҷисмонӣ офият мебахшад. Вақте бори масъулият гарон аст, табиатан масъалаи тақсимоти масъулият ба миён меояд ва ин он бо роҳҳои гуногун ҳалли худро дармеёбад. Аммо муносибати эҳтиёткорона на танҳо масъулият, балки роҳхат ба ҷаҳони калонсолон, инчунин воситаи роҳ ёфтан ба ҳуқуқҳо ва имкониятҳои бузург ба шумор меравад. То он даме, ки шахс масъулияти шахсиро эҳсос мекунад, ӯ аз мустақилият маҳрум карда мешавад. Шахсе, ки масъулияти бештарро ба дӯши худ мегирад, ҳуқуқи мустақилияти бештарро ба даст меорад. Тибқи қоида, шахси масъул дорои эътибори баланд ва дурнамои беҳтартари зиндагӣ мебошад [119].

Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ барои таълими муҳассилин ва муошират бо онҳо волидон фурсат зарурӣ надоранд ва масъулияти тарбияи фарзандони онҳо бештар ба зиммаи МТМУ вогузор мегардад. Аммо, МТМУ дар алоҳидагӣ аз волидайн ва мардум, тавре ки таҳлили марказҳои илмӣ ва омӯзгорӣ оид ба мушкилоти масъулият ва таҷрибаи педагогӣ нишон дод, муваффақияти ташаккули онҳоро имрӯз таъмин карда наметавонад. Омӯзиши ташаккули муносибати эҳтиёткорона дар таҳқиқоти олимони зерине М.В. Матюхин, А.В. Захаров, Г.Б. Тагиева дар дигар таҷрибаи педагогон қайд шудаанд:[120, с.265; 49, с.34]. Масъалаи мазкур асосан дар дораи муаммоҳои зерин баррасӣ гардидааст:

- паст гардидани муносибати эҳтиёткорона, ки чун натиҷаи аз миён рафтани қувваи ҳавасмандии омӯзиш, коҳиши дараҷаи интизом дар синф ва берун аз раванди дарс, дар сатҳи миёна, баргаштан ба тадбирҳои маҷбурии бенатиҷаи тарбиявӣ ба зуҳур мерасад;

- нуфузи фаъолияти ғайрифаъолонаи муҳассилин ва мавҷуд набудани механизмҳои дигар муваффақгардонандаи равандҳои фаъолияти гуногуни

иҷтимоиву маънавии хонандагон дар вуҷуди омӯзгорон ва муаллимоне, ки ҳамчун роҳбарони синфҳо фаъолият доранд;

- коҳиши самаранокии ҷанбаҳои тарбиявии раванди таълим, соатҳои дарсӣ, ичунин дигар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо иштироки хонандагон.

Олим С.И. Ожегов муносибатро ҳамчун муошрати тарафайн чунин муайян мекунад [144, с.241];

- ғамхорӣ - зоҳир кардани ғамхорӣ, таваҷҷуҳ, шафқат - эҳтиёткор - бодиққат, ғамхор.

Аз ин рӯ, муносибати эҳтиёткорона дар навбати аввал ин муоширати байни хонандагон ва компютер мебошад, ки дар он ғамхорӣ, таваҷҷуҳ ва дилсӯзӣ ба воситаҳои технологии мазкур зоҳир мешавад.

Дар таҳқиқоти худ педагоги машҳур А.С.Макаренко таъкид менамояд, ки муносибати эҳтиёткорона дар раванди таълими фан на танҳо аз он иборат аст, ки шахс аз ҷазо метарсад, балки дар он ҳам ифода меёбад, ки ҳатто дар ҳолати бе ҷазо мондан худро ноҳинҷор эҳсос менамояд, агар чизе бо айби ӯ бад ё нобуд шуда бошад. Ҳисси масъулият дар ин ҳолат боло мегирад ва беэҳтиётӣ сабаби сар задани ягон камбудӣ ё мушкилот мешавад. Хонанда ё омӯзгори масъулиятшинос вақте дарк мекунад, ки беэҳтиётии ӯ сабаб бар сар задани чунин камбудӣ гардида, вале ӯ беҷазо мондааст, руҳан азоб мекашад. Аммо чунин ҳолат барои ҳамаи хонандагон ба зуҳур намерасад ё ба таъбири дигар, на ҳама хонандагон соҳиби ҳисси шинохти чунин масъалиятро доранд. Маҳз чунин масъулиятро бояд дар насли муосир тарбия намуд, махсусан тарбияи масъулият дар ҳолатҳое, ки манфиатҳои одамони дигар, яъне манфиатҳои ҷомеа ба онҳо таъсир мерасонанд, муҳим мебошад [115, с.123].

Дар ҷараёни ташаккули ҳиссиёти муносибатҳои эҳтиёкоронаи худ, ҳар шахс хеш аз ҳолатҳое чун худбиниву худхоҳӣ худбаҳодиҳивӣ муҳофизат менамояд. Бар ин асос, дар ин ҳолат масъулият ҳамчун як дараҷаи муайяни ахлоқу одоб ва қонуну қоидаҳои муайян баромад мекунад ки муносибатҳои муҳим ва зарурaтии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ-ҳуқуқии шахсро ба афроди дигар, бо ҷомеа ва дар умум тамоми аҳл инсоният таҷассум мекунад, ки бо иҷрои рисолати ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии худ марбут мебошад.[153].

Муҳаққиқ А.Г.Спиркин дар иртибот ба ин масъала таъкид менамояд, ки маърифати дурусти муносибати эҳтиёткорона на ҳар як рафтори шахс, балки фақат ҷанбаҳои иҷтимоии вайр шарҳу тафсир мекунад. Манбаи муҳим ва воқеии масъулият, ки ба самтҳои дар назди худ ва ҷомеа тақсим мешавад, ба андешаи донишманди фавқуззикр А.Г.Спиркин иртиботи ҳаққонии миёни ҷомеа ва инсон ба шумор меравад, ки вежагиҳои ба ҳам мухолифро соҳибанд. Дар канори ин, ҳолати иҷтимоӣ барои зуҳури субъекти масъулият нақши муассир мегузорад. Масъулият ба унвони шакли падид омадани ҳамкории инфиродӣ ва ҷомеа, дорои табиати шахсӣ ва иҷтимоӣ аст. Бар ин асос метавон бар ин натиҷа расид, ки масъулияти шахс на танҳо дар назди ҷомеа, балки ҷомеа дар назди инсон низ мавҷуд мебошад[185, с.22].

Олим А.Ф.Гулевский дар таҳқиқоти хеш ба ин натиҷа расидааст, ки муносибати эҳтиёкорона сифат ва дараҷаи ахлоқии шахс буда, маҳорати шахсро барои иҷрои амалҳои вай ҳамчун «масъулияти иҷтимоӣ» ва қобилияти ҳосилкардаи вай тавассути воситаҳои психологӣ ва педагогии таҳлили рафтор ва амалҳои фардии хеш ва афроди дигар маънидод мекунад[35, с.8].

Муносибати эҳтиёткорона дар навбати аввал муносибати диалектикии миёни шахс ва ҷомеа ба шумор рафта, дар асоси ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳарду ҷониб ҷиҳати риояи раҳнамоиҳои марбут ба меъёрҳои иҷтимоӣ, ба амал пайвастани онон, тасдиқ, ҳавасмандгардонӣ ҷараён мегирад ва дар мавридҳои зуҳури рафтори бидуни шинохти масъулият ба дастуроти меъёрҳои мазкур, ӯҳдадориҳои таҳаммули оқибатҳои номусоид ва номатлуби онҳо мутобиқат пайдо наменамояд [14, с.37].

Олими дигари ин соҳа О.В.Донева таъкид менамояд, ки муносибати эҳтиёткорона дар назари аввал тарбияи устувори шахсият маҳсуб меёбад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия рушд карда, ҳамзамон ба ин кирдору амалҳои хонандагон ва афроди калонсолро мутобиқ бар дараҷаи огоҳии онҳо аз меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, истиқболи арзишҳои муҳими маънавӣ ва ахлоқӣ муқаррар месозад. Ба назари ин донишманд, ҷомеа, вежагиҳои

муҳими интихоби шахсӣ, дигаргун сохтани вазъи иҷтимоиро ба воситаи ба вуҷуд овардани фаъолият, расидан ба ҳадафҳо ва бартараф намудани монеаҳои ба миён омада соҳиб аст[40, с.14]. Дар канори ин , муносибати эҳтиёткорона имкон дорад, ки ҳамчун хусусияти устувори шахсият муқаррар карда шавад, ки ба қабул, маърифат ва дигаргун кардани ҳолатҳои дигари дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ аз тарафи шахс ба воситаи ба роҳ мондани фаъолият, муваффақ гардидан ба ҳадафҳо ва рафъи монеаҳои ҳосилшудаpавона гардад[40, с.16].

Дар канори ин, муносибати эҳтиёткоронаро метавон ба гунаи як марҳилаи мукаммали муносибати шуурнок, интихоб дар заминаи рафтор ва кирдори хеш ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба шумор овард. Ҳангоме ки шахс чизере ё амалеро мехоҳад иҷро кунад, вай муваффақ мегардад, ки манфиат ва талаботу ниёзмандиҳои афроди дигар, шароити иҷтимоии онҳоро ба эътибор гирифта, оқибатҳои иҷтимоиро онҳоро низ муқаррар ё пешгӯӣ намояд[40 , с. 44.].

Олимони дигари сатҳи ҷаҳонӣ М.Мескон, М.Алберт, Ф.Хедоури чунин андеша доранд, ки шахс дар пешорӯи ҷомеае, ки дар он муҳити кории хешро фаъол намуда, масъулиятҳоро бар дӯши самарабахшӣ, касб, даромад ва ба тартиби муқарраршуда риоя намудани талаботи муқаррарнамудани қонунгузорӣ мегузорад. Дар миёнии ҷомеа ғояҳои муайяне арзи ҳаст мекунанд, ки мутобиқи онҳо чигуна рафтор намудани инсон муқаррар ва дақиқ карда шудааает. Маҳз, ҳамин ғояҳо омил мешавад, ки инсон мутобиқи онон ҳамчун узви соҳибмаърифати ҷомеа ба шумор оварда шавад. Мулоҳизаҳои дар ин асос рушдёфта, ки бештари маврид аз рӯи интизориҳои ҷомеа муқаррар мегарданд, ба он меанҷоманд, ки шахс бояд дар самтҳои бешумори ҳаётии хеш, чун, ҳифзи муҳити зист, саломатӣ ва бехатарӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва амсоли ин аз рӯи масъулиятшиносии сатҳи баланд фаъолияти хешро иҷро намояд[121, с.45].

Дар асоси андешаҳои А.В.Белов метавон се дараҷаи механизми ба амал пайвастани муносибатҳои эҳтиёткоронаро муқаррар кард: субъективӣ (дар

мақсаду маром ва арзишҳо, омилу сабаб ва навъҳои интихоб таҷассум меёбад). Иртиботии мустақими самтҳои қобили арзиш ва аҳамият бо натиҷаҳои муқарраркардаи иҷтимоӣ ва ба дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати иҷрои онҳо дар замни интихоб ва қабули қарор зоҳир мешавад, ки ба чунин принсипи эҳтиром дар муносибат ба шахс асос мегирад;

- шахсӣ-психологӣ (низоми андеша ва афкори шахсӣ, ибтикор ва талошҳои иродавиро фароҳам меоварад). Вежагии муҳим ва фарққунандаи масъулияти рафтори иҷтимоӣ ибтикор ва мустақил будан ба шумор рафта, талошҳои вобаста аз иродаро ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳо (ваҳму тарс , гумонҳои нодуруст нисбат ба дигарон, муҳим будани таъмини ҳузури иштирокчиёни дигар, хароҷоти молӣ ва ғ.) фаро мегирад. Ҳадафи аслии рафтори марбут ба масъулияти иҷтимоӣ дараҷаи поин доштани рушди ҳавасмандкунӣ мебошад. Ин дар ҳолест, ки ба чунин рафтори шахсият сатҳи баланди рушди маънавӣ хос мебошад.

- амалӣ (рафтор). Дараҷаи баланди зуҳури масъулияти иҷтимоӣ ин худ ҳуҷҷате мебошад, ки ба гунаи як рафтори комилан муҳим ва аз назари ахлоқӣ ҷилваи комилан нави инсон зуҳур мекунад, ки ба ҳолати беҳдошти иҷтимоӣ, ба амал пайвастани арзиш ва озодиҳои ҳаётӣ равона гардидааст[10, с.7].

Донишманди дигари А.Ф.Гулевская сохтори функсионали муносибати эҳтиёткоронаро ба таври дақиқ муқаррар намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки маҷмуи табиати бисёрҷабҳаи онро ба се унсури муҳим ё се ҷузъи таркибӣ тасниф намудан имконазир мебошад:

-когнитивӣ – низоми фарогирии дониши инфродӣ роҷеъ ба масъулияти иҷтимоӣ;

-мотиватсионӣ (маромнокӣ)– низоме, ки ҳадафҳои аслии масъулияти иҷтимоиро муқаррар дар худ фаро мегирад;

фаъолиятӣ – низоме мебошад, ки дар асоси он барои интихоби маърифати хатти рафтори инсонӣ омодагиҳо сурат мегиранд [35,с.11].

Ба вуҷуд овардани тарбияи рукнҳои муҳими равишманди истифодаи компютер ва усулҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар

ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ, ба таври куллӣ ба раванди таълим мутобиқи марҳалаи муҳим ва ҳалкунаннда аз ҷумлаи фазилат ва хислатҳои шахсии муаллим марбут мебошад. Миёни хислатҳои муҳими муаллим, ки барои такмили тарбияи диққат дар вуҷуди хонандагон муҳиманд, метавон инҳоро зикр кард:

- таваҷҷуҳи хос ва қобилияти мушоҳидаи муаллим; дар ин ҳолат аз хонандагон пурсида намешавад, ки онҳо ӯро мефаҳманд ё не, балки онро аз симо ва чеҳраи онҳо дарк мекунад;
- маҳорат ва қобилияти ба худ ҷалб кардани хонандагон бо ҳама чиз ва ҳар он чи, ки рух медиҳад;
- дарки синф (аудитория);
- муҳаббат ба фанни хеш;
- маҳорати актёрӣ;
- диққат додан ба ҷаҳони ботинии дохилии хонандагон ва ғамхорӣ ба онҳо;
- таваҷҷуҳ ба амали хеш, худназораткунии доимӣ, хатоҳои нобахшиданӣ эътибори муаллимро паст мекунанд;
- боварӣ ба хеш;
- неруи дохилӣ – ин на доду фарёд ва садо, балки оромии комил, тартиб, оромиш ба шумор меравад;
- кордонӣ, неруманд идоракунии дарс;
- маҳорати робитаи доимӣ бо хонандагон.

Васоити таълим ва тарбия - ҳамаи он маводе, ки бо ёрии онҳо муаллим ба хонандагон таъсири таълимӣ мерасонад (раванди таълим). Тавассути таълим объектҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ мутааллиқ, он барои ҳалли масъалаҳои педагогӣ мусоидат менамояд, ташаккул меёбанд. Ин воситаҳо ба раванди татбиқи муваффақонаи принсипи аёниятро дар ҷараёни таълим мусоида карда, афзоиши босамари раванди таълимро таъмин мекунанд, барои муҳассилин дар сурати мушоҳида ва таассуроти ҳосилшуда

ҷиҳати ба амал пайвастани маърифати таълимӣ ва фаъолияти зеҳнӣ дар ҳамаи мароҳили таълим маводи зарурӣ манзур менамоянд.

Васоити таълим ҳамчун объекти моддӣ ё тамсилӣ (идеалӣ), ки аз ҷониби муаллим ва хонандагон барои азхудкунии дониш истифода мешавад, маърифат карда мешавад [98, с.125].

Мақсад ва вазифаҳои аслии истифодаи васоити таълимӣ ҳангоми таълимӣ технологияҳои иттилоотӣ аз инҳо иборат мебошад:

- ба эътибор гирифтани махсусиятҳои синнусолӣ ва психологии мактаббачагон ;

- дар сатҳи матлуб ба кор гирифтани васоити мухталифи таълимӣ: суннатӣ ва муосир ҷиҳати таъсири ҳаматарафа,мақсаднок ба ҳиссиёт, шуур, муносибати мактаббачагон ба воситаи истифодаи унсурҳои эҳсоси биноӣ, шунавоӣ ва бо дигар мақсадҳои мувофиқи мақсади таълимӣ;

- бо такя бар мақсадҳои дидактикӣ ва муҳимтарин меёърҳои дидактика (аз ҷумла, истифодаи принсипҳое чун аёният, дастрасӣ ва м.);

- аз хонанда тарбия намудани педагог;

- афзалияти қоидаҳои бехатарӣ доир ба истифодаи воситаҳои таълимӣ.

Намудҳои васоити таълим:

1. Чопшуда (китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, китобҳо барои хониш, , дафтарҳои корӣ, маводи тақсимшаванда).

2. Маводи электронии таълимӣ (мултимедияҳои таълимӣ, китобҳои раванди таълими мултимедия, манбаъҳои шабакавии таълимӣ, донишномаҳои (энсиклопедияҳо) универсалии мултимедиявӣ).

3. Аудиобасарӣ (слайдҳо, слайд – филмҳо, видеофилмҳои таълимӣ, кинофилмҳои таълимӣ, филмҳои таълимии рақамӣ).

4. Аёниятҳо (плакатҳо, харитаи деворӣ, намунаи расмҳои деворӣ, тахтаҳои магнитӣ).

5. Намоишӣ (гиёҳнома (гербарии), амсила (муляж), намуна (макет), амсилаи бурриш, амсилаи намоишӣ).

6. Лавозимоти таълимӣ (қутбнамо (компас), ҳавосанҷ (барометр), колбаҳо ва ғ.

7. Таҷҳизоти варзишӣ.

Компютер воситаи умумии таълим ба ҳисоб меравад, ки онро дар корҳои гуногуни марбут ба раванди таълим ва беруназсинфӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, ин восита ба доираи таълими анъанавӣ бо назардошти истифодаи васеъи тамоми воситаҳои таълимӣ мувофиқат мекунад. Компютер имкон дорад, ки тавассути ширкати фаъоли мактаббачагон ҳангоми таълим нақши муассир гузорад, бо ҳифзи диққат ба дарк ва маҳфуз мондани маводи таълимӣ дар зеҳну хотираи хонанда омил гардад.

Бояд зикр намуд, ки компютер як қисми ҷудонопазири таркибии ҳаёти одамон дар замони муосир маҳсуб меёбад. Он дар иҷрои вазифаҳои гуногун, аз ҷумла дастрасӣ ба иттилоот, фатҳи роз ва роҳи дониш дар саросари ҷаҳон кӯмак мекунад ва аксар вақт имкон медиҳад, бо онҳое, ки дар шаҳр ё кишвари дигар ҳастанд, муоширатбарқарор гардад. Дар канори телефон компютер бо васл шудан ба интерент муҳимтарин воситаи муошират, робита ба ҷаҳони муосир, истифода аз донишу малакаҳои дигар қарор мегирад. Дониши хуби компютер дар фаъолият, таҳсил ва бисёр дигар соҳаҳои ҳаёт мусоидат менамояд.

Агар компютер танҳо ҳамчун воситаи фаъолияти таълимӣ истифода шавад, пас вазифаҳои он аз масъулиятҳое, ки дар доираи дигар фаъолиятҳо иҷро мегарданд, чандон фарқ намекунанд. Имкониятҳои татбиқ аз низоми пурсиш то васоити амсилакунонии баъзе ҳолатҳо ба таври назаррас сурат мегиранд.

Афзалиятҳои компютерҳо дар соҳаи маориф пеш аз ҳама аз инҳо иборатанд:

- ҳифозати маълумот;
- коркарди босуръати маълумот;
- васоити аудиобасарӣ дар тадрис;

- муаррифии беҳтарини маълумот;

- дастрасӣ ба Интернет;

- хизматрасонии мувофиқи мақсад ва дастрас байни хонандагон, муаллимон ва волидон.

Муҳимтарани масъалаҳои истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ аз инҳо таркби ёфтаанд:

1) таъмини баръакси алоқа дар раванди таълим;

2) таъмини инфиродии раванди таълим;

3) баланд бардоштани аёнии раванди таълим;

4) ҷустуҷӯи маълумот аз сарчашмаҳои гуногун;

5) амсиласозии равандҳо ё падидаҳои омӯхташуда;

6) ташкили коллектив ва фаъолияти гурӯҳӣ.

Компютер дар марҳилаи аввал мошини чопкуниро иваз карда, ҳамчунин ба корбар низоми хуби назорати имло, ҳуруфчинии матн ва тарҷумони худкорро фароҳам овард. Зиёда аз ин, имрӯзҳо компютер вазифаи телефон, китоб, китобхона, рӯзнома, мошинаи чопкунӣ, почта, муаллим, бозичаро иҷро карда, ба шумо имкон медиҳад, ки ҳисоботи муҳобиро дар коргоҳ таҳия намуда қаторахо, ҳавопаймоҳо ва киштиҳоро тавассути он идора кунед. Ба воситаи Интернет бо истифода аз компютер шумо метавонед харид кунед, хароҷоти худро пардохт намоед, маблағро аз ҷойи нишаст ба ҷойи даркорӣ интиқол диҳед. Бешубҳа дар тӯли даҳсолаҳо компютер, телефон ва телевизор дар як дастгоҳи маъмул муттаҳид карда шуда, мавриди корбурди ҳамагон қарор мегиранд. Дастгоҳи мазкур тақрибан ягона равзанаи ҷаҳонӣ хоҳад шуд: барои амрикоиҳо имрӯзҳо чунин сурат гирифтааст: он чизе ки дар Google нест, дар табиат низ вуҷуд надорад. Аксбардорони имрӯза, ба истиснои суратгирони инфиродӣ, бештар ба рақамӣ гузаштаанд [165, с.79].

Компютер ба шумо шароиту имконият фароҳам меоварад, ки сифати тасвирҳо ва суръати паҳншавии онҳоро беҳтар намоед: аз лаҳзаи гирифтани акс аз ҷои ҳодиса то лаҳзаи чоп дар он, танҳо якчанд дақиқа вақт лозим асту халос. Бинобар ин, мо мебинем ки компютерҳо ба тамоми соҳаҳои фаъолияти

инсон ворид карда шуда истодаанд ва дар он ҷое, ки онҳо имрӯзҳо истифода намешаванд - бешубҳа фардо мо тасаввур карда наметавонем, ки бе онҳо чӣ гуна кор хоҳед кард. Пешрафт ногузир аст, имрӯз ҳар кас мехоҳад, ки интернети баландсуръат дошта бошад. Истифодаи компютерҳо, барномаҳо, ворид сохтани низоми идоракунӣ дар корхонаҳо дар шароити нави таърихӣ ба инсон имкони онро медиҳад, ки корро бо сифати баланд, босуръат ва дар муҳлати кам ба анҷом расонад. Соҳибони онҳо дар замони муайян шоҳиди он мешаванд, ки дар ширкат ё корхонеа чӣ воқеа рух дода истодааст. Масалан, ҳангоми татбиқи низоми идоракунии муносибатҳои мизоҷон (НИММ) , ҳама зангҳои муштариён дар як низом ба назар гирифта мешаванд. Пеш аз татбиқи низоми (НИММ), бештари муштариён ва мушкилоти онҳо фаромӯш карда шуданд. Компютерҳо дар кадом ихтисосу касбе набошад роҳ, усул ва тарзи фаъолияти моро дигар карданд. Аз ин рӯ, табиист, ки солҳои охир нақши компютерҳо дар раванди таълим низ аҳамияти муҳим касб мекунад ва компютерҳо дар ҳамаи соҳаҳо ҷойгоҳи махсуси хешро дарёфтаанд.. Онҳо дар расонидани кӯмаки компютерӣ оид ба равандҳои саноатӣ ширкат меварзанд, дар соҳаи тиб барои ташхис, ҷарроҳиҳои муосир мавриди истифода қарор дода мешаванд; онҳо сабаби рушд ва пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ гардида, дар соҳаи таълим низ нақши муҳим мебозанд. Аз ҳамин сабаб, низоми маориф доир ба татбиқи таълими компютер дар доираи барномаи таълимии мактабҳо иқдомоти назаррас аз сар гирифта мешавад. Бо дарназардошти истифодаи технологияҳои компютерӣ тақрибан дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, барои ҳар як шахс ҳадди аққал бояд маълумоти одии истифода намудани компютерҳоро дошта бошад. Барои ин зарурати баррасии нақши технологияи компютерӣ дар раванди таълим пеш меояд, ки дар ин фасли диссертатсия мавриди баррасӣ қарор дода шулааст.

Методҳои истифодаи компютер ҳамчун васоити таълим дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ба таври гуногун сурат мегиранд: ин кори тамоми синф, гурӯҳҳо ва кори инфиродӣ ба ҳисоб меравад. Методҳои номбаршуда на танҳо аз сабаби мавҷуд будан ё набудани миқдори

кофии таҷҳизот, балки ба мақсадҳои дидактикӣ низ вобаста мебошанд. Ҳамин тавр, агар дар синф танҳо муаллим як компютер дошта бошад ва ё муаллим дар назди худ вазифаи ташкили коллективиро оид ба ёфтани ҳалли масъалаҳо, таҳияи масъала ва ғайра гузорад, вай кори синфро дар асоси компютери муаллим ташкил мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо чунин муносибат нисбат ба кори инфиродии хонандагон бо компютер ҳатто самарабахштар сурат мегирад[165, с.94]..

Дар раванди педагогӣ роҳҳои мавриди истифода қарор додани компютер дар ҷараёни таълими технологияҳои иттилоотӣ бевосита аз вазифаи дидактикӣ вобастагӣ дорад.

Ҷанбаҳои асосие, ки бояд ҳангоми таҳлили барномаи таълимии компютерӣ ва татбиқи он амалӣ гардад, аз инҳо таркиб ёфтаанд:

*психологӣ* – барномаи мавриди назар ба ҳавасмандии омӯзиш, муносибат ба мавзӯъ вобаста аст ва дар асоси он ба суолҳои зерин посух меҷӯем; чӣ гуна таъсир мерасонад, оё таваҷҷуҳро ба он меафзояд ё коҳиш медиҳад, оё хонандагон аз сабаби талаботи душвор, номафҳум тартибдодашуда ё ғайримуқаррарии пешниҳодкардаи худ ба худ боварӣ надоранд;

*педагогӣ* - барнома то чӣ андоза ба самти умумии курси мактаб ҷавобгӯ аст ва ба ташаккули ғояҳои дурусти хонандагон доир ба муҳити атроф мусоидат мекунад;

*методӣ* - оё барнома ба азхудкунии беҳтарини мавод мусоидат менамояд, интихоби вазифаҳои ба хонандагон пешниҳодшаванда ва маводҳои методи пешниҳодшуда асоснок гардидааст ё на;

*ташкилӣ* – ин маънои онро дорад, ки оё дарсҳо ба воситаи ба кор гирифтани компютер ва технологияҳои нави иттилоотӣ дар сатҳи матлуб ва қобили аҳамият тарҳрезӣ шудаанд, оё вақти зарурӣ барои хонандагон ҷиҳати иҷрои корҳои мустақилона таввассути компюте мавҷуд мебошад ё на ?

Компютерҳо дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ бояд танҳо дар сурате истифода шаванд, ки агар онҳо бо хонандагон донишҳоеро

диҳанд, ки тавассути воситаҳои дигар ба даст овардани онҳо ғайриимкон ё душвортаре аст. Аммо омӯзишро тавре ба роҳ мондан хеле муҳим аст, ки хонандагон дарк кунанд, ки мушкилотро худи онҳо ҳал мекунанд, на компютер. Танҳо барои ҳалли натиҷаҳо худи хонанда масъул мебошанд. Муаллим оид ба фаъолият ҳавасмандии хешро гум мекунад, агар дар охири дарс самараи меҳнати он барбод равад, ҳангоми эҷоди маҳсулоти барномавӣ ё таҳияи маводи таълимӣ аз кори анҷомдодааш дар дарс истифода бурдан лозим аст.

Воситаҳои барнома бидуни мантиқи амиқи ҳаллу фасли амалҳо, дастуроти зарурӣ ва ҳатмӣ, чун унсуре қарор хоҳанд гирифт, ки тавассути онон муҳассисилин ин ё он усули муҳими маърифати мавод, дараҷаи зарурии сатҳи оқилонаи маводро интихоб намуда, барои муайян кардани кӯмакҳои барои бартараф намудани мушкилот зарурӣ иқдом менамоянд.

Аз тамоми навъи технологияҳои иттилоотии то кунун дар ҷараёни дарсҳои технологияҳои информатсионӣ мавриди истифода қарор гирифта, танҳо компютер метавонад дар ҳаллу фасли масъалаҳои зерин кумак кунад:

а) мувофиқ омадани маводи таълимӣ (дар асоси махсусиятҳои фардии муҳассилин);

б) бисёрсоҳавӣ будан (дар як маврид кори якҷояи гуруҳи истифодабарандагонро фаро мегирад);

в) интерактивӣ (пайванд ва ҳамкории якҷояи технологияҳои компютерӣ ва хонандагон, восита ба миқдори муқарраршуда роҷеъ ба муошират ва муносибати табиӣ);

г) назорат аз болои кори инфиродии хонандагон дар соатҳои беруназсинфӣ.

Истифодаи технологияи компютерӣ ба соҳаи маориф таъсири амиқ мерасонад. Тавассути компютерҳо ҷараёни таълим назар ба пештара осонтар ва хеле ҷолиб гардидааст. Бо сабаби соҳиби хотираи қавӣ будани компютерҳо дар онҳо захираҳои бузуруги маълумотро нигоҳ доштан имконпазир аст. Онҳо ҳангоми коркарди миқдори зиёди маълумот бо зуд кор

кардан хеле кам хато мекунанд. Компютерҳои шабакавӣ барои муошироти босуръат кӯмак мерасонанд ва дастрасӣ ба манбаъҳои захираҳои интернетиро таъмин мекунанд. Ҳифозати ҳуҷҷатҳо дар компютерҳо дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ ба сарфаи коғаз, наҷоти дарахтон ва ҷангалҳо мусоидат мекунад.

Курсҳои таълимии компютерӣ ва шаклҳои таълими интерактивӣ дар соҳаи таълим нақши калидиро мебозанд. Технологияҳои компютерии ба низоми муосири таҳсилот воридшуда онро комилтар мекунанд.

Олами гуногуни компютерӣ бо тасвир, ранг ва мусиқии дурахшонаш барои хонандагон ҷолиб ба назар мерасад, ӯ мехоҳад бо компютер беҳтар шинос шавад ва аз бозиҳои он дар навбати аввал истифода кунад. Тавре таҷрибаи андешашҳои педагогии А.С.Макаренко, ки аз таҷриба ҳосил шудаанд, гувоҳанд: «Бозӣ дар ҳаёти мактабхон басо муҳим мебошад, ҳамон тавре ки калонсолон фаъолият, кор, хидматро арҷ мегузоранд. Хонанда дар бозӣ чӣ гунае ки фаъол аст, дар кору фаъолият ҳам ҳамонгуна хоҳад буд». Ҳамин тавр, тавассути бозӣ омодагӣ ва ҳавасмандии хонандагон барои азхуд кардани чизҳои нави муҳити атроф ба вуҷуд меояд [115, с.1924].

Мусаллам аст, ки нисбат ба методҳои анъанавии таълими хонандагон компютер муфиду самаранок аст. Ин афзалиятро дар чанд нуқта метавонем шарҳу тавзеҳ диҳем:

1. Истифодаи компютер имкон медиҳад, ки муносибати ҳар як хонанда ҳамчун муносибати инфиродӣ интихоб гардида, ба имконияти беҳамто барои рушди эътимод шароит фароҳам меорад.

2. Компютер бо як намуди рамзии иттилоот кор мекунад: видео, мусиқӣ, мултипликатсия, ки барои хонандагоне, ки хонда ва навишта наметавонанд дастрас ва фаҳмо мебошад.

3. Шакли бозии иттилоотӣ, ки дар монитори компютер нишон дода шудааст, диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад. яъне, дар рушди диққат нақши муҳим дорад, ки дар раванди таълим бисёр муҳим аст.

4. Компютер ба воситаи ҳалли масъалаҳои ҳаяҷонбахш барои рушди фаъолияти маърифатии хонанда мусоидат мекунад.

5. Компютер ба хонандагон вақт медиҳад, ки оромона андеша ва ғалатҳои худро ислоҳ кунад.

Хонандагони муосир компютерро асосан барои бозӣ ё муоширaт дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор медиҳанд. Дунёи маҷозии бозиҳои компютерӣ, ки хонандагон дар он ворид мешавнд,бештар он ҷо зуҳуроти бераҳмию ноинсофӣ фаро мегирад. Худи қаҳрамон бо назардошти нерӯ, хирад, ақл, силоҳ, васоити ҳифозат бо ин ҷаҳон дучор меояд, ки барои ин ҳама чизҳои зарурӣ доранд: қувват, ақл, дониш, силоҳ, василаи муҳофизат ва ғайра рӯ ба рӯ меистад. Вай бояд "душманон"-и компютерро "бикушад" ва онҳо дар навбати худ кӯшиш мекунанд, ки ӯро "маҳв созанд". Хонанда ё наврас, ки муддати дароз дар чунин муҳит қарор мегирад, қонунҳои бозиро ба ҷаҳони воқеӣ табдил медиҳад: худро дахлнопазир ҳис мекунад, боварӣ дорад, ки аксарияти одамон душманананд ва ҷаҳон дар маҷмӯъ аз замоне, ки ҳаст, хатарноктар ба назар мерасад. Чунин бозиҳо барои бештари хонандагон ва наврасон ҳамчун тағирёбии бешууронаи муносибати онҳо ба ҷаҳон, ҷомеа, ба худ хидмат мекунанд, ки ин дар ниҳоят ба афзоиши бадрафторӣ, баланд шудани сатҳи изтироб оварда мерасонад. Дар натиҷа, хонандагон вақти худро, ки бештар дар сари компютер мегузаронанд дар онҳо асабоният, ҳаракатҳои ноҷоя пайдо мешаванд.

Нишона ва аломатҳои аз компютер вобаста будани хонандагон инҳоянд:

1. Хонанда завқу ҳаваси хешро ба дигар машғулиятҳои даркорӣ гум мекунад.

2. Ҳама вақтҳои холии худро кӯшиш мекунад, ки ба истифодаи компютер ё тамошои телевизион сарф кунад.

3. Муносибат бо дигар хонандагон танҳо тавассути бозиҳои компютерӣ сурат мегирад.

4. Зина ба зина робитаи байни волидайн ва хонанда коҳиш меёбад.

5. Хонанда муносибат бо комютерро нисбат ба дигарон афзал мешуморад.

6. Расман ба саволҳо ҷавоб медиҳад, аз суҳбатҳо канораҷӯӣ мекунад.

7. Хонанда роҳи фиребро пеш мегирад ва кӯшиш мекунад, ки бо ҳар роҳу восита хоҳишҳои худро амалӣ намояд.

8. Хонанда ба таври воқеӣ чӣ қадар вақтро дар компютер ё телевизор сарф кардааст, пинҳон мекунад.

9. Хонанда ба ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба компютер, телевизор, планшет ё телефон бо асабоният муносибат мекунад, хеле ғамгин мешавад, хашмгин мегардад, дағалӣ мекунад ва ҳатто метавонад дар лаҳзаҳои муайян гиря кунад.

10. Замони кор бо компютерро таҳти назорат қарор дода наметавонад.

11. Муҳассили мактаб одат мекунад, ки дар як вақт дар назди компютер хӯрок хурад, ки ин ба саломатии ӯ низ метавонад зарар оварад.

12. Хонанда баробари дамидани субҳ ва бедор шудан аз хоб аввалин хоҳише, ки мехоҳад аз пайи иҷрои он шавад, тамошои филмҳои тасвирӣ мебошад ё ҳадди ақал бо компютер банд шуда,фурсати зиёди хешро бо он гузаронад.

13. Вақте хонанда аз мактаб меояд, аввалин коре, ки ба иҷро мерасонад ин дар назди телевизор ё компютер будан ё нишаста ба шумор меравад.

14. Баландшавии эҳсосоти нофаҳмо, ки ба кайфияти бад оварда мерасонад. Агар шумо бодиққат назар кунед, мефаҳмед, ки ин ҳама аз муваффақиятҳо ва нокомиҳои маҷозӣ вобаста аст.

15.Нафари ба компютер вобасташударо дарҳол эҳсос кардан мумкин аст.

Хонанда ба он вобаста шуда рӯйдодҳои берунаро пай намебарад ё сарфи назар мекунад ва ба зиндагии воқеӣ хуб мутобиқат намешавад. Ҳатто зебоиҳои табиат аз ҷониби ӯ бо ҳаваси камтар қабул карда мешаванд, зеро имкониятҳои графикаи компютерӣ ҳадду ҳудуд надоранд ва дар экрани монитор манзараҳои аҷоиб, афсонавӣ, ки воқеан вуҷуд надоранд, пайдо мешаванд.

Ба миён омадани вобастагӣ аз компютер ва бозӣ марҳилаҳои зеринро доро аст:

1. Шавқу ҳавас дар марҳилаи азхудкунӣ. Моҳи аввали пас аз хариди компютер марҳилаи омӯзиши компютер мебошад. Ин раванд ғайриоддӣ, хандовар ва бениҳоят ҷолиб аст. Дар ин давра, нишасти тӯлонӣ дар компютер аз як моҳ зиёд нест ва пас аз ин амал тадриҷан кам мешавад. Дар ин ҳангом тартиботи меъёр метавонад ба миён ояд, ки ҳангоми гузаштан ба чизи барои ӯ ҷолибтар таваққуф сурат мегирад. Вале агар баромадан аз ин марҳила вуҷуд надошта бошад, пас гузариш ба марҳилаи дуюм имконпазир аст.

2. Вазъи эҳтимолияти вобастагӣ. Зиёд машғул шудан ба бозӣ, дар назди компютер беш аз 3 соат дар як рӯз нишастан, коҳиш ёфтани сатҳи ҳавасмандии таълимӣ, пастравии нишондиҳандаҳои таълимӣ, баланд шудани тобишҳои эҳсосот ҳангоми бозӣ, муносибати манфӣ ба ҳама монеаҳое, ки ба бозӣ халал мерасонанд, аз аввалин зуҳуроти ин марҳила ба шумор мераванд. Дар муошират мавзуи дӯстдошта ин муҳокимаи бозии компютерӣ мебошад, доираи танги муошират, баъзан халалдоркунии хоб ва монанди инҳо.

3. Вобастагии баёншуда. Хонанда худро идора карда наметавонад, аз ҷиҳати ба ҳаяҷон ноустувор мегардад, дар ҳолати зарурӣ халал ворид шудан ба бозӣ хеле асабӣ мешавад, ба эҳсосот дода мешавад. Дар сурати дахолат ба раванди бозӣ, наврас метавонад аз хона берун баромада, вақти зиёдеро дар клубҳои бозӣ ё дар назди дӯстонаш гузаронад. Либосҳои ифлос ва ба он этибор надодан, бетафовутӣ ба ҳама чизҳое, ки ба маҳфилҳои ӯ рабт надорад, ба дарсҳо ширкат наварзидан ин ҳама ба нишондиҳандаҳои таълим таъсири манфӣ мерасонад. Ҳаяҷон ва ташвиш, парешонхотирӣ низ берун аз фаъолияти бозӣ хос аст. Аз байн рафтани шавқ ба муошират хеле ба назар мерасад, ҷойивазкунии комили дӯстон бо компютер ба миён меояд, яъне ҷойи дӯстонро компютер ишғол мекунад.

Агар хонанда дар ин марҳила кӯмаки тахассусӣ нагирад, хатари ба марҳилаи 4-ум гузаштан мавҷуд аст.

4. Вобастагии клиникӣ. Шабонарӯз то 16-18 соат дар назди компютер мондан. Давра ба давра вайроншавии кори меъда (бидуни ин ё он таҳлили

ташхис) ба назар мерасад. Эҳтимолияти бадани ҷавон, ба ин васила, аксуламалҳои муҳофизатӣ - дард ва мушкилот рӯй медиҳад.

Ихтилофи ҷиддӣ аз меъёр дар рафтор, аксуламалҳо, эҳсосоти номатлуб ё сустӣ мушоҳида мешавад. Мавҷудияти беқурбшавӣ дар рафтор, тағйироти шадиди эҳсосот дар зуҳури шадиди онҳо ва набудани худдорӣ аз эҳсосот ва рафтор ба чашм мерасад.

Муваффақияти машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ бештар аз некӯаҳволии меҳнатии омӯзгор вобастагӣ дорад. Барои омӯзгори технологияҳои иттилоотӣ ҳар як дарс санҷиши истеъдод, дониш, иродаи омӯзгор мебошад. То чӣ андоза ӯ бомуваффақият ин озмоишро паси сар мекунад, инчунин он аз ҳолати равонӣ ва худидоракунии ӯ вобаста аст. Аз ин ҷиҳат, дар педагогикаи намоишӣ (театрӣ) машқҳо барои ташаккул додани диққат, тасаввурот ва хаёлот, ғояҳо аз қадимулайём мавриди истифода қарор дода мешуданд ва то ҳол доир ба ин дар педагогикаи амалӣ баҳогузорӣ нагардидааст. Бисёре аз машқҳои тайёрии саҳнавӣ барои омӯзгори технологияҳои иттилоотӣ муфид мебошанд, зеро дар байни актёр ва омӯзгор умумиятҳои зиёде мавҷуданд.

Якчанд қоидаҳои оддиро дар бораи он, ки чӣ гуна ҳангоми бодиққат истифода бурдани компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ диққати бештар додан лозим аст, дида бароед:

1. Диққат додан ба компютерҳо ин талабот барои аксари ихтисосҳо ба шумор рафта, қобилияти табиӣ бо алгоритми амалҳои пайдарпай иваз карда мешавад. Яъне, ба хонандагон дастур дода мешавад, ки чӣ гуна, чӣ тавр ва пайдарпай кор кунад, марҳила ба марҳила як унсурро тафтиш кунад. Махсусан, алгоритми амалҳо на танҳо доир ба масъалаҳои касбӣ мусоидат мекунад. Қоидаи кӯдаконро омӯхтан: ҳангоми убур аз кӯча аввал ба чап, пас ба рост нигаред, зиёда аз як нафарро наҷот диҳед, одамонро водор сохт, ки дар шароити муайян аз муқаррарӣ хеле бодиққат бошанд. Аз рӯи қоида бояд амал намуд, алгоритм дар раванди муносибати эҳтиёткорона доир ба

истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ аввалин маслиҳат дар бораи баланд бардоштани диққат аст.

2. Бо вуҷуди ин, дар раванди муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ хеле муҳим аст, ки ҳама чиз "ба таври худкор" нагузарад - бештар беэътиноии мо бо ин алоқаманд аст: майнаи сар ба кор одат мекунад чизе ба таври худкор, ки ба он чизе ки мо карда истодаем, он чиро, ки мо дар айни замон мебинем ё эҳсос мекунем, аҳамият намедиҳад (маҳз ин амалро кисабурҳо мавриди истифода қарор медиҳанд). Барои баланд бардоштани диққат муҳим аст, ки на танҳо нигаристан ба атрофи хеш, балки интиқоли диққати ғайриихтиёрӣ, мустаҳкам кардани он чизе, ки мебинед ё ҳис мекунед, ҳам дар мадди назар бошад. Мутаассифона, сабт кардани ҳама чиз асосан ғайриимкон аст - мағзи сар ба маънои аслӣ аз чунин ҳаҷми иттилоот сербор хоҳад гардид. Аз аввал ҳама иттилооте, ки ба майна ворид мешавад, аз филтрҳои сахт мегузаранд ва он чизе, ки майна онро ночиз мешуморад, партофта мешавад. Оқибати ин раванд дар он аст, ки шумо соат ва дастбандро дар дастатон эҳсос намекунед, агар онро муддати дароз бипӯшед (ва инро боз кисабурҳо истифода мекунанд). Муҳим он аст, ки ба ин раванд худи шумо дахолат кунед ва бошуурона интихоб намоед, ки ба чӣ мутаммарказ мегардад. Ин малакаест, ки бояд мавриди омӯзиш қарор дода шавад, аммо бо мурури замон, раванди мазкур - ҳадди ақал дар баъзе қисматҳо зина ба зина осонтар хоҳад шуд ва имкон медиҳад, ки одам ҳушёр ва мушоҳидакор шавад.

3. Як маслиҳати дигари муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ ин ғизои солим ва хоби дуруст мебошад. Бояд зикр кард, ки реҷа барои хонанда муҳим аст, зеро он рефлексҳои комилро ба вуҷуд меорад, тарбияи солим ва устуворро фароҳам меорад. Хонандагон ҳар рӯз дар як вақт хеста ва хоб рафтанро меомӯзад. Ин ба хонандагон барои барвақт ва сахт хоб намудан ва субҳи барвақт бедор шудан кӯмак мекунад. Ин ҳам ба истеъмоли ғизо

вобаста аст. Агар хонандагон мунтазам хӯрок истеъмол кунад, ҳамзамон наҳорӣ намояд, хӯроки нисфирӯзӣ, чойи нисфирӯзӣ ва шомро истеъмол кунад ва ӯ бо иштиҳо хӯрок хӯрад ва ин ба азхудкунии хӯрок мусоидат менамояд[6]. Тартиби оқилонаи ҳаррӯза як стереотипи солими афзоиши рафторро ба вуҷуд меорад ва низоми асаби хонандагонро мустаҳкам мекунад. Иҷрои ҳаррӯзаи реҷаи оқилонаи рӯз, ғайр аз хусусияти асосии гигиенӣ - нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ барои таълими муваффақ аҳамияти на чандон бузургро доро аст. Хонанда тозаву озодагӣ, тартибро меомӯзад, ба қадри вақт ва сарфа кардани он мерасад, ба кори пайдарпай, боғайратона, комил одат менамояд. Хонандаи ба реҷа одаткарда ҳамеша дар мактабу хона барои машғулият, истироҳат, сайругашт ва бозӣ вақт дорад ва дар ин росто ба кӯмаки волидайн оид ба хоҷагӣ мусоидат менамояд (ин реҷаи ҳаррӯза бояд бошад). Одатҳои дар кӯдакӣ ташаккулёфта меҳнатро осон мекунанд ва аксар вақт якумрӣ боқӣ мемонанд.

4. Саросемагӣ ва шитобкорӣ - душмани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Шитобкорӣ - тамоюли қабули қарорҳои бемулоҳиза, шитобкорӣ дар амал, хулосаҳои шитобкорона ба ҳисоб меравад. Беҳтар аст, ки ҳама чизро анҷом диҳед ва нақшакашӣ кунед. Муҳаққиқон исбот кардаанд, ки волидон ва муаллимон бояд ба хонандагон муносибат ва муоширати махсусро доир ба зиндагӣ омӯзонанд. Қобилияти ба даст овардани муваффақият аз тафаккури рушд доштан ё надоштани хонанда вобаста мебошад. Дар мактаб варианти аввали дарккунӣ барои дур шудан аз баҳоҳои бади фанни муҳим кӯмак мекунад ва онҳоро ҳамчун воқеаи ногувор қабул набояд кард.

Мусаллам аст, ки ғофилӣ ва бетаваҷҷӯҳӣ бештар ҳангоми шитобкорона амал кардани хонанда зоҳир мешавад. Инҷо инчунин муҳим аст, ки агар мо шитоб накунем барои таҳлил вақт намерасад. Охир, одатан, беэътиноӣ махсусан дар онҳо зоҳир мешавад - мо баъзе ҷузъиёти муҳимро аз даст медиҳем.

Сабаби бетоқатӣ ҳамчунин ба асабонияти хонанда бо назардошти сустии одамони атроф мебошад. Вақте ки касе корҳоро оҳиста анҷом медиҳад ва ҳар як амалро бодиққат баррасӣ мекунад, ӯ оромона мунтазир шуда наметавонад.

Саросемагӣ ҳамчунин ба саросемагӣ бурда мерасонад.

Ҳамин тавр, моил шудан ба қабули қарорҳои фаврӣ, хулосаҳои шитобкорона дар бораи худ, атрофиён, ба суханон оташин шудан ва бо ташвиш барои иҷрои амалҳо саъй кардан, ки ин хислати шитобкорӣ ба ҳисоб меравад.

5. Ҳавасмандкунӣ барои тарбияи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ хеле муҳим аст. Устувории диққат инчунин аз ҳавасмандӣ вобаста мебошад. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки ин ангезаҳо нақшаи мухталиф доранд. Дар ҳолати дуюм, ин аксар вақт дар бораи ҳавасмандкунии бешуурона меравад. Аммо, тавре ки имкон дорад - лаҳзаи ҳавасмандӣ нақш мебозад, ҷустуҷӯи ҳавасмандӣ барои беҳтар кардани диққатдиҳӣ имконият медиҳад.

6. Набояд хонандагон дар як вақт корҳои зиёдеро ба иҷро расонанд. Баъзе хонандаҳо фикр мекунанд, ки бо якбора анҷом додани ҳама кор, онҳо самараноктаранд. Гарчанде ки таърих мисолҳои дигарро медонад, таҷриба нишон дод, ки одатан барои як одами оддӣ беҳтар аст, ки бо навбат кореро анҷом диҳад.

7. Машқи хотира боз як ҷанбаи муҳими муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Шумо метавонед ин он чизеро пай баред ва онро дар як сония фаромӯш кунед. Барои машқи хотираи худ шумо метавонед машқҳои мухталифро истифода кунед.

Муҳаққиқ Л.С.Виготский хусусияти омӯзгории равандҳои муносибати эҳтиёткоронаи хонандагонро ба назар гирифта, доир ба аҳамияти фавқулоддаи чунин шакли зуҳури таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрӣ, ба мисли

таваҷҷӯҳи кӯдакон ба хулосае омадааст: “Таваҷҷӯҳи кӯдакон қариб комилан аз рӯи шавқ равона ва роҳнамоӣ карда мешавад ва аз ин рӯ, сабаби парешонхотирии табиии хонандаи мактаб ҳамеша ихтилофи байни ду хат дар тиҷорати педагогӣ мебошад: манфиати худ ва он дарсҳое, ки ҳамчун ҳатмӣ пешниҳод карда мешаванд.” Ғайр аз ин, ӯ мегӯяд, ки “ ҳама гуна таълим танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар ба манфиати худи хонанда асос ёбад. Дигар таълим мавҷуд нест“ [23, с.117].

Дар робита ба ин, Л.С.Виготский принсипи фаъоли рушди дастгирӣ оид ба ҳавасмандии хонандаро ҳамчун воситаи асосии ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ тасвият медиҳад ва ташкили қоидаҳои умумии диққати хонандагонро пешниҳод менамояд: “пеш аз он ки баён намуд бояд ҳавасманд кард; пеш аз он ки ба амал намудан маҷбур кард бояд омодагии амал дошт; пеш аз он ки ба аксуламал муроҷиат намуд бояд ба сохтор омода гардид; пеш аз он ки ин ё он маълумотро пешниҳод намуд, бояд чизи навро интизор шуд“[23, с.123].

Номгӯи шароитҳои муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ, ки имкон медиҳанд самаранокии фаъолияти педагогиро ба даст оранд, Л.С.Виготский қайд менамояд, ки муваффақияти таълим ва омӯзиш аз он вобаста аст, ки омӯзгор то чӣ андоза «ҳисоб карда метавонад, ки маводи ба онҳо пешниҳодшуда ба қонунҳои асосии фаъолияти диққат мувофиқат мекунад ё не»[123, с.125], яъне:

- мутобиқати мавод бо аксуламалҳои мутобиқшавандаи хонанда;

- мувофиқати кори ритмии дастгоҳ: болоравӣ "мавҷи диққат" бояд аз ҳама муҳим ва таназзул - далелҳои маводи муҳимро ташкил диҳад;

- иҷрои талаботи салосат ва фасоҳати мавод;

- иҷрои талабот оид ба баланд бардоштани маърифатнокӣ, пурмазмунии фаъолияти таълимӣ, ки аз таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрӣ, таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ рушд меёбад: «талаби асосии педагогӣ талаботест, ки тамоми маводи ҷиддии таълимӣ ва тарбиявӣ ҳамаҷониба мақсаднок бояд ҳал карда

шаванд». Аз дидгоҳи муқаррар намудани ҷойгоҳи диққат дар ҷараёни амалӣ намудани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни истифодаи компютер ҳангоми таълими технологияҳои иттилоотӣ фаъолияти босамарии муаллимиро метавон чунон сифат намуд, ки дар он омӯзиш кӯтоҳмуддат, вале самаранок бошад; давомнокии давраи иҷрои мувофиқ бо вақти вазифаи таълимӣ вобастагӣ дорад; пайдоиши ҳолати хастагии қаблӣ ҳамчун огоҳӣ барои истифодаи воситаҳои дастгирии фаъолияти маърифатии хонанда ё қатъи дарсҳо хизмат мекунад; хастагӣ пешгирӣ карда мешавад ё самаранок эҳтиёт карда мешавад.

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни мавриди амал қарор додани фаъолияти педагогии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни истифодаи компютер ҳангоми таълими технологияҳои иттилоотӣ ҷудо намудани се мақсади аслии кор барои тақвияти диққати хонандагон зарур аст: ҷалб, дастгирӣ ва рушди диққат. Татбиқи ҳар се ҳадаф хусусиятҳои муносиби фаъолияти таълимиро таъмин менамояд ва имкон медиҳад, ки захираҳои диққати ғайриихтиёрӣ ва ихтиёрӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар адабиёти махсуси психологӣ ва педагогӣ тасвири методҳо ва воситаҳо мавҷуданд, ки тавассути онҳо натиҷаи дилхоҳи зерин ба даст оварда мешавад:

1. Ҷалби диққат. Асосан аз хусусиятҳои берунии маводи таълимӣ вобастагӣ дорад;

2. Ҳама чизҳо нисбат ба якдигар баробаранд ва диққат ба чизи мобилӣ равона карда мешавад (аз ҷумла ин ба афзоиши равонӣ, гузариш аз як фикр ба андешаи дигар низ дахл дорад);

3. Байни тағйирпазирии бузурги худи субъект ва ҷалби диққати он зиддият (антогонизм) мавҷуд аст. Қобилият ҷалби фаъолонаи ҳаракатҳои бегонаро пешбинӣ мекунад, ки он метавонад вазифаи махсус доир ба ташкил намудани фаъолияти таълимӣ гардад;

4. Сабаби навигарӣ, ки онро бо истифода аз методи риоя нагардидани интизорӣ, кашфи мӯҳтавои нав, тарафҳо ва робитаҳои нав дар маводи қаблан маълум ташкил кардан мумкин аст;

5.Сабаби пешниҳоди нопурраи мундарича, нотамом, номукаммалии сохтори маводи пешниҳодшуда. Дар ин ҳолат шахс мекӯшад, ки гуфтаҳои номатлубро мувофиқи майлҳои шахсӣ баён намояд, яъне фаъолона бо ҳамкорӣ бо ашё машғул шавад;

6.Сабаби тазодӣ (контрастӣ) ҳангоми муқоисаи ҷузъҳои маводи омӯхташуда ба миён меояд;

7. Сабаби возеҳу равшан, яъне робитаи байни маводи нав ва маълум.

**Чӣ бояд кард, ки хонанда аз компютер вобаста набошад?**

1.Волидайн бояд фарзандони худро бо меъёри қоидаҳои бо компютер кор карданро омӯзонанд.

2.Падару модар бояд фаъолияти мухталифи хонандаро назорат кунанд (маҳфилҳо, бахшҳо ва ғайра).

3.Хонандаро ба корҳои хоҷагиву хоҷагидорӣ ҳатман ҷалб кардан мувофиқи мақсад мебошад.

4.Хонандаро ба хониши оилавӣ бояд одат кунонд.

5.Бо кӯдак ҳамарӯза муоширaт кардан, аз мушкилот ва муноқишаҳое, бо ӯ рӯ ба рӯ мешавад, огоҳӣ доштан лозим аст.

6.Волидон метавонанд муҳити иҷтимоии хонандаро назорат кунанд ва дӯстони писар ё духтарро ҳатман ба меҳмонӣ даъват кунанд.

7.Волидон бояд донанд, ки хонанда вақти холии худро дар куҷо сарф мекунад.

8.Ба шогирди худ қоидаҳои муоширатро омӯзед, ҷаҳонбинии онҳоро барои васеъ шудан мусоидат намоед.

9.Бояд ба шогирди худ таълим диҳед, ки чӣ гуна тарсу ваҳми эҳсосиро рафъ кунанд ва аз ҳолатҳои тарсу ваҳм баромаданро донанд.

10.Барнома ва бозиҳои компютериро мунтазам назорат кунед.

11.Шумо метавонед хонандаро бо бозиҳои шашка, шоҳмотбозӣ (шатранҷбози) шинос намоед онҳоро ба бозиҳои кӯдакии худ омӯзонед.

12.Фарзандонро назорат кунед, то ки ба шабакаи интернет одат накунанд. Роҳҳои даромада натавонистан ба компютерро ҷустуҷӯ кунед.

13.Бо кӯдак доир ба падидаҳои манфии ҳаёт сӯҳбат кунед, муносибати устуворро нисбат ба бадӣ, муқовимати фаъолона ба он чизе, ки харобиовар ва таназзули шахсиятро доро мебошад, ташаккул диҳед.

14.Дар хотир доред, ки волидон барои хонанда намунаи ибрат мебошанд. Аз ин рӯ, худи волидон набояд қоидаҳои барои хонандагон муқарраркардашударо (бо назардошти меъёрҳои худ) вайрон кунанд.

15.Худро таҳлилу баррасӣ кунед. Оё шумо худ ба тамоку, машрубот, телевизор майл доред? Беҳтарин маслиҳат барои пешгирии шогирди шумо ин раҳоӣ аз вобастагии онҳост.

Сабаби воқеии хавф метавонад фишори чашм бошад. Ва аммо, муошират бо компютер аз нишастан дар экрани телевизор муддати дарозтар зиёне надорад. Пешгирии ҷузъиро набояд фаромӯш кард – бояд ҳангоми танаффус гимнастикаи чашмҳоро аз хотир набаровард, гоҳ-гоҳ ба духтури чашм муроҷиат кунед. Ва ба хусусияти техникии экрани монитори компютер эътибор диҳед (пеш аз харидан бо фурӯшанда ё мутахассисони ҳамин соҳа машварат кунед).

Албатта, хонандаро омӯхтан лозим аст, ки ҳолати худро идора кунад. Вале ин умуман талаботи ғайриихтисосӣ буда, дар курсии оддӣ ҳам мувофиқи қоида нишастан амри воҷиб аст.

Ҳамин тавр, муносибат бо компютерро мувофиқи меъёр ва талаботи муқаррарии гигиениро бояд риоя намуд: мебели мувофиқро интихоб кардан, вазъи ҷисмонӣ ва ҳолати низоми асаби хонандаро назорат намудан.

Бемориҳое, ки ба сабаби вобаста будан аз компютер ба миён омадаанд:

- нуқсони биноӣ,
- норасоии маснуоти бадан,
- дарди сар,

- хастагии зиёд,
- бехобӣ,
- дарди миён,
- дарди дасту буғум

Дар бораи фоида ва зарари компютер тӯлонӣ баҳс кардан мумкин аст, зеро ҳар як воқеа ё ҳодиса тарафдорон ва мухолифони худро доро мебошад. То ҳатто компютер барои насли наврас баъзан ҷои дӯстон, волидон, мактабро гирифтааст. Масъалаҳои компютеркунонӣ, таъсири компютерҳо ба саломатии инсон яке аз муҳимтарин мушкилоти замони имрӯза ба шумор меравад. Компютер ба ҳама хусусиятҳои биологии бадани инсон ва пеш аз ҳама ба солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии он таъсир худро мерасонад.

Сабабҳои асосии ба инсон зараркунандаи компютер инҳо мебошанд:

- муддати дароз ва тӯлонӣ нишастан;
- таъсири манфии радиатсияи электромагнитии монитор;
- хасташавии чашм, сарборӣ ба биноӣ;
- аз ҳад зиёд зӯр овардан ба буғумҳои даст;
- бошиддатии рӯҳӣ ҳангоми гум шудани маълумот.

Дар маҷмуъ, баррасии адабиёти илмӣ ва педагогӣ роҷеъ ба мундариҷа ва моҳияти мафҳуми «муносибати боэҳтиёт»-ро ба таври зайл метавон шарҳу тафсир кард:

1.Муносибати эҳтиёткорона дар навбати аввал хусусияти ахлоқии шахс мебошад, ки ба анҷоми корҳои зерин боис мешавад:

- истеъдод ва омодагии шахс барои ба ҳар як рафтори хеш ҷавоб гуфта тавонистан;
- рушди қобилият ҷиҳати интихоби озодона, мустақилона ва бошуурона;
- Ба таври мустақил ва озоду ихтиёрӣ ба иҷро расонидани вазифа ва масъулиятҳои хеш дар назди ҷомеа;
- ҷой надоштани саркашӣ аз ҷавобгарӣ дар иҷрои масъулият, дар заминаи ишора ба афроди дигар ва мавҷуд будани ҳолатҳои дигар;

-қобилияти анҷоми ҷусторҳо дар самти маърифати омилҳои зуҳури амали хештан на дар худ ва ҳамзамон на афроди дигар, балки ба шароити мавриди амал қарор дошта;

- истиқболи хирадмандона ва ихтиёрии талаботҳои муайян аз ҷониби шахс, ки ҷомеа бар дӯши вай гузоштааст;

- ҳавасмандгардонии қобили аҳамияти муҳим ва иҷтимоии амал ва рафторе, ки боиси ташаккулии фаъолияти дорои аҳамияти иҷтимоӣ мегардад;

- истеъдоди худнигаҳдорӣ, маҳорати баланди баррасии рафтор ва муайян карда тавонистани масъулиятҳои худ дар назди ҷомеа ва афроди дигар;

- шинохти масъулият дар раванди иҷрои вазифаҳои фардӣ ва иҷтимоӣ;

- шинохти вазифа ва ӯҳдадориҳои хеш ва муносибати ҷиддӣ ба раванди иҷрои онҳо;

- маҳорати қабули мустақилонаи қарорҳо дар мавриди иҷрои ин ё он рафтор;

- маҳорати зоҳир кардани ғамхорӣ ба хеш ва афроди дигар аз рӯи қобилият.

2.Дар асл, ба низом ва таркиби муносибати эҳтиёткорона унсурҳои зеринро метавон шомил кард: маърифат, андӯхт ва таҷрибаи ҳаёт, қобилияти мавриди амал қарор додани мақсадҳои маърифатӣ, маҳорати пешгӯӣ кардан тавонистани паёмадҳо манфии рафтори худ, эҳсоси масъулият ва м.

3.Тарбияи муносибати эҳтиёткорона дар асл ҷараёни мақсадноки робитаи педагогии миёни калонсолон ва хонандагон дар фазои воҳиди арзишӣ-маънавӣ ба шумор меравад, ки паёмади он рушди масъулият дар ниҳоди хонандагон бар пояи зуҳуроти маънӣ бар фаъолият буда, ҷиҳати ҳимояи манофеи афроди дигар, манфиатҳои ҷомеа, эҳсоси масъулият дар иҷрои вазифаҳо дар назди оила, Ватан ва дигар ҳолатҳо нақши муҳим ва муассир метавонад гузорад.

4. Тарбияи муносибати эҳтиёткорона маъмулан мутобиқ бар се меъёр муқаррар мегардад: маҷозӣ-маънавӣ, ба ҳаяҷон овардан-маромнокӣ, воқеӣ-амалӣ. Меъёри маҷозӣ-маънавиро чунин метавон шарҳу баён намуд:

- ҳангоми мавҷудияти ғояҳо роҷеъ ба масъулияти шахс назди хонавода, ҷамъият, давлат ва ҳамчунин назди худ;

- маърифати равобити аҷдодӣ, таърих, дастовардҳои муайян, суннатҳои хоси фарҳангии хонавода ва мардуми хеш;

- хондани осори бадеие, ки ғояи масъулият дар онҳо ба унвони арзиши маънавӣ ва ахлоқӣ таҷассум ёфтааст.

Ба таври куллӣ, меъёри эҳсосӣ ва маромнокӣ дар заминаи бардошт аз иҷрои вазифаҳо ҳиссиёт ва масъулиятшииносӣ, дар таҷассуми эҳсосоти ҳаяҷон, ва ба образ даровардани арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, додани ҷавоби мусбат ба анвоъи масъулият, ки дар сурати тасвири бадеӣ таҷассум ёфтаанд, дар зуҳури шавқу рағбат ва майли пуштибонӣ аз суннатҳои хонавода ва мардуми хеш ба зуҳур мерасад. Меъёри амалӣ-таҷрибавии муҷассам дар намунаи қобилият ва тайёрӣ ба интихоби мустақили арзиш ҷиҳати амалӣ намудани қарор додани ҷавобгарӣ роҷеъ ба масъулият, дар таҷассуми мавқеи шахсӣ дар натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, бар мабнои тасдиқи фаъолият, суннатҳои маънавӣ ва ахлоқии оила ва мардум ва ғ. ба зуҳур мераасад [19, с.116].

## 1.2. Махсусиятҳои аслии консепсияи "Асосҳои методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ"

Маҳсули аслии равиши методии корбурди компютер ва усулҳои беҳтаргардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ мебошад, ки бегумон масъулияти хонанда марбут ба он мебошад. Масъулияти мазкур пайванд ба он дорад, ки раванди таълим то ҷӣ андоза робитаҳои асосии табдили муносибатҳои иҷтимоиро ба ҷузъҳои

сохтори дохилии шахс ба назар мегирад: муносибатҳои иҷтимоӣ – талаботҳо – манфиатҳо – ҳадафҳо – сабабҳо – муносибатҳо - дастурҳои арзишӣ.

Аз нуқтаи назари ахлоқӣ муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер бояд боварӣ дошт, ки компютер ба ҳама мутааллиқ аст. Мо компютерҳоро бидуни алоқа истифода карда наметавонем. Ҷониби маънавии масъулият ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ мухолиф нест. Дар кодекси ҳуқуқӣ талабот барои рафтор мавҷуд аст, ки бешак шаклҳои бадахлоқонаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро манъ мекунад.

Пас аз таҳлили моҳияти консепсияи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер, мо ба хулосае омадем, ки он тамоми аломатҳои муҳими мафҳуми масъулиятро ҳамчун дараҷаи иҷтимоӣ ва психологӣ фаро мегирад ва ин амалро дар навбати аввал шуур ба иҷро мерасонад, чунки шуур усулии пайванд бахшидани шахс бо объектҳои фаъолияти ӯ, ҳамроҳ бо фарогирии хусусият ва имконоти онҳо ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, раванди педагогӣ доир ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер бояд ба ташаккули чунин хусусиятҳои психологии шахс, ба мисли манфиатҳо оид ба донистани қонунҳои он равона карда шавад.

Ба сифати ҳадафи ниҳоӣ муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер азхудкунии робитаҳои инсон бо инсон, инсон бо компютерро, ки дар маҷмӯъ робитаи инсон ва ҷаҳонро инъикос мекунанд, пешбинӣ мекунад.

Давоми даҳсолаи охири қарни гузашта инсон барои хештан шарики нави ҳамкорӣ пайдо кард, ки унвони компютер дошт. Онро на танҳо восита, балки миёнрав ҳам номидаанд. Вале он ҳамчун миёнарав ба ҳадде беназир мебошад, ки тадриҷан ба унвони иштирокчӣ дар низоми суннатии ҳамкории инсон ба инсон баромад мекунад. Ин ҳолат ба сурат комил ба тағир додани худи шахс мувоҷеҳ мешавад: ӯ соҳиби мақоми нави "корбар" ва имконоти ҷадид ҷиҳати таъмини ниёзҳои худ ба муошират дар сурати дигар мегардад.

Компютер дар мавқеи амалии хеш ба як ҳамкори коммуникатсионӣ мубаддал мегардад, ки вежагӣ ва ҷилваҳои хешро ба ин ҷараён ворид месозад. Таҳаввули технологияи компютерӣ (пайдоиши шабакаҳои компютерӣ) сабаби зуҳури навъи ҷадидӣ ҳамкорӣ, фардӣ(шахс бо мошин), ҳамзамон ҳамкории гурӯҳи афрод ва мошинҳо ва пайванду ҳамкории баёни мардум гардид.. Ба ин хотир, нуфузи самарабахшии низоми ҷадиди тартиботи олӣ ба мушоҳида меояд. Зиёд шудани ин самаранокӣ на фақат ба натиҷагии муқаррарии саҳми фардии афзояндаи теъдоди "зернизомҳо", балки тавассути суръатбахшии мубодилаи иттилоотӣ дар ҷодаи баррасии масоили зарурӣ, ҳамчунин бо омезиши ҳамоҳангиҳои муайян пайванд мегирад[12, с.123].

Зуҳури муносиботи нави мавсуф ба «одам - компютер» муҳимияти таҳқиқи илмии мавзуи мазкурро пеш меоварад. Дар илми равоншиносии муосир мафҳуми наверо ба вуҷуд овардааст, ки он амсилаи "одам - компютер" мебошад. Амсилаи мазкур , дар назари аввал, хусусиятҳои раванди ҳамкории инсон ва компютерро (муколамаи байни корбар ва мошин)-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бар ин асос, ҳарду тарафи муколама ба ҳайси нақлкунандагони байни маълумоту иттилоот қарор мегиранд. Баробари ин, миёни онҳо майдони коммуникативӣ (иттилоотӣ) зоҳир мешавад, ки аз ҳамкори байни анвои зер иборат аст:

- истифодабаранда - истифодакунанда;
- истифодабаранда - компютер;
- компютер - компютер.

Ҳамкории истифодабаранда – дар ин ҳолат объекти асосӣ яъне истифодабаранда бидуни иштироки компютер фаъолияти худро зоҳир мекунад. Мусаллам аст, ки бархе аз фанҳои гуманитарӣ чунин ҳамкориҳо (муошират, робита) мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Вале муошират дар заминаи ба роҳ мондани иртибототи миёнаравӣ ҷараён пайдо мекунад. Мисоли равшани чунин ҳамкорӣ мутолеаи матне ба шумор меравад, ки онро як шахс ба нашр расонидааст ва ба хонанда ба василаи диск ё почтаи электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамкории истифодабаранда – ин амал ба воситаи компютер ва бо роҳи истифода намудани унсурҳои муайяни барнома-дастгоҳҳое, ки дар истилоҳи соҳаи технологияи иттилоотӣ интерфейсҳо ном бурда мешавад, татбиқ карда мешавад..

Робитаҳое, ки миёни инсон ва компютер ба роҳ монлда мешаванл, ба воситаи интерфейси муайян ба роҳ монда мешаванд. Барои мисол метавонем ба низоми иттилоърасонии маъруф ба номи “таъиноти умумӣ"-ро ба мушоҳида гирем, ки дар асоси он тартиби ягона, қоидаҳои умумии истифодаи манобеи компютерӣ дақиқ карда мешаванд. Бахши дигари муҳими интерфейсҳо маҷмуи низомҳои барномасозӣ ба шумор мераванд, ки таъмини рамзгузории алгоритмҳоро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мушаххас амалӣ мекунанд.

Иншооте, ки дар он компютерҳо ҷой гирифтаанд, дорои дастгоҳҳои равшанидиҳии сунъӣ ва табиӣ бояд бошанд. Ҷиҳати ҷойгир намудани синфҳои компютерӣ бояд иншооте интихоб гарданд, ки ба ҷониби шимол ва шимолу шарқ равона бошанд ва дар онҳо дастгоҳҳои танзимшавандае чун чиғпарда (жалюзи), парда, тирезаҳои беруна ва ғайра насб шуда бошад. Дар таҳхонаҳои биноҳо ҷойгир кардани синфҳои компютерӣ қобили қабул нест ва он метавонад ба техникаи бехатарӣ мувофиқ набошад.

Рӯйи фарш бояд тоза ва бо латтаи нам тоза карда шавад ва болопӯши зиддилағжиш дошта бошад. Ҳаҷми масоҳат ҷиҳати анҷоми як ҷои кор бо компютер бояд на камтар аз 6м$^2$ муқаррар карда шавад. Дар синфхонаи компютерӣ ҷойгир намудани ҷойҳои корӣ аз назари гигиенӣ мувофиқ хеле муҳим ба назар мерасад. Тибқи қоида компютерро ба сурате ҷой дода зарур аст, ки ба экран нур аз тарафи чап биафтад. Ҳарчанд дар асл экран равшан мебошад, аммо набояд раванди таълим дар фазои торикӣ ҷараён бигирад, балки дар синфхонаи мувофиқ ва равшан ба роҳ монда шавад.

Ҳар ҷои корӣ, ки дар синфхонаи компютер муайян карда шудааст, бояд як навъ майдони электромагнитии дорои радиусаш 1,5 м ва аз он зиёдтарро ташкил диҳад. Дар акси ҳол вазъият метавонад ба раванди куллии таълим ва

истифодаи компютер таъсир намояд. Баробари ин, радиатсия на танҳо ба худи экран, балки аз деворҳои қафо ва канори монитор низ ҷилвагар шавад. Ҷобаҷогузори таҷҳизоти мавҷуда бояд хонанда ва муаллимро бовар кунонад, ки ягон хеш афканишот аз компютер ба хонандагоне, ки онҳоро мавриди истифода қарор медиҳанд, таъсир номатлуб нахоҳад расонид. Дар ин ҳолат ба эътибор , бояд гирифт, ки масофаи миёни паҳлӯҳои монитор на камтар аз 1,2 м бошанд [119, с.16].

Дар ҳолати ба истифода гирифтани як синфхонаи компютерӣ аз барои хонандагони дорои синнусоли мухталиф, масъалаи интихоби мебел ҳам бояд бо ба эътибор гирифтани шумораи афзоиши хонандагони хурдсол амалӣ карда шавад. Дар ин ҳангом , ҷойҳои кори муқарраршударо бояд тавассути пояҳо муҷаҳҳаз намуд. Афзун бар ин зарур аст, ки андозаи мебели таълимӣ (миз ва курсӣ) ба қомати хонанда мувофиқат бошад: пойҳо ва миён (ва ҳатто аз банди бозуҳо) бояд дастгирӣ шаванд ва хатти биниш дар марказ аз монитор ё каме баландтар қарор бигирад.

Ҷиҳати коҳиши шиддати чашм, омили зарури он аст, ки тасвир бояд дар экрани компютер ба таври равшан ва инъикоси баланд намоён гардад. Инчунин эҳтимолияти равшании экранро истисно кардан лозим аст, зеро ин муқоиса ва равшании тасвирро коҳиш медиҳад. Зимни анҷоми корҳо бо маълумоти матнӣ зарур аст, ки аввал ба муқоисаи мусбат бартарӣ зоҳир гардад: нишонаҳои торик дар партави равшанӣ, ки сурати аслии ин муқиосаро муқаррар мекунанд. Фосилаи байни чашм то монитори компютер на камтар аз 65-70 см-ро бояд ташкил диҳад.

Нуктаи дигаре, ки бояд ба он эътибори ҷиддӣ дод, бузургиҳои ҳарорат синфонаҳои компютерӣ мебошад: Ҳарорат ба сурати зайл муқаррар шудааст- 19... 21° С, намии нисбӣ - 55... 62%

Қабл он оғоз ва баъд анҷоми машғулиятҳои компютерӣ бояд ҳавои синфхонаҳо тоза карда шаванд. Ин амалкард боис бар он мегардад, ки ҳолати ҳавои утоқи компютерӣ хуб гардад. Таввассути латтаи нам утоққҳои компютерӣ бояд ҳамарӯза анҷом дода шавад [119, с.19].

Барои коҳиш додани ҳолати хасташавии чашм дар синф риояи корҳои зерин талаб карда мешавад:

- муҳлати истифодаи компютере дар раванди таълим барои хонандагони синфҳои II ... IV набояд аз 15 дақиқа бештар бошад;

- ҷиҳати коҳиши хастагии чашми хонандагон баъд аз анҷоми кор бо компютерҳои шахсӣ, пешниҳод мегардад, ки ки ҳамаи машқҳои марбут ба чашм бо мақсади таъмини саломатӣ ва ҳолати мувофиқ иҷро гарданд, то асари номатлуби истифода аз компютер ба зудӣ рафъ гардад. Барои ҷолибияти комил, машқҳоро ба тарзи бозӣ иҷро кардан мумкин аст.

Намунаи машқҳо барои чашм чунин муқаррар шудаанд:

Чашмшоҳоро ба гунае сахт фишор дода, баъдан 1-2 маротиба боз карда, дубора бипӯшед, баъдан чашмҳоро боз намуда, фурсате мушакҳои чашмро истироҳат диҳед ва ин амалро ба ҳисоби миёна 1 – 6 маротиба такрор намоед. Ба дур назар афканед ва ин ҳолатро 4 - 5 маротиба ба такрор анҷом диҳед.

Ба купруки бинии худ нигоҳ кунед ва нигоҳи худро ба ҳисоби 1–4 маротиба нигоҳ доред. Ба чашмони худ фишор наоваред. Пас ба ҳисоби 1 – 6 маротиба ба дур нигаред ва 4 - 5 маротиба такрор кунед.

Сари худро тоб надода, ба тарафи рост нигаред ва ин амалро 1 – 4 маротиба ба такрор иҷро кунед баъдан, ба сурати мустақим ба ҳисоби 1 – 6 маротиба ба дуриҳо назар афканед. Машқҳои мазкурро бо ҳифзи нигоҳ ба тарафҳои чап, боло ва поён ба амал баровада, ба ҳамин тарз 3-4 маротиба бояд такрор шаванд.

Назари хешро ба суръат ба тарзи диагоналӣ таҳрик бахшед: рост ба тарафи боло - чап ба самти поён, пас, рост ва ба масофа ба ҳисоби 1 – 6 маротиба; пас аз самти чап ба боло - рост ба самти поён ва рост ба тарафи дур ба ҳисоби 1 – 6 маротиба. Баъдан ин машқро 4 - 5 маротиба ба такрор иҷро намоед.

Иҷро намудани чунин машқҳо ба воситаи чашм набояд шуморо аз анҷоми машқҳои ҷисмонӣ нигаҳ дорад. Анҷом додани машқҳо барои чашмон

ба таври доимӣ ҳамчунин силсилаи машқҳои ҷисмонӣ ҳолати шиддати руҳиро ба таври матлуб метавонад поин бурда, ба инсонҳо оромиш бахшад.

Дарсҳои иловагии мактабӣ бо истифода аз компютерҳо бояд камтар аз 1 соат баъд аз анҷоми дарсҳо ташкид карда шаванд. Барои гузаронидани дарсҳои мазкур вақти истироҳат ва хӯрокхӯрӣ низ ба нақша гирифта шавад.. Тибқи муқаррарот чунин маҳфилҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд дар як ҳафта на бештар аз ду маротиба ба роҳ монда шаванд. Ҳар як аз чунин дарсҳо бояд дар як соати асрономӣ яъне 60 дақиқа ҷамъбаст карда шаванд. Бар ин асос баъд аз 10 - 15 дақиқаи баргузории дарс ба воситаи компютер гузаронидани машқҳои ҷисмонӣ ва тамрини чашм зарур мебошад.

Маълум аст, ки истифода аз компютер дар раванди дарсҳо бештар ба хастагии чашм ва ҳатто ҷисмонӣ сабаб мешавад. Омили бештари сар задани хастагӣ машғул шудани хонандагон ба бозиҳои компютерӣ мебошад. Фосилаи тулонии кор бо компютер боис мешавад, ки асаб хаста гардида, хоб вайрон ва дар умум чашм хаста шавад. Аз ин рӯ, барои ба хонандагони синфҳои поёнӣ танҳо дар қисмати ниҳоии барои истифода аз бозиҳои компютерӣ 10 дақиқа вақт дода мешавад.

Барои тартиби истифодаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз компютер ва муносибат дар синфхонаи компютерӣ қоидаҳои махсуси рафтор муқаррар шудааст, ки онҳоро метавон ба таври зайл зикр намуд:

- Ворид шудан ва хориҷ гардидан аз синфхона танҳо бо иҷозати омӯзгор сурат мегирад;
- Ҷои кор бо компютер танҳо бо иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи омӯзгор ба хонанда тавсия карда мешавад.
- Васл ё хомӯш кардани компютер ва дастгоҳҳои дигар аз ҷониби хонанда манъ аст.
- Васли дискҳои таълимӣ ба кор аз тарафи омӯзгор ё корманди масъули синфхонаи компютерӣ сурат мегирад.

Усули ҳамкории компютер бо компютер тавассути кокардани методи шабакаи компютерӣ ҷараён мегирад. Тибқи муқаррарот компютерҳои

синфхонаи компютерӣ ба ҳам пайваст ҳастанд. Низоми ба роҳ мондани муоширати миёни ин компютерҳо ба воситаи шабака протокол унвон дорад. Ҷиҳати раванди мӯътадили кори шабака, маҷмуи низоми протоколҳо тақозо мекунанд, ки қоидаҳои муҳими ба роҳ мондан тамоми компютерии сатҳҳои мухталиф- аз унсурҳои (басит) дастгоҳ то то барномаҳои дизайнӣ иҷро карда шаванд. Риояи талаботи муқарраршуда ҳатмӣ мебошад.

Нуқтаи қобили таваҷҷуҳ дар шабака ҳамон вақт ба вуҷуъ мепайванд, ки ба интернет васл шуда бошад: шумораи зиёди компютерҳо дар якҷоягӣ бо корбарони худ худтанзимкунӣ мекунанд ва интиқолдиҳандаи пӯшидаи иттилооти навъи навро ташкил медиҳанд.

Равандҳои мушобеҳ баҳамдигар замоне иттифоқ меафтанд, ки гурӯҳи бузурги инсонҳое, ки миёни ҳамдигар муштаракоти фарҳангӣ доранд, дар ҳайати низоми давлатдорӣ канори ҳам омада, фаъолияти якҷоя ба роҳ мемонад. Барои анҷоми ин корҳои муштарак нақши Интернет хеле бузург аст. Дар ин ҳолат низ навъи нави робитаҳо ба вуҷуд меояд, ки онҳоро шартан чунин ном бурдан мумкин аст:

- корбар – шабакаи ҷаҳонии Интернет;
- компютер – шабакаи ҷаҳонии Интернет.

Масалан, яке аз муҳимтарин роҳҳои зуҳури ҳамкорӣ дар шабакаи Интернет зимни ҷустуҷуи маълумот дар Интернет ба зуҳур мерасад: дар ин ҳолат шабакаи интернет метавонад, ки низоми сохтории ҳаҷми аслии иттилоотро, ки дар асл сурати комилан мухталиф доранд, ҳаллу фасл намояд.

Дар бораи ҳамкории “истифодабаранда – компютер” муфассал изҳори назар менамоем.

Ҳангоми мавриди омӯзиш қарор додани баъзе аз ҷанбаҳои субъектӣ дар низоми “шахс – компютер” ақидаи олими машҳур О.К. Тихомировро метавон қайд намуда, ки дар масоили марбут ба фалсафа, равоншиносӣ ва муаммои зеҳни сунъӣ нақши калидӣ доранд. Ҳангоми таҳлили нақш ва мақоми компютер дар рушди фаъолияти шахс олими номбурда чунин таъкид месозад: “Мошинаи электронии ҳисоббарор (МЭҲ) барои мо чун дигар

мошинҳо ҳамчун узви майнаи сари инсон шинохта мешавад, ки тавассути дасти инсон тарҳ пайдо кардааст. Агар дар давоми роҳи эҷоди ҳаракатдиҳандаҳо мошинҳо зимни иҷрои коре, ки харҷи зиёди нерӯро тақозо менамояд, чун асбоби фаъолияти инсон хизмат менамуданд, дар даврони ташаккули компютерҳо, онҳо чун асбобҳои фаъолияти руҳии инсон эътироф мегардиданд.

Компютере, ки дар мақоми миёнарав фаъолият менамояд, дар қиёс бо миёнаравҳои дигар вежагиҳои гуногунҷанба касб мекунад. Ин як воситаи ягонаи фаъолияти беруна ва дохилӣ ба ҳисоб меравад ва компютер дар ҳама ҷо ҳозиру нозир аст. Аммо ӯ як нуқсони ҷиддӣ дорад: ӯ барои азхуд кардани низоми асосии аломатҳои инсонӣ - забони табиӣ ба роҳ монда нашудааст. Забонҳои сунъӣ аз табиӣ куллан фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, муколама дар низоми "одам-компютер" низ аз муколама дар низоми "одам-одам" ба таври назаррас фарқ мекунад [91, с.78].

Як таҷҳизот аз таҷҳизоти дигар, як интиқолдиҳанда аз дигараш метавонад бо он фарқ кунад, ки таҷрибаи қаблӣ дар он чӣ қадар аст ва чи миқдор назарраси таҷрибавӣ дорад; дар асл ҳама ашёе, ки худро фарҳангӣ дар шакли мутамарказ нишон медиҳад, нишондиҳандаи фаъолияти моддии одамон мебошад. Чунин хотира ҳамчун дастгоҳ сохтори компютер ва ҳам таъмини барномаи дар он насбшуда ба ҳисоб меравад.

Ҳадафҳои умумии таълими технологияи иттилоотӣ бо назардошти хусусиятҳои информатика ҳамчун илм, нақш ва ҷойгоҳи он дар низоми илмҳо, дар ҳаёти ҷомеаи муосир муайян карда мешаванд. Мусаллам аст, ки чӣ гуна ҳадафҳои асосии хоси мактабро дар маҷмӯъ ба таълими хонандагон дар соҳаи технологияи иттилоотӣ нисбат додан мумкин аст.

Ҳадафи аслии таълими технологияи иттилоотӣ дар МТМУ ба ҳар як муҳассил манзур намудани дониши ибтидоӣ роҷеъ ба асосҳои технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла маърифат равандҳои табдил, интиқол ва коркарди иттилоот мебошад. Дар ин замина ба хонандагон аҳамияти равандҳои иттилоотӣ дар ташаккули тасвири муосири илмии ҷаҳон, инчунин нақши

технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар рушди ҷомеаи муосир нишон дода шавад.

Омӯзиши курси технологияи иттилоотии мактаб инчунин барои бо маҳорат ва малакаҳои ибтидоӣ мусаллаҳ кардани хонандагон пешбинӣ гардидааст, ки барои азхудкунии доимӣ ва бошууронаи ин донишҳо, инчунин асосҳои дигар илмҳои дар мактаб омӯхташуда зарур мебошанд. Азхудкунии донишҳо аз соҳаи технологияи иттилоотӣ, ба даст овардани маҳорат ва малакаҳои дахлдор инчунин ба ташаккули чунин хислатҳои шахсият, ба монанди рушди умумии ақлии хонандагон, рушди тафаккур ва қобилиятҳои эҷодии онҳо пешбинӣ шудааст.

Компютери муосир худ ба худ мисли дигар асбобҳои рӯзгор (масалан, телевизор ё микроволновка) хатарнок нест. Аммо, тавре ки дар дигар таҷҳизоти рӯзгор дида мешавад, таҳдидҳои эҳтимолӣ ба саломатии одамон вобаста ба истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза ё фаъолияти саноатӣ мавҷуданд.

Аз сабаби беэътиноӣ кардани корбарони компютер оид ба риояи қоидаҳои санитарию гигиении кор бо компютер кадом намуди бемориҳои музмин ба амал омада метавонанд?

Ба онҳо мутааллиқанд:

1) бемориҳои узвҳои чашм;

2)бемориҳои низоми мушакӣ (минҷумла, буғумдард ва бемориҳои мушаки дасту бозуҳо дар натиҷаи анҷоми кори зиёд бо компютер);

3) касалаҳои марбут меъдаю рӯда ё узвҳои ҷинсӣ;

4) касалиҳои дилу рагҳо;

5) хасташавии асаб ва бемориҳои этиологияи гуногун (аз ҷумла вазъи эпилепсия (саръи дил).

Сабаби асосии ба вуҷуд омадани бемориҳои "компютерӣ" на воситаҳои техникӣ, балки кори бесаводии онҳо, дар якҷоягӣ бо вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои гигиенӣ мебошад, ки дониши онҳо барои истифодабарандагони компютерҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад. Компютер чун дигар таҷҳизоти

техникӣ, ки барои кор неруи баркро истифода мебарад, онро ба шуоъҳои гуногун - электромагнитӣ, ионизатсия, ҳароратӣ ва ғайра табдил медиҳад.

Компютер метавонад ба муҳити ҷои кор ва оператор чӣ гуна таъсирҳои ҷисмонии объективӣ дошта бошад, ки бевосита бо фаъолияти охирин алоқаманд набошанд?

Лоиҳакашон ва истеҳсолкунандагони компютерҳо, ҳамчунин олимон - гигиенистҳо одатан бисёр омилҳоро муайян мекунанд, ки дар сурати шадиди зуҳур метавонанд фазои минтақаи кории компютерро барои саломатии корбар номусоид ба вуҷуд оранд.

Бо сабаби беэътиборӣ ва риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ба таъсири радиатсия гирифтор мешаванд ва саломатиашонро қисман бой медиҳанд, аъне афтодарӯҳ ё асабӣ мешаванд. Шахсоне, ки муддати дароҳ дар минтақаи радиатсионӣ зиндагонӣ ё фаъолият мебаранд, аз ҳолат сустӣ, асабӣ шудан, заиф гардидани хотира ва камхобӣ шиква мекунанд.

Боло рафтани сатҳи равшании мустақим ва ҷилваҳои экран, инчунин тобиши он, лаппиши ҷараёни равшанӣ, тақсимоти номутаносиб нур ва зиёд гардидани равшании тасвирии рӯшноӣ низ ба саломатии инсон таъсир расонида, сабаби сар задани бемориҳои муайян мегарданд.

Дар баробари ин, имрӯзҳо дар навбати аввал ба сифати пайдоиши сарчашмаҳо дар истифодабарандагон намуди гуногуни бемориҳои музмин ба назар мерасад, ки мо онро дар бештари истифодабарандагони компютер дида метавонем.

Бар ин асос, талаботи замони муосир дар мавриди ташкили реҷаи кор ва таъмини истироҳати истифодабарандагони компютер ҷиҳати ҳифзи инсон на аз компютер, балки аз худи ӯ, аз қолибҳои вазифавии рафто вобаста аст, ки барои ба вуҷуд омадан ё сар задани тамоми бемориҳо омил мегардад.

Ҷиҳат пешгирӣ намудани чунин бемориҳо ва таъмини ҳифзи саломатӣ омӯзизи сабабҳои сар задани бемории психосоматикӣ дар тамоми дараҷаҳои кормандоне, ки бо компютер кор мекунанд, риояи талаботи санитарӣ - гигении муқарраршуда зарур аст.

Дар навбати аввал, барои онҳое, ки давоми рӯз бо компютер кор мекунанд, дар баробари мавҷудияти танаффуси ҳатмии нисфирӯзӣ, ҷудо кардани танаффусҳои иловагӣ ба миқдори 10 дақиқа дар вақтҳои дигар зарур мебошад.

Бояд қайд намуд, ки 10 талаботи муҳими гигиенӣ ҳангоми бо компютер сарукор доштан мавҷуд аст:

1. Компютер ё мониторро ба тиреза паҳлӯ ба паҳлӯ ҷойгир кунед, то нур аз чап ба он фарояд.

2. Ҳангоми ташкил ва муҷаҳҳаз кардани ҷои кор мебелро мувофиқи қадду қомати истифодабарандагони компютер ба ҳисоб гиред.

3. Ҷойи кориро ҳар рӯз пеш аз оғози кор аз чангу ғубор тоза кунед.

4. Шамол додани ҳуҷраи корӣ қабл аз оғоз ва анҷоми кор, инчунин ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ;

5. Бо латтаи нам тоза кардани утоқи корӣ дар давоми рӯз. Бояд ин амал ҳар рӯз анҷом дода шавад.

6. Дар ҷараёни кор бо компютер зарур аст, ки дар ҳар 2 соат 15 дақиқа танаффус намоед ва маҷмуи машқҳоро барои таъмини саломатии хеш иҷро кунед.

7. Бо назардошти фазои муҳити атроф таносуби рушании экрани мониторҳои компютерро муқаррар намоед, ки он набояд аз аз 5:1 кам карда шавад.

8. Вақт иҷрои кор бо компютер фосила аз чашми коргар то монитори компютер бояд 600-700 мм, вале на камтар аз 500 мм муқаррар карда шавад.

9. Ба қадду қомати хеш аҳамият диҳед: пушт бояд рост бошад, дастҳо дар оринҷ бояд дар кунҷҳои рост хам шаванд.

10.Мунтазам аз муоинаи духтур гузаред.

Дар назди компютер чӣ корҳоро бояд ба иҷро нарасонд:

- муддати дароз назди компютер нанишинед. Ҳатто агар ба шумо ягон супориши мактабро иҷро кардан лозим ояд, ки он муддати дароз дар назди

компютер нишастанро талаб мекунад, шумо бояд машқи даврӣ барои худ тартиб диҳед ва барои чашмҳо машқҳо кунед;

- дар ҳолати хоб рафтан компютерро истифода набаред, ин ҳолат ба чашми шумо зарар меоварад;

- ҳангоми торикӣ бо компютер кор анҷом надиҳед;

-дар як рӯз аз 1,5 - 2 соат зиёдтар дар назди компютер нанишинед;

- равшании мониторро ба ҳадди аксар нагузоред;

- пеш аз хоб бо компютер кор накунед;

- бо дасти тар бо компютер кор накунед;

- дар ҳолати ба миён омадани хатоҳо ё ягон корношоямии компютер, бояд аз волидони худ кӯмак пурсед;

- ҳангоми бо компютер кор кардан пойҳоро болои ҳамдигар нагузоред. Ин ба миёни шумо бори зиёдатӣ мегардад.

**Қоидаи дурусти нишаст дар назди компютер:**

- чунон мониторро танзим кунед, ки чашми шумо бароҳат бошад;

- ҳангоми истифодаи компютер чароғак набояд дар монитор пайдо шавад. Ба монитор нурҳои мустақими офтоб ё сунъиро роҳ надиҳед;

- андозаи тамсилии монитор на камтар аз 17 дюйм ченаки дарозии баробари 2,54 см аст;

- равшании иловагии тарафи чапро истифода баред;

- агар ба шумо лозимояд, ки матнро аз китоб ё варақҳо дубора чоп кунед, онҳоро ба экран наздик кунед, то ҳангоми аз матн ба монитор ҳаракат карданатон чашмонатон фишор наёбанд;

- агар пойҳои шумо ба фарш нарасанд, шумо бояд дар таги пойҳоятон тахта насб кунед;

- қомат бояд рост нигоҳ дошта шавад;

- барои ба миён зӯр наомадан байни мизи компютеру миён бояд болиштак гузошт;

- барои фаровардани дастҳо, шумо метавонед истгоҳи клавиатура (савҳакалид) созед. Барои он ки дастҳоятон хаста нашаванд, бояд дастҳо болои клавиатура бошанд. Ранги клавиатура бояд равшан бошад.

- ҳар як 15-20 дақиқа машқи сабук карда, мавқеи пойҳоро иваз кардан лозим аст. Барои нигоҳ доштани машқҳои ҳадди аққали ҷисмонӣ танҳо якчанд мартиба гардиши гардан кунед. Агар дар хона рахи уфуқӣ мавҷуд бошад, пас шумо метавонед ба он худро овезон кунед ва тамоми баданро ором кунед;

- агар дар баъзе ҳолатҳо хонанда дар ҷойи хоб бо ноутбук сарукор дошта бошад, зери ноутбук курсича гузоред ва болиштеро дар зери пушташ гузоред. Корро дар ҷойи хоб кам кунед ё комилан барҳам диҳед;

- барои шароити иловагии чашм, шумо метавонед айнаки махсусро барои кор дар компютер истифода баред;

- ҳангоми бо компютер бештар кор кардан зиёд нӯшидани об тавсия дода мешавад;

**Машқи чашм:**

- нигоҳро аз монитор канед ва чашмонатонро пӯшед;
- чашм накушода, 10 маротиба чашмро нимпӯш кунед;
- чашмакзании зиёд ба миқдори 10 маротиба;
- бо чашмони пӯшида шаклҳои геомериро “тасвир кардан”;
- 10-15 маротиба нигоҳи худро ба нуқтаи дури охири бинӣ бурдан;

Моҳе як маротиба бо хонандагон оид ба қоидаҳои рафтори синфи компютерӣ сӯҳбат кардан лозим аст. [6, с.63].

Барои омӯзгор риоя ва иҷрои чунин тавсияҳоро ҳангоми таълими ташкили фанни технологияи иттилоотӣ зарур аст:

1. Ҷиҳати сарфаи замон, маводи дар Интернет мавҷударо омӯзгор бояд барои таъмини иттилооти раванди таълим аз қабл таҳия карда, дар рафти дарс ба унвони маводи тайёри дар воситаҳои техникии таълим, аз ҷумла диск ё флешка мавриди истифода қарор диҳад.

2.Дарс бояд аз қисми оғози он яъне ташкилӣ шуруъ гардида, дар ин лаҳза ба хонанда қоидаҳои рафтор дар дарс, бавежа дарси истифода бо компютер таъкид карда шавад.

3. Ҷойи қарор гирифтани компютер қабл аз ҳама меъёр ва тартиботи санитарӣ мувофиқ карда шавад. Тавсияҳои мутахассисони соҳа барои ташкили ҷои истодани компютер оварда шудааст.

4. Мизҳое, ки дар болои онҳо компютерҳо қарор мегиранд, бояд тавре ҷобаҷо гузошта шаванд, ки тамоми бахшҳои ҷараёни дастгоҳ ва ноқилҳо ба девори ҳуҷра насб гарданд.

5. Ҷиҳати ҷилавгирӣ аз расонидани осеб ба хонандагон ноқилҳо ва симҳои барқӣ бояд дастгоҳҳо тибқи талаботи муқарраршуда насб гарданд.

6. Синфхона бояд ба дастгоҳи алоҳида ва ҷудогонаи марбут ба нерӯи барқ таъмин карда шавад.

7. Ҳангоми дар синфхонаи компютерӣ набудани омӯзгор ба истифодаи хонандагон гузоштани компютерҳо қатъиян манъ аст.

8. Пешниҳод мегардад, ки дарсҳо дар утоқи компютерӣ бо иштироки бевситаи лаборант ташкил карда шаванд.

9. Барои татбиқи шакли инфиродии ташкили омӯзиш дар раванди таълими технологияи итилоотӣ бо тақсим кардани синф ба ду гурӯҳ дар дафтари технологияи иттилоотии мактаб дар доираи як дарс сурат гирад.

10. Дар сурате, ки МТМУ тарзи таълими технологияи иттилоотиро бо шеваи корбурдии синфхони компютерӣ бармегузинад (10-12 ҷо ба муҳассилин ва як ҷои корӣ барои омӯзгор),дар ин ҳолат ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва муаллимони фанни технологияи иттилоотӣ тавсия дода мешавад, ки дар ҳар блокҳо 15 дақиқа барои таълим тавассути технологияи иттилоттӣ (дар 1 соати таълимӣ ҷудо намоянд. Бахши бе истифода аз компютер дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ аз тарафи як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бошад дар синф, нахуст барои гурӯҳи аввал 15 дақиқа ва баъдан барои гурӯҳи 2-юм низ сурат мегирад. Қисмати бо истифода аз компютерии дарс бошад аз ҷониби муаллими фанни

технологияи иттилоотӣ нахуст баҳри гурӯҳи 2-юм 15 дақиқа ва баъдан ҳамин гуна ба гурӯҳи 1-ум ҷараён хоҳад гирифт. Аз ин баррасӣ маълум мешавад, ки қисмати бо истифода аз компютери дарс аз ҷониби омӯзгори фанни технологияҳои иттилотӣ таълим дода мешавад.

11. Дарсҳои алоҳидаи фанни технологияи иттилоотӣ бошад дар синфхонаи компютерии махсус барои хонандагони зинаҳои поёнии таҳсил дар асоси ҷадвали махсус сурат мегиранд (1-ум, 2-юм, 3-юм ё 4-ум).

12. Ҳангоми истифодаи синфхонаи компютерӣ хонандагон бояд қоидаҳои муносибат он, ки онро директори МТМУ тасдиқ кардааст, дастур дода шавад. Дастур аз ҷониби шахси масъули синфхонаи компютерӣ гузаронида мешавад.

13. Утоқи компютерӣ барои хонандагон дар асоси нақшаи махсус муҷаҳҳаз гардонида мешавад. Дар ҳар як утоқ як ҷои корӣ барои муаллим ва 10-12 мизи дорои компютер барои хонандагон, ки онҳо ба асоси як сервер ба ҳамдигар пайваст шуданд, гузошта шудааст. Ба ғайр аз компютерҳо дар ин утоқҳо дастгоҳҳои чопӣ,воситаҳои пайвастшавӣ ба интернет, шабакаҳои локалӣ барои пайвастшавӣ, ролтерҳо, дастгоҳ барои нусхабардорӣ ва тавсиргирӣ, проэктор ва тахтаҳои электронӣ низ ҷой дода мешаванд.

Ҷиҳати кам кардани ҳолати хаста шудани чашм гузоштани тасвирҳо дар монитори компютер муҳим аст. Он бояд ба ҳолати мувофиқ ва безарар барои чашм муқаррар карда шавад.

Шинос кардани хонандагон бо компютер бояд аз омӯзонидани қоидаҳои истифодаи эҳтиёткорона ва бехатар оғоз карда шавад, ки онро на танҳо дар мактаб, балки дар хона низ бояд риоя намуд.

Хулоса барои ба даст овардани ҳалли таваҷҷӯҳи корбар кофист, ки ба таври механикӣ масъалаҳои компютерро бидуни аз худ кардани он ба компютер ворид кунад. Одам танҳо алгоритми дар хотираи компютер ҳифзшударо бидуни азхудкунӣ истифода мебарад.

## 1.3. Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи назарияи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ

Мафҳуми “шароит” дар луғати энсиклопедии фалсафӣ ин гуна шарҳу тавзеҳ дода мешавад:

1) ҳамчун муҳите, ки онҳо ворид мегарданд ва бидуни он вуҷуд дошта наметавонанд;

2) ҳамчун муҳите, ки дар он чизе рух медиҳад [179, с. 98].

Таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогӣ ба мо барои тасдиқ намудан имкон медиҳад, ки имрӯз муносибати ягона ба мафҳуми «шароити педагогӣ» вуҷуд надорад. Мусаллам аст, ки мафҳуми «шароити педагогӣ» бо мурури замон инкишоф ва тағйир ёфта, хусусиятҳои муайянро ба даст меорад ва аз даст медиҳад. Муносибатҳо оид ба таърифи мафҳуми "шароити педагогӣ" тавсиф гардидаанд, тафсирҳои мухталифи шароите, ки бо мурури замон тағйир меёбанд, оварда шудаанд. Ҳангоми шарҳи мафҳуми "шароити педагогӣ" аз нигоҳи имрӯз бояд тамоми ҷузъиёти он дар илми замони имрӯз ба таври пурра баррасӣ карда шавад. Ба таври алоҳида нуқтаи назари муаллиф оид ба таърифи истилоҳи баррасишаванда, иловаҳо қайд карда мешаванд, ки ба андешаи муаллиф бояд бо назардошти тамоюлҳои муосири рушди технология ва илм ба таъриф ворид карда шаванд. Омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сершумори илмию педагогӣ нишон медиҳад, ки дар назария ва амалияи илми педагогика навъҳои гуногуни шароити педагогӣ мавҷуд мебошанд:

- ташкилӣ ва педагогӣ (онҳо аз ҷониби олимон, ба мисли Е.И. Козирева, С.Н.Павлов, А.В.Сверчков ва монанди инҳо тасниф мегарданд);

- психологӣ ва педагогӣ (дар осори Н.В. Журавская, А.В. Круглий, А.В. Лисенко, А.О. Малихин ва дигарон нишон дода шудаанд), шароити дидактикӣ (онҳоро М.В. Рутковская баррасӣ мекунад ва ғ.)

Тамоми намудҳои шарҳи маънӣ ва мафҳуми "шароити педагогӣ" ро – ҳамчун истилоҳи педагогӣ васеъ ва комил месозад. Баробари ин, ба омӯзгор

имконият фароҳам меоварад, то ҷараёни фаъолияти таълимии хешро муассир ва самарабахш гардонад. Дар давраҳои ташаккул ва рушди илм дар маҷмӯъ ва аз ҷумла илми педагогика мафҳуми баррасишаванда ва ҷузъҳои он дигаргун шуд. Дар осори муаллимони ватанӣ шароити омӯзгорӣ ба таври дутарафа тафсир карда шудаанд. Ҳамин тариқ, як қатор мутахассисон ғояҳоро доир ба шароити ташкилию педагогии рушд ва фаъолияти равандҳои таълимӣ таҳия ва мушаххас мекунанд, ин шароитро на танҳо дар шакли маҷмӯи имкониятҳои муайян пешниҳод карданд, ки ба ҳалли самаранок мусоидат мекунанд. Дар канори ин, донишмандон зарур шуморидаанд, ки ба шарҳу тафсири мафҳуми баррасишаванда аз нуқтаи назари идоракунӣ ворид гардида, зарурат ва аҳамияти ташаккули онро баён доранд. Дар ин самт мутахассисони зерин қайду тавзеҳҳои худро таҳия кардаанд:

Муҳаққиқ С.Н.Павлов зарурати ба мафҳуми «шароити педагогӣ» дохил кардани маҷмӯи имкониятҳои объективии таълим ва тарбияи одамон, шаклҳои ташкилӣ ва имкониятҳои моддиро эътироф мекунад [148, с. 14];

Муҳаққиқи соҳаи педагогика А.В.Сверчков шароити педагогиро ба унвони заминаҳои аслӣ ва асоси пайванди ҷараёни фаъолият ҷиҳати идоракунии ҳолати ташаккули фарҳанги тахассусии педагогии шахс донистааст[173, с.280].

Омӯзиши тадқиқот ва муносибат оид ба муайян кардани мафҳуми "шароити педагогӣ" ба мо имкон медиҳад, ки ин истилоҳ дорои хусусиятҳои зерини хосро доро мебошад:

1. Шароити педагогӣ аз ҷониби донишмандон ба унвони силсилаи имконоти муҳити таълимӣ муаррифӣ ва манзур мегардад, ки ба кор гирифтани онҳо ба нуфузи таъсир ва самарабахшии ҷараёни ҷудонопазири педагогӣ боис мешавад;

2. Тамоми меъёрҳои таъсиргузор, ки ба гунаи шароити психологӣ ва педагогӣ муаррифӣ мешаванд,дар навбати аввал, барои ташаккули шахсияти субъектҳои ҷараёни педагогӣ (омӯзгор, муҳассил ва дигар

ширкаткунандагони он ) сабаб мегардад. Ин ҳолат барои ҳаллу фасли муваффақонаи вазифаҳои ҷараёни ҷудонопазири педагогӣ боис мешавад;

3. Вазифаи асосии шароити психологӣ ва педагогӣ ташкили чунин чорабиниҳои ҳамкории педагогӣ ба ҳисоб меравад, ки табдил додани хусусиятҳои хоси рушд, таълим ва тарбияи шахсро таъмин мекунанд, яъне ба ҷанбаи шахсии низоми педагогӣ таъсир мерасонанд.

Пайванди муттаҳидкунандаи ин баёну тафсирҳо дар он аст, ки шароит дараҷаи муносибати объект бо олами атроф мебошад, ки бе он вуҷуд дошта наметавонад.

Дар педагогика шароитро аксар вақт маҷмӯи тадбирҳо мефаҳманд, ки самаранокии фаъолияти низоми педагогӣ ба онҳо вобаста мебошад.

Муҳаққиқон шароитҳои педагогиро ҳамчун чизе, ки ба пешрафти муваффақонаи чизе мусоидат мекунад, ҳамчун муҳити мувофиқи педагогӣ ва маҷмӯи тадбирҳо дар раванди таълим, ки ба сатҳи баланди касбӣ ва эҷодии фаъолияти хонандагон муваффақ мешаванд, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додаанд.

Ҳалли мушкилот мавриди назар бештар барои муҳаққиқон мушкилот пеш меорад, ки ин метавонад сабабҳои зеринро доро бошад:

1) назари яктарафаи муҳаққиқ доир ба падидаи мафҳуми калидии "шароит";

2) интихоби шароити педагогии ба гурӯҳҳои таснифоти мухталиф мутааллиқ;

3) мафҳуми номуайян дар самти шароити муайяншуда (шароити муайяншуда дар доираи омӯзиши мушаххас ба чӣ равона карда шудааст);

4) асосноккунии сусти интихоби ин шароит ва ғайра. Пешгирии чунин мушкилот ҳангоми татбиқи тадқиқот дар якчанд самт имконпазир мегардад: таҳлилу баррасии мазмуни мафҳумҳои "шароит" ва инчунин "шароити педагогӣ", дақиқ кардани гурӯҳҳои табақабандии шароити педагогӣ дар асоси муроҷиат ба табиати онҳо, инчунин мушкилоте, ки баҳри ҳалли он шароитҳои зарурӣ манзур гардидаанд. Мо маҷмӯи шароитҳои бо ҳам

алоқаманди педагогӣ меҳисобем, ки татбиқи он ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Хусусият ва аломатҳои асосии мафҳуми "шароит"-ро ҷанбаҳои гуногун мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар китобҳои ҷомеъ ва асарҳои қомусӣ "шароит" ҳамчун истилоҳ чунин шарҳ дода шудааст:

1) шароите, ки зуҳури ин ё он чиз вобаста ба он аст;

2) қоидаҳое, ки дар тамоми самтҳои рӯзгор ва фаъолият муайян гардидаанд;

3) шароите, ки ин ё он чиз дар он ҷараён хоҳад гирифт:

Шарҳу тафмири фалсафии мафҳуми мазкур дар иртибот бо объект ва зуҳуроти муҳити онро фарогир пайванди узвӣ дошта, бе он ҳастии вай ғайриимкон аст. Яъне, маҷмӯи шароити мушаххаси шароити мавриди назар муҳитро барои ҷараён, пайдоиш, мавҷудият ва рушди он ташкил медиҳад. Дар илми равоншиносӣ мафҳуми шароит, ба унвони як қоида, дар заминаи ташаккули ҳолати равонӣ манзур гардида, ба воситаи гуруҳи сабабҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба ҷараёни рушд таъсир мегузоранд, шарҳу маънидод карда мешавад[112, с.271].

Омӯзгорон ҷойгоҳи ба ҳам мушобеҳи равоншиносонро гирифта, ин ҳолатро ба унвони ҷамъи муайяни аносири таъсиргузори табиӣ, иҷтимоӣ, берунӣ ва дохилӣ таҳқиқ мекунанд, ки он ба ташаккули ҷисмонӣ, ахлоқӣ, равонии инсон, тарзи рафтор, омӯзиш ва ташаккули шахсияти вай таъсир матлуб хоҳад расонид[98, с .136].

Ба таври умум, самараи таҳлили мукаммали ин масъала ба имконият фароҳам меоварад, ки то ки вожаи «шароит»-ро чун мафҳуми умумии илмӣ маърифат намуда, мазмуниашро аз дидгоҳи педагогӣ тавассути чанд муқар-рарот шарҳу тафсир кунем:

1. Шароит маҷмӯи сабабҳо, ҳолатҳо ва ин ё он гуна объектҳо ба шумор меравад;

2. Маҷмӯи таъингардида ба рушд, таълим ва тарбияи одам таъсир мерасонад;

3. Таъсири шароит метавонад равандҳои рушд, таълим ва тарбияро суръат бахшад ё суст кунад, инчунин ба афзоиш ва натиҷаҳои ниҳоии онҳо таъсир расонад. Дар тадқиқоти муосир мафҳуми "шароит" ҳангоми шарҳи низоми педагогӣ ба таври васеъ мариди истифода қарор дода мешавад. Аз ин рӯ, олимон ба аломатҳои гуногун такя карда, гурӯҳҳои гуногуни шароитро тасниф менамоянд.

Ташкили вазъияти инфиродии пешравӣ ва муваффақият чунин омезиши мувофиқи мақсаднок, муташаккилонаи шароите ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи он дар фаъолияти ҳам фардӣ ва ҳам дар иҷтимоӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки дар мафҳуми педагогӣ ин натиҷаи стратегия ва тактикаи хуб андешидашуда ва омодагии хуби муаллим ба ҳисоб меравад.

Мусоидат ба худшиносии хонандагон - эътимоди доимӣ ба маҳорати эҳтимолии эҷодии хонандагон (боварӣ ба қобилият ва дурнамои ҳар як хонанда ва ҳама гуна каҷравиҳо бояд натиҷаи муносибати бетафриқа ба он ҳисобида шавад; нисбат ба он нокомиҳои табиии худро ҳамчун нотавонӣ донистан ва худро маҳкум кардан аз рӯи одамият нест).

Истиқлоли ташаккули худии рефлетивӣ ҳангоми рушди муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҳолати корбурди компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ба рушди зеҳнӣ, рефлекси таҷрибаи хонанда ва қобилиятҳои эҳсосии хонанда сабаб мешавад. Нуқтаи муҳим ва қобили таъкид он аст, ки мавқеи шахсии хонандагон дар самти баланд бардоштани ташаккули эҷодкории онҳо, муносибат ба таҳқиқу маърифати раванд ва самари фаъолияти эшон, дарки фардият, шоистагӣ ҳар як хонанда ба ҷараёни идоракунии мақсадноки фаъолияташон омил мегардад.

Барои ташаккули бомуваффақияти дониш, сифатҳо, малакаҳо ва малакаҳои муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар

раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ шароити муайяни педагогӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, шароити педагогиро ҳамчун маҷмӯи чораҳое, ки ҳамчун шароити омӯзгорӣ барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда равона шудаанд, ҳамкорӣ ва мукаммал кардани якдигарро ифода менамояд, ки ба таркиби онҳо тасодуфӣ ворид шуданро пешгирӣ мекунанд, ки мусоидати таъмини самарабахши дилхоҳро доро намебошад.

Шароити омӯзгорӣ яке аз паҳлӯҳои қонунияти раванд (маориф, таълим ва ғ.) ба ҳисоб мераванд. Дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ як қатор шароиту шароити педагогиро риоя кардан лозим аст.

Нахустин шароити арзишманди педагогии ба кор гирифтани компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ истифода аз бозиҳои компютерӣ дар раванди маърифатии хонандагон ба шумор меравад.

Дарки падидаи вобастагии психологӣ аз бозиҳои компютерӣ бидуни дарки падидаи "воқеияти маҷозӣ " ғайриимкон мебошад. Ҳақиқати маҷозӣ, ки "ҷаҳон" -и бозии компютериро ба вуҷуд овардааст, бозикунон, яъне хонандагонро ба унвони “олам”-и маҷозӣ муаррифӣ карда, ба рушди онҳо дар мақоми “олам”-и маҷозӣ боис мегардад.. Ин як падидаи хеле ҷолиб ба шумор рафта, ба таври автоматикӣ "такмил додан"-и олами маҷозии номукаммал аз ҷониби шуур то сатҳи воқеият маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат, воқеияти маҷозӣ воситаи омӯзиши равандҳои ақлии маърифатист. Зиёд гардидани шавқу ҳавас ба бозиҳои компютерӣ боиси он мегардад, ки арзиши ҷаҳони маҷозӣ ва мавҷудияти он дар баробари коҳиши таваҷҷӯҳ ба воқеият меафзояд. Аз ин нуқтаи назар , шахс ҳар қадар вақти худро дар олами маҷозии бозиҳои компютерӣ сарф кунад, ҳамон андоза ба олами воқеӣ таваҷҷуҳи камтар хоҳад намуд. Баробар ин , инсон дар дунёи маҷозӣ

ташаккул ёфта, карда, "ман маҷозӣ "-и хешро бештар рушд мебахшад, ки дар ин натиҷа ин ҳолат ташаккули шахсияти воқеии вайро суст мегардонад.

Дар баробари ин, омилҳои мухталифе мавҷуданд, ки ба дастовардҳои таълимӣ таъсиргузор ҳастанд. Муҳимтарин омили мазкурро ба таври зайл метавон қайд кард:

1) шароити иҷтимоӣ ва тарбияи хонаводагии хонандагон. Ин ҳамон шароите ба шумор меравад, ки хонандагон дар он зиндагӣ ва таҳсил намуда, тарбият меёбанд. Ҳамзамон дар ҳамин шароит вазъи зиндагӣ, сатҳи маърифати падару модар ва муҳити фарогири онҳо, дараҷаи омодагии синфхона ба тадрис, сатҳи тахассусии омӯзгорон, вуҷуди маводи таълимии ҷавобгӯ ба талабот мушоҳида мешавад. Дар баробари ин, дар вақти дақиқ кардани мазмуни таълим ба эътибор гирифтани омилҳои зерин муҳим аст;

2) сатҳи малакаи муошират; вежагиҳои муносибати байниҳамдигарии муҳассилин дар синфхона: давоми чанд сол ҳамин синхона таҳсил кардааст; оё дар доираи дӯстӣ собит мебошад?; муносибати ӯ ба дархосту фармоишот; хусусиятҳои фардӣ: нуфузу эътибор, фаъол будан ё ғайрифаъолӣ; мавҷудияти мувофиқати рафтор; муошират, маърифат ё муноқиша ва монанди ин;

3) низоми куллии тамоюлоти шахсият: вежагиҳои омилҳои рафтори бошуурона (амиқ буданд, устуворӣ, воқеиятшиносӣ), ҳавасмандкунӣ барои фаъолияти босамари таълимӣ ва натиҷабахшии он.

Баррасиҳои анҷомдода муқаррар кардаанд, ки хонандагони синну соли хурд дар аксар маврид мутолеаи китобро дӯст медоранд.Бар ин асос, навъи аслии фаъолияти роҳбарикунанда дар раванди синнусоли мазкур таълим ба шумор меравад. Ҷанбаҳои муҳими тафаккури иҷтимоии маърифати хонандагон аз муносибати онҳо ба баҳо дар ин синну сол дақиқ мешавад. Хонандагони хурдсол як муддат баҳоҳояшонрон на чун сифати кори ба сомонрасонидаи хеш, балки чун натиҷа ё баҳо ба кӯшишҳои худ мешиносанд. Вале, таҷрибаҳо роҳи он ҳастанд, ки агар ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ муҳассили малака ва иштиёқи азхудкуни донишро надошта

бошад, пас вай дар 17 сол аз раванди таълим ба натиҷае намерасад. Дар чунин вазъият, дар вуҷуди хонанда ҳисси номатлуб нисбат ба раванди таълим зоҳир гардида, зина ба зина дар мароҳиси таҳсил афзун мегардад;

4) сатҳи кӯшишу саъй ва қадршиносии хонанда ва таносуби онҳо:

а) хонандагоне, ки ҳавасмандии неруманд барои ноил шудан ба муваффақият ва ҳавасмандии пасти пешгирӣ аз нобарориҳо доранд, эътибори кофӣ ё мӯътадил афзуда, инчунин дараҷаи кофии баландро доро мебошанд;

б) ба хонандагоне, ки орзуҳояшон аз ҳад зиёд баҳо дода шуда, худбоварӣ ва сатҳи иродаи пасти онҳо бо ҳавасмандии паси ба даст овардани муваффақият хос аст. Байни даъвоҳои муболиғаомези хонанда ва маҳорати воқеии ӯ нобаробарӣ вуҷуд дорад, ки ба ихтилофи дохилӣ оварда мерасонад;

5) хусусиятҳои муҳити маърифатӣ: самаранокии вазифаҳои диққату эътибор - аз ҳама хосиятҳои омӯхташудаи диққат, бузургтарин алоқамандӣ байни нишондиҳандаҳои таълимӣ ва гузариши диққат мебошад. Барои азхудкунии бомуваффақияти бисёр мавзӯъҳои мактабӣ, хонандагон бояд сатҳи баланди хотира дошта бошанд, зеро хотира муҳимтарин раванди маърифатӣ дар асоси омӯзиш ба ҳисоб меравад. Камбудӣ метавонад хусусиятҳои рушди тафаккур бошад.

Камбудиҳои рушди равандҳои фикрӣ дар як қатор ҳолатҳо метавонанд аз хусусиятҳои синнусолии фаъолияти зеҳнӣ ба амал оянд, ки бояд ҳангоми кор бо хонандагони гурӯҳҳои гуногуни синну сол ба назар гирифта шаванд. Дар навбати худ, барои ҳар як омили номбаршуда бозиҳои компютерӣ метавонанд ҳам таъсири мусбат ва манфӣ дошта бошанд. Аз як тараф, бозиҳои одие, ки ба хотири вақтхушӣ ва истироҳат сохта шудаанд, метавонанд диққатро рушд диҳад ва чолокиро ба миён орад. Зина ба зина хонанда ба бозиҳои мураккабтар ва зеҳнии компютер шавқ пайдо мекунанд.

Ҳамин тавр, гузаштан аз печдарпечиҳо метавонад як машқи хуби равонӣ бошад, ки тафаккури мантиқиро рушду инкишоф диҳад. Ҷойи онҳоро бозиҳои мураккабтар, яъне бозиҳои стратегӣ иваз кардаанд. Онҳо аллакай аз чизҳои пешина ба таври назаррас фарқ мекунанд, зеро онҳо воқеиятро, ки дар

он бозингар мавҷуд аст, тақлид мекунанд. Дар ҳақиқат, онҳо ин воқеиятро мустақилона эҷод менамоянд. Дар асоси гуфтаҳои мазкур мо гуфта метавонем, ки чунин бозиҳо банақшагириро меомӯзонад, ба таври таҳлили тафаккур намуданро хуб инкишоф медиҳад.

Умуман, хонандагоне, ки бо бозиҳои компютерӣ машғуланд бо ҷаҳонбинии васеи худ фарқ доранд: онҳо дар бораи муҳити атроф тасаввуроти хуб доранд ва он бештар ба ҷаҳонбинии калонсолон мувофиқат мекунад. Чунин хонандагони "дорои инкишофи комппютерӣ" одатан ақлан аз ҳамсолони худ пеш мегузаранд, маводи таълимиро осонтар меомӯзанд ва ба дониши худ эътимод доранд.

Ҳамаи ин ба пешрафти таълимии хонандагони ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонад. Аммо, як тарафи манфии бозиҳои компютерӣ низ ба назар мерасад. Азбаски сарфи вақти як хонанда барои бозии компютерӣ аз сӯи падару модари вай назорат карда намешавад, мумкин аст, ки таъсири он воқеияти зиндагонии хонандагонро дигаргун созад. Ин ҳолат ҳатто боис ҳам мегардад, ки аз хонандаро падару модар ва омӯзгорон барои мутолиаи китоб ва рушди фаъолияти эҷодкорӣ маҷбур намоянд. Аммо дар бозиҳои компютерӣ ҳама чиз оддӣ ба назар мерасад, гӯё худи шахс ҳамаи он чизҳоро ба вуҷуд оварда истода бошад.

Дар натиҷа, хонандагон аз ҷиҳати ҷисмонӣ заиф ва аз тарси ҳаёти воқеӣ ба воя мерасанд. Даъвоҳои бардурӯғ, сатҳи пасти ирода - ва дар натиҷа - дар асл хоҳиши ба даст овардани чизе, ки мехоҳед нест. Номувофиқатии иддаои муболиғаомези хонанда ва қобилиятҳои воқеии ӯ боиси ихтилофи дохилии рӯҳии ӯ мегардад. Ҳангоми каме ба мушкилӣ дучор гардидан онҳо дилсард мешаванд ва одати ба итмом расонидани кори оғознамуда аз байн меравад. Маҳз ин сабабҳо боиси паст будани сатҳи МТМУ мегарданд, хонандаҳо хонданро дӯст намедоранд, ба эҷодкорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд.

*Шароити дуюми педагогии* истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими

технологияи иттилоотӣ истифодаи мултимедия дар мундариҷаи таълими компютерӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми мултимедия хусусиятҳои гуногунро доро аст:

1. Технологияе, ки тартиби таҳияи иттилооти намудҳои гуногунро тавсиф мекунад;

2. Маҳсулоте, ки дар заминаи технологияи мултимедия таҳия гардидааст;

3. Барномаҳои мулимедӣ;

4. Таъмини таҷҳизоти компютерӣ (дар компютер мавҷуд будани CD-ROM – дастгоҳи махсус барои хондани компакт-дискҳо, овоз ва кортҳои видеоӣ, ки бо ёрии онҳо иттилооти садо ва видео, джойстик ва дигар дастгоҳҳои махсусро барқарор кардан мумкин аст);

5. Намуди махсуси умумии иттилооте, ки ҳам биниши анъанавии оморӣ (матн, тасвир) ва дар баробари ин иттилооти мустадоми навъҳои мухталиф(суҳбат, мусиқӣ, пораҳои видеоӣ, аниматсия ва ғ.) -ро фароҳам овардаанд.

Ҳамин тавр, "мултимедия" дар шакли васеъ, як шохаи технологияи иттилоотӣ ба шумор меравад, ки тавассути коркард ва корбурди барнома ва васоити мухталифи техникӣ ҷиҳати таъмини босамари таъсиргузорӣ ба истифодакунанда(ки ҳам хонанда, ҳам сомеъ ва ҳам бинанда аст) ба амал бароварда мешавад.

Пайдоиши низомҳои мултимедиявӣ дар бештари соҳаҳои фаъолияти инсон инқилобро ба амал овард: таълими компютерӣ, тиҷорат ва дигар соҳаҳои фаъолияти касбӣ. Яке аз самтҳои афзалиятноки истифодаи технологияи мултимедиявӣ дар соҳаи маориф ба даст омадааст. Он имконият медиҳад, ки тавассути истифодаи методҳои муосири коркарди иттилооти аудиобасарӣ неру гирифтани омӯзиш ва ҳавасмандии омӯзиш зиёд карда шавад.

Имрӯзҳо дар бисёр фанҳои таълимӣ ва соҳаҳои таълимӣ энсиклопедияҳои доиратулмаориф мултимедиявӣ сохта шудаанд. Дастгоҳҳои бозӣ ва

низомҳои таълимии мултимедиявӣ таҳия карда шудаанд, ки ба ташкили раванди таълим бо истифода аз методҳои нави таълим шароит фароҳам меоваранд.

Филми интерактивӣ офарида мешавад, ки дар он истифодабаранда метавонад ҷараёни тамошобинро тавассути клавиатураи нишондиҳанда назорат кунад, агар дастгоҳи дарки нутқ ба компютер пайваст бошад.

Намудҳои алоҳидаи технологияҳои коркарди графика, ки барои рушди мултимедия мавриди истифода қарор медиҳанд, тарҳи низомҳои автоматикунонии компютер маҳсуб меёбанд. Онҳо барои автоматикунонии корҳои тарроҳӣ дар мошинсозӣ, сохтмони саноатӣ, тарроҳӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд.

Дурнамои асосии мултимедӣ барои кашфи таълими фосилавӣ мусоидат менамояд. Чандрасонаӣ барои таҳсили кушода ва фосилавӣ дурнамои махсус мекушояд.

Яке аз воситаҳои мултимедиявии муосир, ки ба низоми маориф татбиқ мегардад, таҷҳизоти мухталифи амсиласозӣ ба шумор меравад, ки фаъолияташ бар пояи асоси технологияҳо ва бо ифодаи «воқеияти маҷозӣ » ба роҳ монда мешавад.

Васоити мултимедиавӣ, ки ба гурӯҳи барномаи “воқеияти маҷозӣ” мутааллиқ аст, на танҳо иттилооти басарии садоӣ ва фазоӣ, балки иттилооти дарку эҳсосро низ фароҳам меорад ва хаёлоти вуруд ва ҳузури хонандагонро дар вақти воқеӣ дар "ҷаҳони экран" -и стереоскопӣ ҳамчунин хаёлоти ҳаракати истифодабарандаро нисбат ба ашёи ин ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

Аз ин рӯ, маъмултарини онҳо бозиҳои мултимедия маҳсуб меёбанд, ки самти шавқоварро доро мебошанд. Муҳаққиқон зикр мекунанд, ки пеш аз бозиҳои компютерӣ бояд бозиҳо бо бозичаҳои оддӣ ва ашёҳои ивазкунанда пешкаш карда шаванд. Азхудкунии марҳилавии намудҳои мухталифи бозиҳои анъанавӣ барои шиносоии хонандагон бо бозиҳои компютерӣ замина фароҳам меорад. Бозӣ бо компютер бо ҳама гуна мӯҳтаво фаъолияти

хонандагон дар асоси объекти воқеӣ ё амалҳои воқеӣ пешкаш карда мешавад [42, с.102].

Ҳамин тариқ, бозиҳои компютерӣ яке аз воситаҳои таълими хонандагон маҳсуб меёбад ва бояд дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои васоити дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шавад [155].

Бо шарофати методи мултимедия доир ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ба натиҷаҳои зерин ноил шудан мумкин аст:

- захираи луғавӣ фаъолона комил мегардад;
- мақсаднокӣ ва бодиққатӣ тарбия карда мешавад;
- истилоҳоти миқдор ва воҳидҳо ба таври чуқур маърифат мегарданд;
- муҳассилин мафоҳими рангу шакл ва бузургиро ба суҳулат аз бар менамоянд;
- маҳорати парвариши хаёл ва машғул гардидан ба корҳои эҷодӣ ташаккул меёбад;
- татбиқи ҳаракатҳои нозуки чашм ва даст рушд мекунад;
- аносири тафаккури воқеӣ-бадеӣ ва назарӣ ташаккул ёфта, ба хонандагон имкон фароҳам меоварад, ки ҳолатеро муқаррар созанд, ки дар асоси он амалҳои минбаъда ба нақша гирифта шуда, ва на танҳо мавриди амал қарор бигиранд, балки «эҷод» ҳам гарданд;
- пешакӣ хондан ва навиштанро бояд мавриди омӯзиш қарор диҳанд;
- машқи диққат ва хотираро ба роҳ монанд.

*Шароити сеюми педагогӣ* истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ фароҳам овардани муҳити аз ҷиҳати педагогӣ қулай мебошад.

Бо мақсади муайян кардани мафҳуми "муҳити таҳсилоти қулайи педагогӣ" бояд зикр кард, ки мафҳуми ҳаловату роҳат дар тафсири умумӣ ҳамчун муҳити қулай ҳисобида мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки зери муҳити қулай мафҳуми иқлими психологӣ «нуҳуфтааст», ки ин имкон медиҳад муҳити қулайи педагогиро ҳамчун ҳолатҳои эҳсоси мусбати ҳар як иштирокчии муҳити таълимӣ ва муносибати байни онҳо тавсиф намоянд. Муҳит аз он ҷое оғоз меёбад, ки вохӯрии баамаломада сурат мегирад, ки онҳо якҷоя ба таҳия ва сохтани он шурӯъ мекунанд ва ҳамчун объект ва манбаи фаъолияти муштарак; ва дар он ҷое, ки байни субъектҳои инфиродии таҳсилот робитаҳо ва муносибатҳои муайян ба роҳ монда мешаванд.

Ба андешаи мо, муҳити таълимӣ аз як тараф ба механизмҳои рушди шахсият бо муайян намудани хусусиятҳои мақсаднок ва вазифавӣ илова гардида, аз тарафи дигар, пайдоиши онро дар муносибати фарҳанги муошират тасниф менамояд. Ин ду тараф махсусан дар мукаммалгардонии дутарафа танҳо ҳудуди мӯҳтавои муҳити аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқро муқаррар кардаанд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем муҳити мувофиқи педагогиро ҳамчун як воқеияти педагогие, ки дорои шароити махсуси ташкилшуда барои ҷараёни мусоиди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ, ҳамчунин имкониятҳои худшиносии хонандагон ба ҳисоб меравад, муқаррар намоем ва аз ин рӯ, муносибати байни иштирокчиёни раванди таълим хусусияти бойгардонии тарафайнро доро мебошад.

Унсурҳои сохтории муҳити аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқ, ки самаранокии раванди истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагонро дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ таъмин мекунанд, муҳити эҷодӣ, хайрхоҳона, ташкили вазъияти инфиродӣ ва худидоракунии хонандагон ва ҷалби хонандагон ба майдони фаъолияти бадеҳанавозӣ ба роҳ мемонанд.

Ташкили муҳити хайрхоҳонаи эҷодӣ, принсипи муоширати муносиб байни муаллимон ва хонандагонро доир ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди

таълими технологияи иттилоотӣ ҳамчун меъёр ва калиди ягонаи психологӣ дар ташаккули муоширати педагогӣ - эҷодии байни иштирокчиёни раванди таълим пешбинӣ мекунад.

Тибқи консепсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, муҳити рушди таълим бояд аз масъалаҳои ноил шудан ба болоравии маънавию ахлоқӣ, иҷтимоӣ, рушди умумизеҳнӣ умумифарҳангӣ ва ҷисмонии хонандагон иборат бошад:

- таъмини сифати баланди таълим, дастрасӣ ва ҷаззобияти он барои хонандагон, падару модари онон(ё намояндагони қонуниашон) ва тамоми афроди ҷомеа, таҳаввули маънавӣ ва ахлоқии муҳассилин;

- таъмини кафолати муҳофизат ва мустаҳкам намудани тарзи ҳаёти солим, солимии ҷисмонӣ, руҳиву маънавӣ ва иҷтимоии аҳли таҳсил;

Муҳити таълимӣ асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ҷузъи фазои таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳити таълимӣ дорои нишонаи ҳудудӣ ва хусусиятҳои сифатист, ки имкон медиҳад, ки талабот ба рушд, иҷтимоӣ ва шиносоии фарҳангии хонандагон ва ҷавонон бо риояи ҳатмии бехатарии онҳо пурра қонеъ карда шаванд. Раванди таълим сохтори ташкие мебошад, ки ҳаллу фасли бархе мушкилоти мавҷударо тақозо дорад ва бар ин асос мактабҳои махсуси таълимии фардиеро фаро мегирад, ки моҳияти психологӣ ва педагогии онҳо фароҳам овардани муҳити таълимӣ мебошад. Шароити асосие, ки ба муҳити таълимӣ хислати ташаккулёбанда медиҳад, бехатарии равонии он ба ҳисоб меравад. Фазои ягонаи таълимӣ тавассути сиёсати таълимие, ки ба ҳифз ва таҳкими солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоии ҳамаи субъектҳои низоми маориф нигаронида шудааст, ба миён оварда мешавад. Дар сатҳи мактаб ин дар низоми меъёрҳо, ки ба пешгирии таҳдидҳо доир ба рушди мусбати устувори шахс нигаронида шудаанд, ифода гардидааст. Дар фаҳмиши равонӣ ин сохтан ва татбиқи технологияҳо барои дастгирии амнияти равонии муҳити таълимӣ мебошад[35, с.21]..

Дар фаъолияти беруна фаъолияти объективии назорати субъектӣ (таълимӣ), рафтор (рафторҳои тарбиявӣ: таҳлилӣ, ҷамъбастӣ, низомнокӣ ва ғ.), амалиётҳо (амалиётҳои таълимӣ, ба мисли ҳалли масъалаҳо, иҷрои машқҳо, омода кардани рефератҳо) инъикос карда мешаванд. Фаъолияти дохилӣ бе ба роҳ мондаги назорати объективии дорои ангезаҳои фардӣ, афкор, ҳадафи истифодаи компютер дар дарс ва равишҳои беҳсозадаи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотб ба роҳ монда намешавад.

*Шароити чоруми ташаккули* асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон таҳия ва татбиқи намунаи истифодаи методи лоиҳа дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ махсуб меёбад, ки татбиқи принсипҳои дидактикиро таъмин менамояд (принсипи ташаккули тасвирҳои ақлӣ, принсипи субъективии ашёи табиӣ, принсипи ҳамкорӣ), ки тарҳрезӣ ва истифодаи методҳои ғайримуқаррарӣ ва шаклҳои таълимро барои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ роҳандозӣ менамояд.

Ҳоло методи лоиҳа дар таълим хеле паҳн гардидааст. Онро дар ҳама гуна фанҳои мактабӣ, ки дар он масъалаҳои калонҳаҷм ҳал карда мешаванд, беҳтараш барои хонандагони миёнсол ва калонсол истифода бурдан мумкин аст. Технологияҳои иттилоотӣ дар МТМУ ба наздикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт, аммо ҳангоми омӯзиши ин фан дарҳол методи таълими лоиҳавӣ истифода бурда мешавад. Дар аввал лоиҳаҳо дар мактаб бо истифода аз забонҳои барномасозӣ (Basic, Pascal) таҳия мешуданд, аммо имрӯзҳо онҳо кам истифода мешаванд ва ҳоло фаъолияти лоиҳа дар технологияи иттилоотӣ дар асоси барномаҳои амалӣ (муаррифӣ, ҷадвалҳои электронӣ, базаи маълумот, забони аломати гиперматнии HTML) ба роҳ монда шудааст. Баччагон лаззат ва қаноатмандиро аз натиҷаи меҳнати худ дарку эҳсос мекунанд, ки онро хонандагони дигар метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳар қадар оид ба натиҷаи меҳнати хонандагон талабот зиёд гардад,

ҳамон қадар бо кӯшишу масъулияти баланд хонандагон фаъолият мекунанд. Методи лоиҳа самаранокии баланд, ҳавасмандии таълим, коҳиш додани сарборӣ ва афзоиши нерӯи эҷодии хонандагонро нишон медиҳад.

Истифода бурдани асосҳои методии компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ эҷоди муаллим ва хонандагонро ба ҳам меорад. Ҳангоми таълими технологияи иттилоотӣ фаъолияти омӯзгор ба рушди дониш ва малакаҳои муайяне равона карда мешавад, ки дар асоси барнома дар ҳар як аз мавзуи фанни технологияи иттилоотии мактабӣ таҷассум ёфтааст. Корбурди усули лоиҳа истеъдоди маърифатиро бошад ба манфиатҳои хонандагон рушд мебахшад. Дар ин ҳолат, тамоми дарсҳоро танҳо барои таъсиргузории матлуб ба хонандагон равона кардан имкон надорад, зеро чунин раванд сатҳи таълимро метавонад поён оварад.

Фаъолияти лоиҳа дар раванди методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ наметавонад аз доираи дониши худ берун бароояд, аз ин рӯ, пеш аз оғози кор, ӯ бояд ин донишро аз худ кунад. Мутобиқати методи лоиҳа ва низоми муқаррарии синфу дарс барои муаллим вазифаи хеле душвор аст. Лоиҳаҳо метавонанд кӯтоҳмуддат (барои як дарс) ва дарозмуддат бошанд, аксар вақт барои тавсеаи фаъолияти таълимӣ дар шакли худомӯзӣ дар доираи кори мустақилона дар хона ё мактаб пешбинӣ гардидаанд [97, с. 62].

Аввалан, муаллим дониши ибтидоии назариявиро медиҳад, ки ба фаҳмиши умумӣ равона карда шудааст. Сипас, муҳассилин ба иҷрои машқҳои амалӣ оғоз мекунанд, ки мундариҷаашон ба асосҳои ниҳоии маърифат ва маҳорати хонандагон дар ҷараёни азхудкунии фанни асосии технологияҳои иттилоотӣ мувофиқат пайдо мекунад.

Тадқиқоти зиёди илмҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба методи лоиҳа бахшида шудааст ва муаллимони амалкунанда онро дар фаъолияти педагогии худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ташкили ин метод то истифодаи

ҷории умумӣ роҳи тӯлониро бояд сипарӣ намуд. Баъзе муаллифон онро як навоварие медонанд, ки танҳо дар байни методҳои дигари таълим ҷойгоҳи махсус доранд ва дар дидактикаи ватанӣ истифода мешаванд. Методи лоиҳа ин роҳи расидан ба ҳадафи дидактикӣ ба воситаи таҳияи муфассали масъала (технология) мебошад, ки бояд бо натиҷаи воқеии ба ин ё он шакл ба расмият даровардашуда хотима ёбад; ин маҷмӯи методҳо, амалҳои хонандагон дар пайдарпаии мушаххаси онҳо барои ноил шудан ба вазифаи гузошташуда, яъне ҳалли масъалаест, ки барои хонандагон бевосита муҳим мебошад ва дар намуди ягон маводи ниҳоӣ тарҳрезӣ шудааст.

Барои рушди асосҳои равишманди истифодаи компютер ва беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ ба истифодаи усули лоиҳа бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир кард. Коркард ва истифодаи ин равиш фаъолиятро ба омӯзиш татбиқ мекунад. Дар зери методи лоиҳа рушди малакаҳои маърифатии хонандагон, қобилияти мустақилона сохтани дониши худ ва муносибати эҳтиёкоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ нуҳуфтааст. Инро ба таври воқеӣ дидан, фаҳмидан, татбиқ кардан мумкин аст. Азхудкунии дониши назариявӣ танҳо тавассути иҷрои лоиҳаҳо ҳангоми иҷроише, ки хонандагон дониши худро доир ба муносибати эҳтиёткорона доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ ташкил мекунанд ва тавассути фазои иттилоотӣ мақсадро нишон медиҳанд. Барои таҳияи ин ё он лоиҳа оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ хонандагонро зарур аст, ки масъалаи дар пеш гузошташударо мустақилона мавриди корбарӣ қарор диҳанд. Ҳангоми ҳалли масъала методҳо ва воситаҳои мухталифи таълим, инчунин дониш ва малакаҳои соҳаҳои гуногуни илм, техника ва эҷодиёт мариди истифода ва корбурд қарор дода мешаванд.

Методи лоиҳаҳо дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ хусусиятҳои ташаккули малакаҳои муносибати мунтазам ба ҳалли вазифа, пайдоиши худмуайянкунӣ дар раванди кор ва таъсисро доро мебошад.

Дар ҷараёни истифодаи асосҳои равишманди истифодаи компютер ва кокарду беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими технологияи иттилоотӣ усулҳои мухталифи лоиҳаҳо пайваста ба ташаккули фаъолияти мустақили муҳассилин- фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ равона мегарданд.

Бо иҷро намудани лоиҳаҳои муносибати эҳиёткорона оид ба истифодаи компютерҳо дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ хонандагон алгоритмҳои муайяни амалҳо, машқҳоро ба иҷро мерасонанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои аслии лоиҳа дар ин раванд чунин муқаррар карда мешаванд:

1. Санҷиши дониш ва малакаҳо аз рӯи маводи гузашта;
2. Ташаккули тасвири иттилоттии ҷаҳон;
3. Шароити кор кардан бо КФ ва дастгоҳҳои маҳаллӣ;
4. Кашфи рушди малакаву маҳорат ва коркарди иттилоот;
5. Рушди мустақилият ва масъулият;
6. Рушди маҳорати таҳқиқот;
7. Рушди маҳорати таҳлил ва роҳҳои ҳалли масъаларо дарёфтан;
8. Коркарди маҳорат дар коллектив.

Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ муаллим бояд хонандагонро бо марҳилаҳои таҳия ва татбиқи лоиҳа шинос намояд, инчунин:

1. Масоилро ба тарзи мухтасар шарҳу тавзеҳ додан;
2. Ҳадаф ва масоили фарогири лоиҳаро мушаххас кардан;
3. Таркиби лоиҳаро муқаррар сохтан;

4. Барои интихоби шароити дуруст ва мувофиқи мақсади татбиқи лоиҳаи таълимӣ мусоидат кардан;

5.Самараҳои фаъолияти лоиҳа ва хонандагонро баҳогузорӣ намудан.

Меъёрҳои баҳодиҳии корҳои лоиҳавии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1.Аҳамияту муҳиммияти масоили муқарраршуда, мутобиқати мавзуоти мавриди омӯзиши он;

2.Тасдиқи саҳеҳ будани усулҳои мавриди истифода дар раванди таҳқиқот ва равишҳои коркарди натиҷаҳои ҳосилшуда;

3.Фаъол будани ҳар як ширкаткунандаи лоиҳа дар асоси имкониятҳои фардии онон;

4.Вежагиҳои гуруҳии қабули қарорҳо;

5.Хусусиятҳои муносибат ва кумак ба ҳамдигар аз тарафи иштирокдорони лоиҳа;

6.Собит шудани дурустии қарорҳои қабулгардида, маҳорати зикри далоил барои хулосаҳо;

8.Зебоишиносии муаррифии самараҳои татбиқи лоиҳа;

9.Истеъдоди мувофиқи ҷавоб додан ба саволҳои мухолифон, пешниҳоди ҷавобҳои мухтасар ва мудаллал.

Эҷоди лоиҳаҳо роҷеъ ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ:

1.Барои омӯзиши моводи дахлдор ва мустақилона ҳал намудани масъалаҳои татбиқшаванда ҳавасмандии устувори мусбат ба вуҷуд меорад;

2.Ҳангоми истифодаи методи лоиҳа дар хонандагон имкониятҳои васеи худшиносӣ (барои интихоби мавзӯъ) ба миён меояд.

3.Ҳисси масъулиятро барои ҳаҷми кори иҷрошуда ташаккул медиҳад;

4.Ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкорӣ миёни гуруҳҳои муҳассилин шароит фароҳам оварда мешавад;

5.Малакаҳои коркард ва корбурди барномаҳоро дар самтҳои мухталиф рушд мебахшад;

6.Муносибати эҷодӣ роҷеъ ба ин масоил, аз ҷумла ҷустуҷӯ ва интихоби роҳҳои беҳтарини ҳалли онҳоро ташаккул медиҳад;

7.Муҳассилинро ба сатми ҳосил намудани маърифати баланд ба воситаи амали фаъолияти мустақилона, татбиқи ҳадаф ва мушкилоте , ки ҳалли онҳо сабаби ба даст овардани дониш ва маҳорати нав мешавад,равона менамояд;

8.Дар фосилаи начандон тулонӣ самараи матлуб аз чараёни таҳсил ба даст меояд. Дар ин фурсат хонандагон ба омӯзиши донишҳои самтҳои мухталиф сафарбар гардида, натиҷаҳои ба дастоварандаи онҳо пешбинӣ карда мешаванд. Он донишҳое, ки хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона ҳосил мекунанд, дурудароз дар хотираи онҳо боқӣ монда, дар раванди ба даст овардани донишҳои дигар истифода бурда мешаванд;

9. Ба барои ташаккул додани маводи воқеии бадастомада (лоиҳа) мусоидат менамояд;

10. Хонандагон натиҷаи назарраси шахсӣ ба даст меоранд, ки онро дар амалияи воқеӣ дидан, фаҳмидан ва татбиқ кардан мумкин аст;

11. Таълим шавқовар ва муфидтар хоҳад гардид.

Дар раванди татбиқи лоиҳаҳо оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ кадом натиҷаҳоро тасниф менамоянд:

1.Ташаккул ва коркард мегардад:

-маҳоратҳои ҷамъоварӣ, низомандӣ, таснифотӣ, таҳлили иттилоот;

-малакаҳои суханварӣ (санъати суханварӣ);

- маҳорати пешниҳод намудани иттилоот дар шакли дастрас ва дар намуди эстетикӣ;

-маҳорати баён кардани фикрҳо ва исботи ғояҳои худ;

-маҳорати фаъолият кардан дар гурӯҳ ва дар даста;

-маҳорати мустақилона кор кардан, интихоб намудан ва қарор қабул карда тавонистан.

2.Донишҳои ҳосилшуда аз рӯи фанҳои гуногун вусъат меёбанд.

3.Дараҷаи фарҳанги иттилоотӣ бар асоси анҷоми корҳои мухталифи техникӣ (истифода аз дастгоҳи чопӣ, сканер, баландгӯяк ва ғайра) ташаккул меёбад.

4.Хонанда барномаи компютериеро, ки дар асоси он лоиҳа ва барномаҳои дигарро омода месозад, хуб аз бар мекунад ва ин ҳолат барои пешрафти кори вай муассир хоҳад буд.

5.Хонанда имконияте дармеёбад, ки андешаву тахаюли эҷодии хешро ба амал пайванд бахшад.

6.Робитаи хонанда бо муаллим ба дараҷаи ҳамкорӣ мерасад.

7. Худбаҳодиҳии хонандагоне, ки бо сабабҳои мухталиф хештанро ноком мешумориданд, афзун мегардад.

Ҳангоми ташкил намудани корҳо доир ба лоиҳаҳо барои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ бояд аз омӯзиши манфиатҳои хонандагон, интихоби мавзӯъ барои лоиҳаҳо ва омода кардани хонандагон барои кор дар ин лоиҳаҳо оғоз кард. Дар ҷараёни омӯзиши ин мавзӯъ пас аз такмил додани дониши "Дастгоҳи компютерӣ" хонандагон даъват карда мешаванд, ки ба гурӯҳҳо тақсим карда, бо дастгоҳҳои компютерӣ муфассалтар шинос шаванд:

- протсессори платаи низомандӣ;
- дастгоҳи вурудӣ;
- дастгоҳи воридӣ;
- хотираи фаврӣ;
- хотираи дарозмуддат.

Ба ҳар гурӯҳ журнали корӣ ва дастурҳо барои иҷрои супориш пешниҳод мегардад. Пас аз анҷоми иҷрои кор, ҳар як гурӯҳ дар мавзуи худ бо маълумотнома баромад мекунад. Ғайр аз ин, муаллим ба хонандагон

пешниҳод менамояд, ки дар мавзуи "Дастгоҳи компютерӣ" кроссворд ҳал намоянд. Дар дарс аксар вақт бояд аз шакли гурӯҳии кор истифода бурд, зеро хонандагон кам-кам дар паси компютерҳо менишинанд, бинобар ин хонандагон бояд илова бар як вазифаи тарбиявӣ ҳал кунанд - бояд ба як фикри умумӣ омада, нақшаи кориро муайян ва мувофиқа карда, онро ба итмом расонанд. Ҳар қадар ихтилоф ва мубоҳиса бештар ба миён оянд, кор ҳамон қадар мукаммалтар ва натиҷа беҳтар мегардад.

Намунаҳои зерини лоиҳаҳо оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ:

Пурсиши иҷтимоии навъи лоиҳа. Таҳқиқотӣ: хонандагони синфҳои болоӣ доир ба мавзуи муносибати эҳтиёткорона нисбат ба компютер пурсишнома тартиб медиҳанд ва бо гузаронидани тадқиқоти иҷтимоӣ маводҳои ба даст омадаро ба Excel ҷойгир менамоянд. Лоиҳа дар ду дарс ҷараён хоҳад гирифт. Хонандагон дар ду гурӯҳи майда фаъолият мебаранд. Ҳадафи аслии лоиҳа коркарди маҳорати фароҳамоварии мавод ба воситаи ҷараён бахшидани пурсиш, коркарди амалии донишҳои ҳосилшуда бо ёрии Excel, худомӯзии низоми диаграммаҳо роҷеъ ба дарёфти ҷадвал ба шумор меравад. Хонандагон ҳамаи давраҳои лоиҳаи мазкурро бо ҷавобҳои ба самти хеш нисбатдошта ва маҳорати омӯзиши доимии аз рафиқони худ бадастоварда сипарӣ менамоянд. Ҳимояи лоиҳаҳо дар дарс тавассути хулоса ва машваратҳо гузаронида мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар барномаи Excel намоиш дода мешавад.

## Хулосаҳо доир ба боби якум

Таъмини раванди таҳсил ва истироҳати муҳассилини МТМУ-ро дар шароити кунунӣ бе истифодаи васоити муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама компютер имконпазир донистан номумкин мебошад. Дар шароити нави таърихӣ бошад ҷои - телевизор, магнитофон, плеерҳо, компютерҳо, ки бо мониторҳои лампаҳои рентгенӣ муҷаҳҳаз гардида будан воситаҳои комилан ҷадиди техникӣ - компютерҳо бо

мониторҳои LCD, ноутбукҳо, тахтаҳои интерактивӣ, васоити хониш барои хонандагон ва наврасон китобҳои электронӣ ва ғайра гирифтанд.

Афзалиятҳои таълими компютерӣ инкорнашавандаанд ва зарурати азхуд кардани дониши компютерӣ ба назар намоён аст. Имрӯз мо шоҳиди компютерикунонии қариб тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти кишвар ва ба сатҳи нави муҷаҳҳазшавии техникӣ гузаштани он ҳастем ва ин танҳо бо омодагии сатҳи мувофиқ сурат мегирад. Ба хонандагон ва наврасони муосир таъмин намудани технологияҳои иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар раванди таълим сол аз сол меафзояд.

Аз тамоми навъҳои технологияҳои компютерии то кунун дар ҷараёни таълими технологияҳои иттилоотӣ мавриди истифода қароргирифта, фақат компютер метавонаад дар ҳаллу фасли чунин масъалаҳо нақш гузорад:

а) ҳамоҳангии маводи аслии таълимӣ (бар асоси вежагиҳои шахсии муҳассилин);

б) гуногунсоҳавӣ будан (дар як вақт аз ҷониби гурӯҳи истифодабарандагон ба анҷом расонидани як ё якчанд кор);

в) интерактивӣ (ба роҳ мондани ҳамкории технологияҳои компютерӣ ва хонандагон, дар ин ҳолат шабоҳати ҳамкориҳо миёни унсурҳои мазкур мушоҳида мешавад);

г) назорат аз болои кори инфиродии хонандагон дар соатҳои беруназсинфӣ.

Истифодаи аз меъёр зиёди он низ метавонад ба хонанда таъсири номатлуб гузорад. Дар натиҷаи вақти худро бештар дар назди компютер гузаронидан хонанда зиёд асабӣ, хашмгин ва эҳсосотӣ гардидан , таъсири он ба донишазхудкунӣ низ ба мушоҳида мерасад. Ҳолати вобастагӣ аз компютер дар хонандгон пайдо мешавад:

Аломатҳои аз компютер вобаста будани хонандагон:

- Хонанда завқу ҳаваси хешро ба дигар машғулиятҳои даркорӣ гум мекунад.

- Тамоми вақтҳои холии худро кӯшиш мекунад, ки ба истифодаи компютер ё тамошои телевизион сарф кунад.

- Муносибат бо дигар хонандагон танҳо тавассути бозиҳои компютерӣ ҷараён мегирад.

- Зина ба зина робитаи байни волидайн ва хонанда коҳиш меёбад.

- Хонанда дар амали муносибат бо комютер нисбат ба дигарон афзалият мебахшад.

- Ба саволу муроҷиатҳо ҷавоб надода, аз суҳбату мулоқот бо дигарон канораҷӯӣ мекунад. Бештарин вақти барои анҷоми ин амалҳо бояд ҷудошавандаро дар назди компютер сафр менамояд.

- Хонанда роҳи фиребро пеш мегирад ва кӯшиш мекунад, ки бо ҳар роҳ хоҳишҳои худро амалӣ намояд.

- Муҳассили мактаб ба таври воқеӣ чӣ қадар вақтро дар назди компютер ё телевизор сарф кардааст пинҳон мекунад ва дар ин бора ба муаллим ва наздикони хеш маълумоти бардуруғ медиҳад.

- Хонанда ба ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба компютер, телевизор, планшет ё телефон бо асабоният муносибат мекунад, хеле ғамгину хашмгин мегардад, дағалӣ мекунад ва ҳатто метавонад дар баъзе ҳолатҳо гиря кунад.

- Замони истифодаи компютерро зери назорат гирифта наметавонад.

- Хонанда бар ин ҳолат одат мекунад, ки дар назди компютер нишаста хӯрок мехурад, ки ин ба саломатии вай зарари ҷиддӣ дорад.

- Хонанда аз оғози субҳ майл пайдо мекунад, ки ба тамошои филмҳои тасвирӣ машғул гардида, ин амалро тавассути компютер иҷро кунад.

- Вақте ки хонанда аз мактаб меояд коре, ки аввалин маротиба ба иҷро мерасонад ин дар назди телевизор ё компютер будан аст.

- Баландшавии эҳсосоти нофаҳмо, ки ба кайфияти бад оварда мерасонад. Агар шумо бодиққат назар кунед, шумо мефаҳмед, ки ин ҳама аз муваффақиятҳо ва нокомиҳои маҷозӣ вобаста аст.

- Нафари ба компютер вобасташударо дарҳол эҳсос кардан мумкин аст.

Тарбияи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълим, ҳамчун тарбияи умумӣ, мароҳили ҳалкунанда аз сифатҳои шахсии муаллим вобаста мебошад. Дар байни сифатҳои асосии омӯзгор, ки барои тарбияи диққат медиҳанд, инҳоянд:

-диққат ва назоратии муаллиме, ки аз хонандагон намепурсад, ки онҳо ӯро фаҳмидаанд ё не, балки онро аз чеҳраи онҳо дарк мекунад;

-маҳорати ҷалб намудани аҳли хонанда бо тамоми ҷузиёташ, ки дар синфхона рӯй медиҳад;

- дарки синфхона;

- муҳаббат доштан ба фанни хеш;

- ҳунармандӣ (артистизм);

- ба олами дохилии хонандагон аҳамият додан, дилсӯзӣ ва ғамхорӣ;

- бодиққат будан ба амали худ, худдории доимӣ, ба хатоӣ роҳ додан обрӯи муаллимро паст мекунад;

- боварӣ доштан ба хеш;

-неруи дохилӣ – на доду фарёд ва додгӯӣ, балки оромии комил ва ботартибӣ;

-босалоат ва неруманд ба роҳ мондани дарс;

-маҳорати робитаи доимӣ доштан бо хонандагон.

# БОБИ 2.КОРИ ТАҶРИБАВӢ – ОЗМОИШӢ ОИД БА АСОСҲОИ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ВА РАВИШҲОИ БЕҲТАРСОЗИИ МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

## 2.1. Амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ

Ба унвони усули муҳими дониши илмӣ, амсиласозӣ дар шароити кунунӣ доираи пурвусъатеро соҳиб гардидааст, ки онро метавон дар чанд бахш баррасӣ кард.

Аввал, ҷиҳати ба вуҷуд овардани як назарияи тоза ё омода кардани назарияи вуҷуддошта, вале нокомил маврид истифода қарор гирад, агар:

1) роҷеъ ба объекти мазкури таҳқиқот дониши зарурӣ ва кофӣ дар ихтиёр нест;

2) зарур аст, ки муносибати объект дар оянда пешгӯӣ карда шавад;

3) воситаҳои назарияи мавриди амал қарордошта ба омӯзиши ин ё он тарафи воқеият ба чашм ҳангоми истифодаи он таъсир мерасонад;

4) бояд самараҳои назарӣ роҷеъ ба воқеият маънидод карда шаванд;

5) зарурати шарҳу тафсири равобит миёни назарияҳои мухталифи ҳамарӯза амалкунанда пеш меояд.

Дуюм, ҷалби амсилакуниро барои амаликунонии таҷрибаи фаъолияти шахс ба роҳ монд:

1) ҳангоми санҷиши баъзе аз ҳолатҳо тасдиқи бевосита, ки набояд ҷорӣ гардад;

2) ҳангоми корҳои озмоишии имконнопазир бо объектҳои басо бузургу миёна;

3) ҳангоми зарурати поён кардани хароҷот ба ин ё он фаъолият.

Дар луғати фалсафа амсилакунонӣ чун инъикоси хусусияти баъзе объектҳо ба дигар объекте, ки махсусан барои омӯзиши он ташкил гардидааст шарҳу тафсир ёфтааст ва аз ин рӯ, амсила унвон дорад.

Тафсирҳои зиёди мафҳуми амсила ва амсилакунонӣ вуҷуд дорад, ки гуруҳе аз онҳоро дар поён барои собити назарҳои илмии хеш меоварем:

“Амсила дар илми мантиқ ва методология – аналог (чизе, ки ба чизи дигар монанд аст) (нақша, сохтор, нишонаи низом ) пораи муайяни воқеияти табиӣ ва иҷтимоӣ, маводи маданияти шахс, таълими консептуалӣ-назариявӣ ва ғ. ин. – амсилаи табиӣ маҳсуб меёбад. Монандии мазкур баҳри ҳифозат ва афзудани дониш (иттилоот) доир ба табиӣ будани сохтор ва таркиб барои дигаргунӣ ва идоракунии онҳо мусоидат менамояд. Новобаста аз он ки кадоме аз узвҳои муносибат “объект – амсила” ба сифати амсила мавриди омӯзиш қарор мегирад, ҳамеша дар навбати охир нақши маърифатро тавассути баёнот, пешгӯӣ ва эвристика мавриди амал қарор медиҳад” [4, с.78];

“Таҳти мафҳуми амсила тасаввуроти фикрӣ ё низоми вуҷуддоштаи мавод маърифат карда мешавад, ки бо таҷассум ё таҷдиди объекти баррасӣ иваз кардани он имкон дорад. Мавриди омӯзиш қарор додани он баҳри мо иттилои ҷадид оид ба ба объекти мазкур пешниҳод месозад[2,с.13].

Зери мафҳуми амсилаи илми муосир муҳтавои басо комил ва устувор бо назардошти диққати асосии амсилакунонии пӯшидаи дохилии таркиби объект нуҳуфтааст.

Шаклҳои амсилакунонии маърифати илмии мавриди истифода гуногун роҳандозӣ гардида, аз муҳити истифодаи онҳо вобастагӣ дорад. Аз рӯи хусусият аломатҳои ашёвӣ ва аломатии амсилаҳо муқоиса мегарданд; аз рӯи маҳорати истифода –амсилаи таҳқиқотӣ ва дидактикӣ; аз рӯи хусусияти инъикоси тарафҳои сохторӣ ва вазифавии амсилаҳо.

Дар амсилакунонии педагогӣ пеш аз ҳама амсилаи сохторӣ-вазифавӣ талаб карда мешавад, ки ҳангоми сохтор объект ҳамчун низоми комил дар худ қисмҳои таркибӣ, компонентҳо, унсурҳо, зернизомҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Қисми низомҳо бо муносибатҳои сохторӣ, вобастагии тасвирӣ, пайдарпайии ҳалли масъалаҳои алоҳидаи мантиқӣ ва замонӣ робита дорад.

Амсилаи асосҳои усулии истифодаи компютер ва беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни тадриси фанни технологияи иттилоотӣ муносиботи тасвирӣ, принсипҳои муҳими шароити педагогӣ, шаклҳои истифодашаванда, методҳо ва воситаҳо, компонентҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, нишондиҳандаҳо, марҳила ва зинаҳои ташкил намудани истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, натиҷаву хулосаҳоро ғунҷоиш додаast.

Самти аввали амсилакунонии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ин тасвири асосии методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ба шумор меравад. Дар меҳвари тадқиқоти илмии мо муносиботи куллии асосҳои равишманди истифодаи компютер ва беҳтаргардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ қарор дорад ва он унсурҳои зеринро фаро мегирад:

- муносибати инсонгароёна;
- муносибати фардӣ ;
- муносибати шахсӣ-ошноӣ;
- муносибати маърифатӣ.

1.Муносибати инсондӯстӣ (гуманистӣ). Дар худи намуди умумӣ педагогикаи гуманистӣ ҳамчун раванди таълим, ки дар маркази он шахсияти хонанда меистад мавриди омӯзиш қарор дорад. Эътирофи худбаҳодиҳии шахсият, ҳуқуқҳои он ба рушд ва ошкор намудани маҳорати инфиродии ташкили шароит барои худбамалбарории эҷодӣ ин ҳама муносибати гуманистии умумӣ оид ба таълимро муайян мекунад. Шиносоӣ оид ба рушди хонандагон ҳамчун субъектҳои шахсият, фардият ва рушди фаъолиятро

пешниҳод мекунад ва стратегияи фаъолияти муаллим бо ташкили шароит барои ба роҳ мондани неруи эҷодӣ дар низоми ҳамкории онҳо бо дигар хонандагон пешниҳод мекунад.

Муносибати гуманистӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ҷалби хонандагон ба ҷараёни таълимро дар назар дорад:

- муҳассил дар ҷараёни амали ин муносибт соҳиби ибтикор ва истиқлол мебошад;
- хонанда матолиби мавриди назаррас амиқ бошуурона маърифат мекунад;
- шавқу ҳаваси хонанда ба дониш, маърифат ва донишандӯзӣ афзун мешавад;
- хонанда дар самти интихоби мундариҷа, шакл ва низоми фаъолият аз ҳама ҷиҳат мустақил озод мебошад.

Дар раванди инсонгароии фаъолияти таълимӣ, аз як тараф, мавқеи умумии хонандагон дар муносибат ба хониш ба таври қатъӣ тағйир меёбад, аз тарафи дигар ҷобаҷогузории муаллимон кӯшиши амалан ба роҳ мондани ғояҳо ва принсипҳои гуманистӣ ба роҳ монда мешавад. Эълон гардидан ва ба роҳ мондани ғояҳои гуманистӣ комилан як ё ду фанни таълимиро ҷорӣ намуд, ки масъалаҳои маърифат, арзишҳои умумиинсонӣ ва муносибатҳои гуманистӣ байни одамон сурат мегирад. Воқеан ҳам таҷдиди аслии фаъолияти раванди таълим, ки пешниҳод мегардад муҳим аст:

- ташаккул дар низоми таълим, истифодаи усули озодандешӣ дар муносибати миёни омӯзгорон ва хонандагон;
- миёни муҳассилин ба амал баровардани муносибати ҳамдигарфаҳмии хонандагон ва татбиқи меъёри инсонгароӣ дар раванди ин муносибат, даст кашидан аз усули маҷбуркунӣ;
- тағйири симоҳои маҳсули хаёл ва андешаи хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ва табиатшинсӣ, ки аз дорои дониши воҳид,

ҷаҳоншиносии комил буда, нақши шахс дар ҳифзи онҳо муҳим арзёбӣ мешавад.

Муносибати гуманистӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ аз таҳвили зерин сарчашма мегирад:

1. Дар ҳар як хонанда ядрои мусбат мавҷуд аст, ки танҳо бояд мусоидат намуд.

2. Хонанда аз ибтидо озод тавлид меёбад. Барои он озод аст, ки ҳар як хонанда соҳиби он аст. Озодии азалии хонандагон ин худбаҳодиҳии комил аст, ки наметавонад арзишҳои берунӣ ва иҷтимоии муҳитро иваз кунад.

3. Хонандагонро набояд дар доираи ҷаҳонбинии муайян тарбия намуд, балки худи хонанда ҷаҳонбинии хешро бояд мавриди коркард қарор диҳад.

4. Ғайридастурӣ. Дар тарбия набояд фишор, маҷбурӣ, қаллобиро роҳ дод

Муносибати гуманистӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ хилофи муносибати фан ва барои тарбияи озод роҳандозӣ мегардад.

2.Муносибати инфиродӣ ин принсипи психологӣ-педагогие, ки мутобиқи фаъолияти илмӣ-тарбиявӣ бо хонандагон хусусияти инфиродии ҳар як хонандаро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Муносибати инфиродӣ ин амалкарди раванди педагогӣ аз ҳисоби хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар зинаи муайян таъсир расонидан ба рафтори онҳо дар вазъияти гуногуни ҳаётӣ маҳсуб меёбад. Муносибати инфиродӣ дар раванди истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ хусусияти маҷмӯи зеҳнӣ, иродавӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва дигар нишонаҳои шахсиро доро аст, ки ба таври назаррас шахси мавриди назар аз дигар одамон тафовут дорад. Табиат ба ҷинси одамон басо саховат кардааст: дар сайёраи

Замин ягон маротиба ду одами ба ҳам монандро дидан ғайриимкон аст. Ҳар як шахс дар мустақилияти хеш ягона ва нотакрор мебошад.

Муносибати фардӣ дар ҷараёни истифодаи компютер ва усулҳои беҳгардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди технологияи иттилоотӣ бо такя бар тарбияи шахсият ва мутобиқи доштани дониши амиқи фаннӣ ҷараёни мегирад. Ин муносибат на бо ҳадафи мувофиқоварӣ, мазмуни асосӣ ва тарбияи хонандагони ҷудогона, балки ҷиҳати татбиқи шакл ва усулҳои таъсири педагогӣ ва барои дараҷаи муайяни амалкарди лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

Дар назарияи педагогӣ муносибати инфиродӣ яке аз принсипҳои муҳими таълим мавриди омӯзиш қарор мегирад. Назарияи педагогӣ чун хусусияти муносибати инфиродӣ яке аз принсипҳои умумии педагогӣ ва дидактикӣ фаҳмида мешавад.

Якум, принсипи муносибати инфиродӣ дар муқоиса бо дигар принсипи дидактикӣ зарурияти қайди низоммандиина танҳо иҷтимоӣ-намудӣ, балки инфиродӣ-беҳамто дар шахсияти ҳар як хонанда ба назар мерасад.

Дуюм, ба муносибати инфиродӣ ҳар як хонанда ба куллӣ мӯҳтоҷ ва вобаста мебошад. Аломати принсипи мавриди назар аз шароиту шароит оид ба муносибати гуммаистӣ доир ба шахсияти хонанда сарчашма мегирад.

Сеюм, муносибати инфиродӣ принсипи фаъол, ташаккулёфта, рушдгардида ба ҳисоб рафта, рушди эҷодии инфиродии хонандагонро дар назар дорад.

**3. Муносибати шахсӣ-шиносоӣ** ин самти пешбари стратегии рушди низомҳои таълими хонандагон дар ҷаҳон мебошад ва имрӯзҳо таълими шахсӣ-шиносоӣ ба ҳисоб меравад. Таълими шахсӣ-ошноӣ дар ҷараёни истифодаи компютер ва беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ ҳамчун муайян намудани хусусиятҳои хонанда ҳамчун субъект, эътирофи таҷрибаи субъекти ба худ хос ва худбаҳодиҳӣ, ташкил намудани таъсири педагогӣ дар асоси таҷрибаи субъектии хонандагон фаҳмида мешавад.

Муқаррароти таълими шахсӣ-ошноӣ дар ин раванди аз инҳо иборатанд:

1.Гунаҳои ташкили раванди таълиму тарбия набояд ба саломатии хонандагон зарар расонад;

2.Баланд бардоштани кӯшиши хонандагон доир ба масъулияти комил ба уҳдадориҳои хеш;

3.Мақсаднок, аммо хайрхоҳона муҳокима кардани рафтори хонандагон;

4.Барои хатоҳои хонадагонро дарёфтан, мусоидат намудан;

5.Пешравии дарки хонандагонро дастгирӣ намудан;

6.Худбаҳодиҳии мусбати хонандагонро ташаккул додан. Ба рушди шахсии "МАН" дар раванди таълим мусоидат намудан;

7.Доимӣ зиёд намудани талабот ва натиҷаҳои назаррасро устувор намудан;

8.Шароити фаъолияти пешравро вобаста ба самти зарурӣ кашф намудан;

9.Бешубҳа фаҳмидан, қабул кардан, дӯст доштани хонандагон бо муҳаббат ва талаботи дӯстдорӣ;

10.Самтҳои устувор ва ноустувори хешро хуб дарк кардан;

11.Ҳар як муваффақияти хонандаро нек истиқбол кардан;

12.Ба хонандагон имконияти шароити худсобиткуниро додан;

13.Доимӣ хонандагонро ҳушдор намуд, ки аз онҳо чиро талаб доранд ва онҳоро чӣ гуна дидан мехоҳанд?

14.Мавриди омӯзиш қарор додани вазъият ва руҳияи хонандагон;

15.Хонандагонро бо диққат гӯш додан ва кори аз ҳама муҳими худро ба як сӯ гузоштан;

16.Раванди таълиму тарбияро зери назорат бо назардошти доираи стратегияи интихобгардида устувор нигоҳ доштан;

17.Аз муносибат бо хонандагон лаззат бурдан;

18.Бо хонандагон бо назардошти хостори онҳо муоширaт намудан;

19.Рафтори онҳоро муҳокима кардан ва ба шахсияти онҳо арҷ гузоштан.

Ҷиҳати ба амал пайвварстани намунаи ба хонандагор равонашудаи таълим бар мабнои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ анҷоми корҳои зерин лозим аст:

якум, қабул кардани мафҳуми раванди таълимии технологияҳои иттилоотӣ на ҳамчун омезиши таълим ва тарбия, балки чун шакли ташаккули фард, рушди истеъдоду қобилиятҳое, ки дар онҳо таълиму тарбия ба таври узви канори ҳам қарор медиҳад;

дувум, муқаррар кардани вежагиҳои муносибати миёни шикаркунандагони аслии ҷараёни таълим: менеҷерҳо, омӯзгорону толибилмон, падару модарон;

сеюм, муайян кардани меъёрҳои самаранокии раванди таълим.

Таълими шахсӣ-шиносӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ нақшаҳои зеринро доро аст:

1.Бояд тамоми хонандагон ба ин фан таваҷҷуҳ намуда, рушди онро дар сатҳи ҳамагонии синф таъмин кунанд;

2.Ба ташаккули эҷодии шахсият бар асоси истифодаи воситаҳои мухталифи техникӣ мусоидат намоянд;

3.Татбиқи хусусиятҳои фардии хонанандагон дар самти технологияи иттилоотӣ;

4.Ба шахс дар самти ташаккули худшиносӣ ва худмуайянкунӣ мусоидат намоянд.

Вазифаҳои мазкур дар сурати бозиҳои мухталиф(аз ҷумла таври зеҳнӣ, варзишӣ, маҷозӣ – иҷрои нақш), дарсҳову мушоҳидаҳо, чорабиниҳои мухталифи таҷрибавӣ ва иҷрои машқҳо) мавриди амал қарор дода мешаванд [198, с.64].

Дар ҷараёни истифодаи компютер ва коркарди равишҳои мутобиқгардонӣ ва беҳбуд бахшидан ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар вақти технологияи иттилоотӣ иҷрои се вазифаи муҳим талаб

карда мешавад ки, онҳо дар ҳолати татбиқи шеваи авторитарӣ (ҳукмраво) ва либералии (бепарвоӣ) робитаи миёни устод ва хонанда имконнопазир мегардад. Вазифаҳои мазкур аз инҳо иборатанд:

1.Инсонгароёна. Моҳияти вазифаи башардӯстона дар шинохти арзиши инсон, дарки маънои ҳаёт, иштироки фаъолона дар он, инчунин огоҳӣ аз озодии шахс ва имкони ба ҳадди аксар расонидани нерӯи хеш ба ҳисоб меравад. Воситаҳои татбиқ ин алоқа ва ҳамкорӣ мебошанд;

2.Вазифаи рушди сатҳи фарҳангӣ ба таҳаввули васила ва унсурҳои фарҳанг равона гардидааст. Онҳо ба воситаи унсурҳои худшиносии фарҳангӣ, истиқбол аз арзишҳо татбиқ мешаванд.

3.Вазифаи иҷтимоии фарогирӣ таҷдиди назар ба таҷрибаҳоеро аз тарафи хонанда дар назар дорад, ки ҷиҳати вуруд ба муҳити иҷтимоӣ татбиқ мешаванд. Он тавассути таҷассум, ҳифзи фардият ва фааъолияти эҷодкорӣ ба сифати мақоми шахсӣ дар тамоми фаъолият ба амал баровардa мешавад.

Бо сабаби он ки вазифаҳои фавқузикр бо шеваи озоди роҳбарӣ татбиқ мешаванд, дар ин ҳолат талаботи муаллимро ба эътибо гирифтан шарт ва зарур аст. Талаботи муаллим аз инҳо таркиб ёфтааст:

- муносибати нек ба шахсияти муҳассил ваояндаи ӯ. Ҳавасманд-гардонии хонанда аз рӯи ташаккули руҳди рушди иқтидор ва маҳзорати вай;

- муносибат ба толибилм ба унвони нафаре, ки тибқи хостаҳои худ ва ба сурати озод таълим мегирад. Дар ҳолати макур ба чунин хонандагони имконият дода мешавад, ки дар раванди таълим ҳузури фаъол дошта бошанд.

- такя ба ҳавасмандии шахсии ҳар як муҳассил, ҷиҳати мусоидат барои кашф ва ташккули қобилиятҳои ӯ.

**4.** Муносибати фарҳангӣ**.** Дар раванди таълим муносибати фарҳангшиносӣ аслан ғояи нав нест. Роҳҳои бадеӣ, фалсафӣ, беихтиёрона ва табиӣ-илмии маърифат, ки тавассути онҳо интиқоли маъно, фарҳанг ва арзишҳо ба амал меоянд. Ин аст моҳияти муносибати фарҳангшиносӣ. Маҳз муносибати фарҳангшиносӣ ба ҷуғрофия барои омӯхтани муҳити ҷуғрофӣ аз ҷониби фарҳанг кӯмак карда, таъсири инсонро ба табиати атроф нишон дода,

дар ташаккули маънавият ва сифатҳои инсонпарваронаи шахсият кӯмак мекунад [183, с.97].

Шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангӣ дар ҷараёни таълим бо ёрии тасвирҳои рассомон, асарҳои мусиқӣ ва адабӣ имконпазир аст. Аз ҷумла, ҷуғрофияи ҷаҳонро аз суратҳо омӯхтан мумкин аст ва расмҳо инчунин ба таври маҷозӣ нишон медиҳанд, ки объекти ҷуғрофӣ дар муддати кӯтоҳ (фаслҳои сол) ва дар тӯли муддати тӯлонӣ (сол) чӣ гуна тағйирот ба амал оварда метавонад.

Аз ин бармеояд, ки дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ муносибати фарҳангӣ ба таълим ҳалли 3 вазифаи стратегиро дар бар мегирад:

1.Дар хонандагон ҷой додани арзишҳои умумиинсонӣ;

2.Фароҳам овардани шароит барои худмуайянкунии фарҳангӣ ва худшиносӣ;

3.Арҷ ва эҳтиром гузоштан ба мероси фарҳангии инсоният.

Муносибати фарҳангшиносӣ на танҳо барои мавзӯъ, балки инчунин барои натиҷаҳои метапредмет, яъне ба шахсят, яъне фарҳанги ахлоқии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Ва ин, мо боварӣ дорем, ҳадафи олии таълим аст.

Муносибати фарҳангӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи методҳои методологие дарк карда мешаванд, ки таҳлили ҳар як соҳаи амалияи иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаи маориф, дар заминаи мафҳумҳои фарҳангӣ, аз қабили фарҳанг, намунаҳои фарҳангӣ, меъёрҳо ва арзишҳо, фаъолият ва манфиатҳои фарҳангӣ ва ғайра таъмин мекунанд. Муносибати фарҳангӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ғояи арзишҳои асосии таълимро ҳамчун маълумоти иттилоотӣ ва маърифатӣ тағйир медиҳад, меъёрҳои самаранокӣ ва эҷодкориро дар фаъолияти муал-

лимон ва хонандагон рушд медиҳад. Вазифаҳои фарҳанг, ки аз нуқтаи назари равиши фарҳангӣ амалӣ карда мешавад ва ҳангоми таҳсилот ҳамчун раванди фарҳангӣ муҳимтарин мебошанд ва ин мерос ва рушди низоми арзишҳо, таъмини шароити таҷдиди доимии онҳо, эҷоди амсилаҳои нав бо мақсади таъмини ҳаёти гуногуни ҷомеа; эҷод ва таъмини робитаҳои ба ҳам муносиб, ҳамкорӣ ва муошират дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Муносибати фарҳангшиносӣ доир ба таҳсилот аз принсипҳои мутобиқати фарҳангӣ, ҳосилнокӣ, гуногунфарҳангӣ асос ёфтааст.

Муносибати фарҳангӣ ин метапринсип ба шумор рафта, таълим бояд аз як тараф комилан мувофиқ будан ба фарҳанги муосир ва ба хусусиятҳову талаботҳои он бошад, аз тарафи дигар қобили таҷдид намудани иҷтимоӣ, яъне бо ташкил намудани шаклҳои нави фарҳанг, на ба таврии одии иқтибосшавии меъёр ва арзиши онҳо ба ҳисоб меравад. Муносибати фарҳангии дорои сифати муайян дар назари аввал робитаи хонанда ва омӯзгор дониста мешавад.: афзалияти арзишӣ аз рӯи дониш, ёрирасонӣ, дастгирӣ, муколама, изҳори ҳамдардӣ муқаррар карда мешавад [7].

Тарафи дигар ва ё дувуми амсилакунонии равишҳои истифодаи компютер ва беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифода кор бо он дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ ин муқаррар сохтани принсипҳои аввалини кор бо компютер ва усулҳои беҳтар гардонидани муносибатҳои мазкур ҳамчун баромадан аз вазъият ба ҳисоб меравад, ки мавқеи назариявии мо ба он такя мекунад. Ба назари мо, асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ низомҳои принсипҳои зеринро таъмин менамояд:

1.Принсипи некӯкорӣ ё принсипи дӯстдорӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ҳавасмандии чуқурро, ки роҳи хонанда маҳсуб меёбад, дар назар дорад. Ин на танҳо эҳсосоти самимии чуқур, балки муносибати асосӣ оид ба объекти муҳаббату

дӯстодорӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо бо чунин арзишҳои зерин асос меёбанд, ба мисли:

- ғамхорӣ;
- эҳтиром;
- масъулият;
- дониши чуқури одами дигар.

Меҳрубонӣ дар ҷараёни таълим ё ба роҳ мондани фаъолияти педагогӣ дар сурати ғамхорӣ ба хонандагон, ба вуҷуд овардани шароити мувофиқ баҳри таъмини тарзи ҳаёти солим барои онон муҳимияти истифода аз малакаву маҳорат бозтоби аслии хешро пайдо ва муайяну дақиқ мегардад. Аз ин рӯ, муаллим дар раванди ташаккули фарҳанги муошират хонандагон дар шароити муошироти байналмилалӣ набояд хушмуомила, раҳмдил бошад, балки бо маҳорати баланд хонандагонро ба меҳнатдӯстиву масъулиятшиносӣ ва ба тақдири хеш ва бегона аҳамият доданро омӯзонад.

2.Принсипи илмият муҳтаворо муайян мекунад, ба он на танҳо дониши анъанавии илмиро талаб дорад, балки вазъияти басо таҳтонии дониши илмӣ, ҳамчунин масъалаҳои рушди ояндаи он, ки асосан барои таълими меҳнат муҳим мебошад.

**3.**Принсипи дастрасӣ ҳангоми асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз принсипи дастрасии умумӣ барои муайян кардани гурӯҳи хонандагони синну солӣ ё барои баъзе аз хонандагони сифҳои миёнаи синну соли мазкур аз рӯи принсипи дастрасии инфиродӣ интиқол меёбад ва чун вазъи комёбиҳои мақсади таълим мавриди омӯзиш қарор мегирад.

4.Ба таври васеъ дар адабиёт мувофиқи таълими компютер принсипи аёният мавриди истифода қарор гирифтааст. Агар дар ифодаи анъанавӣ зери аёният пеш аз ҳама ҷузъҳои тасвири аёнӣ фаҳмида шавад, таъмини талаботи хонандагонро дар ин ё он шакли предмет ё ҳодисот дидан мумкин аст ва ба онҳо таъсир расонидан мумкин аст, аммо дар таълими компютер аёният

барои азназаргузаронӣ на ҳама вақт шароити дар ҳаёти воқеӣ ҳатто бо ёрии дастгоҳҳои эҳсосӣ ва дақиқ (намуна аз физика: ҳаракати молекулаҳои броунӣ) мусоидат менамояд. Зиёда аз ин, бо таассурот дар шакли объекти компютер бо амалҳои гуногун ба роҳ мондан, омӯхтани онҳо на танҳо аз рӯи тасвири оморӣ, балки рушди доимӣ дар шароитҳои гуногун (ҳаракатҳои молекулаи броунӣ ҳангоми ҳарорати гуногун). Аз ин рӯ, компютер чӣ тавр тасниф кардани омӯзиши предмет ва раванди қоидаҳои асосӣ, ҳамчунин онро қисман дидан мусоидат менамояд.

**5.**Принсипи мутаззам ва риояи пайдарпайии мавод дар ҷараёни истифодаи усулҳои кор компютер ва методҳои беҳбуд бахшидан ба раванди муносибати эҳтиёткорона дар ҷараёни дарсҳои фанни технологияи иттилоотӣ ҳамчун бо ташкили маводи таълимӣ, ҳамчунин бо низоми амалкунандаи хонандагон аз рӯи омӯзиши он робита дорад. Барои таъмини принсипи пайдарпайӣ ба хонандагон дар аввали раванди таълими компютер таъсири амалии тахминиро фаҳмонидан аз манфиат холӣ нест ва мақсади таълимро мухтасар намуд. Новобаста аз мураккабӣ ва дурии роҳ хонандагонро ба мақсади омӯзиш овардан ин низомандӣ ва пайдарпайӣ аз ҳисоби барномаҳои компютерӣ сарчашма мегирад.

**6.**Принсипи шуурнокӣ дар асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ методикаи стратегияи ташкилкунанда таъмин гардидааст, ки барои таълими технологияҳои иттилоотии муосир имтиёз додааст. Барои ба роҳ мондани принсипи шуурнокӣ ба хонандагон мақсад ва масъалаҳои таълим, маълумот доир ба фаъолияти фан ва давраҳои асосии амалигардии онҳо иттилоъ дода мешавад. Пешрафти амаликунонии принсипи шуурнокӣ аз дараҷаи курси назариявӣ, кашфи пурраи мафҳумҳои омӯзишӣ ва робитаи муштараки онҳо вобастагӣ дорад.

7.Принсипи мутобиқат, яъне мувофиқат ба хусусиятҳои инфиродии хонанда бо назардошти шароити инфиродии қабули пешниҳодҳои маводи таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Амаликунии мутобиқат дар раванди асосҳои

методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ метавонад воситаҳои гуногуни аёниятро бо якчанд марҳилаҳои тафриқавиро ҳангоми пешниҳоди маводи таълимӣ аз рӯи душворӣ, масоҳат, муҳтаво таъмин намояд. Таълими технологияҳои иттилоотӣ муқаддима, асос ва кашфи боз як принсипи умумиро талаб менамояд, ки ҳарчанд дар раванди таълим ҳамешагӣ ҳузур дорад, аммо асосӣ ба шумор намеравад. Сухан дар бораи муоширaт, ташкили мусоҳиба байни таълимгиранда ва таълимдиҳанда, гузашта аз ин байни компютер ва хонанда меравад. Ин таълими нави ба компютер хосро принсипи донишу маърифати хизматрасонӣ номидан мумкин аст.

8.Принсипи таҳаммулпазирӣ (толерантӣ). Хонандагон МТМУ хешро бояд ҳамчун роҳбар бо принсипи таҳаммулпазирӣ ба итмом расонанд.

Таҳаммулпазирии бар пояи робита асосёфта дар ҷараёни ба амал баровардани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ баҳри ба вуҷуди омадани муносибатҳои байнишахсӣ ва ҷомеавӣ миёни донишҷӯёну хонандагон мусоидат менамояд. Таҳаммулпазирӣ дар ин раванди мавриди таҳқиқи мо на танҳо сабру таҳаммулро барои дигарон таълим ё талқин мекунад, балки гузоштани эҳтиром нисбати ҳамдигар, зуҳури меҳрубонӣ, раҳму шавқат, ҳамдардӣ (эмпатия), ки ба робитаи фарҳанги комил таъсир мегузорад, тақозо менамояд. Таҳаммулпазирӣ – ин пеш аз ҳама арҷ гузоштан ба фарҳанги бегона мебошад.

Ба маънои танг таҳаммулпазирии коммуникативӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ҳамчун мизоҷ муштараки бисёрсатҳа муайян мегардад, ки дар ҳар як кадоме аз онҳо ташаккули навъҳои муайяни таҳаммулпазирӣ сурат мегирад ё намегирад. Сатҳи таҳаммулпазирии коммуникативӣ барои он тасниф мегардад, ки таҳқиқотҳои иҷтимоӣ ҳамеша барои муайян кардани нишондодҳову натиҷаҳо

ва ҳатто кӯшиши омӯхтани тобишҳои гуногуни тадқиқи нав бо назардошти ҳаққонияташон ба тарзи таҷрибавӣ минбаъда дар асоси воҳиди ченак равона карда мешавад. Аз ин рӯ, дида баромадани таҳаммулпазирӣ танҳо аз мавқеи сабру таҳаммул – бесабрӣ ба дигар шахс, чун қоида, ба нақши “бегона” воридшаванда дар раванди вазъи муошират дастгоҳи дағалонаи воҳиди ченак бояд бошад.

Принсипи таҳаммулпазирӣ дар ҷараёни мавриди таҳқиқи мо ба раванди таъсири мусбат доштани кор бо компютер, бо таҳҳамул муносибат намудан ва ё меъёри худшиносӣ ва озодии таъсиргузор ба тамоюлҳои муфид асос пайдо мекунад.

9.Принсипи масъулият. Зери мафҳуми масъулияти коммуникативӣ қобилияти шахсият дар раванди муошират интихоби махсуси роҳҳои пайдоиши шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ , мувофиқат ва мутобиқати тафаккур ва таъсирасонӣ дар мувофиқат бо қабули меъёрҳои маърифату ҳуқуқ дар ҷомеа фаҳмида мешавад.

Раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ дар ҳамон вақт ба муваффақият ноил мегардад, ки агар дар МТМУ шароиту шароитҳои педагогии зерин мавҷуд бошад:

-ташкили шароити таълими масъулияти коммуникатсионӣ дар асоси методикаи маҷозии субъективӣ;

-ташкили воқеаҳои хонандагон дар асоси баланд бардоштани масъулияти байниҳамдигар дар раванди банақшагирии фарҳанги иҷтимоӣ;

-тартиб додани шароити муносибати байнифарҳангии ғайритаълимӣ дар асоси муошират ҳодисаҳо.

Принсипи масъулият дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ дар натиҷаи ба миён омадани назорати расмӣ ва ғайрирасмӣ дар рафти фаъолият бо мақсади мудохилаи бамавқеи

тасҳеҳӣ ба миён меояд. Принсипи мазкур бо озодии маҳдуд ҳамчун мафҳуми худсарӣ дар муносибат ба оне, ки ки аз ту вобаста аст, зуҳур мекунад.

Самти дигар ё савум дар вазъи муқарраршудаи муносибатҳои сатҳи берунаи шароити педагогии раванди мавриди назар дар таълими технологияи иттилоотӣ амсилаикунонии муоширати фарҳанги хонандагон ба ҳисоб меравад. Барои самарабахшии раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ бояд шароиту шароити педагогии зеринро риоя намуд:

*Нахустин шароити зарурӣ* ва лозимаи педагогии раванди мавриди назар ба кор гирифтани анвои бозиҳои компютерӣ дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон ба шумор меравад.

*Дуюмин шароити муҳими педагогии* асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ истифодаи васоити мултимедӣ дар муҳтавои таълими компютерӣ маҳсуб меёбад.

Сеюмин шароити педагогии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ин ташкил намудани муҳити комили таълимӣ ба шумор меравад.

Шароити чоруми рушди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ коркард ва ҷорӣ намудани амсилаи истифодаи методи лоиҳаҳо дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбад, ки амаликунии принсипҳои дидактикиро таъмин менамояд.

Таҳлили таҳқиқоти муаллифони осори психологӣ-педагогӣ бозгӯи он аст, ки унсури асосӣ барои тадқиқоти мо амсилаи блокҳо ба шумор меравад. Танзим ва таҳияи нақшаҳо дар асоси амсила муқаррар месозад, ки дар асоси муносибати дарунӣ ва робитаи миёни блокҳо, афтиши онҳо, низоми тафаккур аз миён хоҳад рафт.

Ҳарчанд амсилаикунонӣ яке аз давраҳои банақшагирӣ ба ҳисоб меравад, ба фикри мо, дохил намудан ба сохтори амсилаи раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ блокҳои зерин мақсаднок арзёбӣ мешавад:

- мақсаднок,
- ташкилӣ-фаъолиятӣ,
- муҳтавоӣ-технологӣ
- арзишӣ-натиҷавӣ.

1. Блоки дорои мақсади муайян самти дақиқи ҷараёни таълимиро таъмин ва дақиқ месозад.

Блоки дорои чунин мақсад ҷиҳати муқаррар сохтани масъалаҳо, иртибот ва ҷузъикунонии тамоми аҷзои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Мақсади раванди тадқиқ ин асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Мо аз мафҳуми мақсад фаъолияти натиҷаи таълим банақшагирифтаи тамсилӣ ва бо шуурро мефаҳмем. Мақсади гузошташуда тавассути ҳалли масъалаҳои зерин: ташаккули тобишӣ-арзишӣ, донишу маърифат, фаъолиятӣ-амалӣ, арзишӣ-рефлексии ҷузъҳои ташаккули фарҳанги муошират хонандагон дар шароити муносибатҳои байналмилалӣ тасниф мегардад.

Масъалаҳои мақсади коркарди қисмҳои амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотро мумкин аст ба шакли зерин мухтасар ифода кунем:

- дар хонандагон рушд додани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ;

- таъмин намудани донишомӯзии комил дар хонандагон оид ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ;

- ташкил намудани маҳорати коркард ва технологияи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ;

- эҷоди шароит баҳри ҳосил кардани таҳаввулот дар муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҷиҳати истифодаи компютер ҳангоми таълими дарсҳои ҷудогонаи фаннии технологияи иттилоотӣ;

2.Тамоюли ташкилӣ-фаолиятӣ восита, давраҳо ва вазифаҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро муайян мекунад.

3. Блоки муҳтавоӣ-технологӣ дар худ методҳо ва шаклҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро доро мебошад.

4.Дар блоки маъруф бо номи арзишӣ-натиҷавӣ меъёрҳо, рақамҳои овардашуда ва ва сатҳи рукнҳои равишманди кор бо компютер ва зуҳури муносибати эҳтиёткорона ба он дар маркази таваҷҷуҳи аслӣ қарор додааст.

Амсилаи графикии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ дар саҳифаи баъдӣ, дар **ҷадвали 1-ум** нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр масъалаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ дар робита бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи имрӯзаи мо муҳим арзёбӣ мегардад ва аз ҳар як шахс дараҷаи баланди дониши компютерро талаб менамояд.

Таҳқиқоте, ки доир ба ин самт аз ҷониби мо гузаронида шуд нишон дод, ки норасоии асосии низоми асосҳои методии истифодаи компютер ва

равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

-мавҷуд набудани мақсади ягона ва дақиқу мушаххаст;

-нуфузи тартибии фанҳои таълимӣ;

-истифодаи усулҳои муайяни методӣ, ки дар таълим асосҳои равишманди кор компютер ва усулҳои беҳтар кардани муносибати эҳтиёткорона ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ нақши муассир мегузоранд.




**Ҷадвали 1. Амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.**

## 2.2. Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

Таълими мактаби муосир ва истироҳати хонандагонро бидуни истифодаи васоити технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар навбати аввал компютер тассавур кардан номумкин аст. Ба ҷойи як гурӯҳ васоити таълими техникии асри бистум таълими телевизионӣ, магнитофон, компютер ва ғайра дигар таҷҳизотҳои нав ба монанди ноутбук, тахтаҳои интерактивӣ, васоити хониши электронии таълим ба миён омад [33, с.16].

Эътибори таълими компютер шубҳа надорад, аммо зарурияти омӯзиши босаводонаи компютер аён мебошад. Имрӯзҳо мо амалан дар ҳамаи самтҳо доир ба компютерикунонӣ шоҳид гардида истодаем ва омӯзиши он бидуни омодагии кадрҳо рушд нахоҳад ёфт. Ошно сохтани хонандагони муосир ва наврас доир ба технологияҳои иттилоотӣ сол аз сол зиёд гардида истодааст.

Технологияҳои наве, ки солҳои охир дар низоми маориф мавриди истифода қарор гирифта истодааст болоравии манбаи захираҳои иттилоотӣ, роҳи бевосита ба манбаи гуногуни иттилоотӣ, фосилавӣ, зудҳаракатӣ, интерактивӣ, шароити ташаккули шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ ва умумитаълимӣ, амсилаикунонӣ ва аниматсиякунонии равандҳо ва ҳодисоти гуногунро таъмин менамояд. Дастрасии азхудкунӣ, афзоиши миқдори истифодабарандагони компютери фардӣ барои васеъ намудани шаклҳои ба даст овардани таҳсилоти фосилавӣ, аз ҷумла барои хонандагони МТМУ мусоидат менамояд. Бо васеъ кардани дастрасии Интернет манбаъҳои на танҳо бозиҳои гуногун ҳамчун як муаммои муҳим – бехатарии иттилоттӣ-психологӣ, яъне бехатарии психикаи инсон дар муҳити иттилоотӣ ба миён меояд.

Асосҳои мавриди назари мо дар ин таҳқиқот дорои самтҳои объективӣ ва субъективӣ буда, ҳамчун шакли худназораткунӣ ва азсаргузаронии эсосӣ меъёри самараи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Механизми асосии масъулият аз назорат сарчашма мегирад, ки метавонад аз намудҳои дохилӣ ва берунӣ ибо-

рат бошад. Наврасони бо намудҳои гуногуни назорат бо таъсири беруна якхела мубтало намегарданд ва муносибати хешро бо калонсолон ва ҳамсолон ба роҳ мемонанд. Ин ва дигар шароитро дар раванди тарбияи масъулияти хонандагон самарабахш истифода бурдан мумкин аст. Нақши таъсиргузор ҳангоми ба роҳ мондани асосҳои методии муҳим ва мавриди татбиқи мо асосан ба МТМУ тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, ба таҷрибаи МТМУ ҷорӣ намудани технологияи самарабахши тарбияи эҳтиёткоронаи хонандагон зарур мебошад [128].

Раванди татбиқи тарбияи ғояҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон таълими технологияи иттилоотӣ:

- тасаввурот доир ба меъёри иҷтимоӣ, арзишҳои шахсӣ ва умумӣ, методҳои муносибатҳои масъулият;

- мафҳуми ахлоқ;

- тамоюли арзиш;

-тобиши уҳдадориҳои масъулияти муносибати мусбат ба арзиш, меъёри иҷтимоии хеш;

-ҳавсмандӣ ба хештаншиносӣ; муносибати эҳсосӣ ба ҳодисаҳои воқеии муҳити атроф;

-дарки назорат;

-дарки танзими ҳаракати шахсӣ дар мутобиқат бо вазифаҳои он;

- маҳорати масъулиятшиносона ба худ, ба одамони дигар, табиат, объекти ашё ва олами маънавӣ дахолат кардан;

-қобилияти ҷавоб додан ба рафтору амалҳои хеш, таҳлилу баррасӣ ва ба худ аз назари танқид баҳогузорӣ кардан ва ислоҳ кардани хеш.

Яке аз самтҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ин тарбияи масъулият маҳсуб меёбад. Тарбияи масъулият ин кори ҳазлу шӯхӣ нест. Рафтори масъулият дар кӯдак зина ба зина ташаккул меёбад, аз ин рӯ, бояд хусусиятҳои сиину солиро бояд

мавриди омӯзиш қарор дод, ки набояд талабот ба кӯдак зиёд карда нишон дода шавад. Пештар хусусиятҳои тарбияи масъулият дар давраҳои гуногуни синнусолӣ мавриди омӯзиш қарор дошт.

Якум, мисоли шахсӣ. Агар калонсолон ин ё он ваъдаро, ки доданд, бояд он иҷро гардад. Бояд худи калонсолон масъулият дошта бошанд ва намунаи ибрат бошанд. Мисол, бояд либосҳои худро ба танзим дароранд, онҳоро ба ҷои худаш гузоранд, набояд онҳо рӯи мизу курсӣ гузоранд ва ғайра.

Дуюм – машқ. Тарбияи масъулият дар он зоҳир мегардад, ки дар хонандагон рафтори одати муайян ташаккул дода шавад. Агар мо ба механизми тарбияи босифати ахлоқ нигоҳ кунем, одат тавассути машқҳо ташаккул меёбад. Яъне, барои ташаккул додани рафтори масъулият бояд ҳамарӯза талаботро амалан ба иҷро расонид.

Сеюм, методҳои ҳавасмандгардонии рафтори хонандагон мебошад ва ба он ҳавасмандкунӣ ва ҷазо дохил мешавад. Тамоми низоми ҳавсмандкунӣ ва муҷозотро бояд фикр намуд. Масалан, метавонем “намоиши корҳои нек”-ро фикр ва тартиб дод, ки дар он ҷойҳои масъулияти хонанда қайд карда шавад. Ҳар як рафтори калонсолон бо ягон аломат қайд гардад. Дар як ҳафта хонанда бояд миқдори муайяни аломатҳоро ба худ касб намояд, ки дар охири ҳафта хонанда дорои имтиёзи махсус гардад. Дар сурати иҷро нагардидан аломатҳо аз ҳисоби хонанда гирифта мешавад.

Методҳои қабули муносибати эҳтиёткорона оид ба компютер интихоб намудани тарбияи оила муҳим арзёбӣ мегардад.

Оила ин гурӯҳи иҷтимоӣ-педагогии одамон ба ҳисоб меравад, барои қонеъ намудани талаботҳои муносиб ба худмуҳофизаткунӣ (давом додани авлод) ва худтасдиққкунӣ (худэҳтиромнамоӣ)-и ҳар як аъзои оила пешбинӣ гардидааст. Оила дар шахс мафҳуми хонаро на ҳамчун бино, ки дар он зиндагӣ мекунад, балки ҳамчун дарк, эҳсосот, ки дар он ҷо дӯст медорад, мефаҳмад, ҳифз мекунад фаҳмида мешавад. Оила ин як таълимгоҳе ба шумор меравад, ки инсонро бо тамоми ҳастӣ ва вуҷудаш комилан фаро мегирад. Дар

оила ҳамаи сифатҳои шахс ташаккул меёбад. Хусусияти тақдирсози оила дар рушд ва нумӯи шахсияти инсон маълуму машҳур мебошад.

Тарбияи оилавӣ ин низоми тарбия ва таълим ба шумор рафта, дар шароити мушаххаси оила бо неруи волидайн ва хешовандон ба миён меоянд.

Тарбияи оилавӣ ин низоми басо мураккаб ба шумор меравад. Ба он ирсият ва саломатии биологӣ (табиӣ)-и хонандагон ва волидайн, таъминоти маводӣ-иқтисодӣ, вазъияти иҷтимоӣ, тарзи зиндагонӣ, миқдори аъзои оила, ҷои таваллуд, муносибат ба хонандагон таъсир мерасонад. Ҳамаи ин дар ҳар як воқеаҳои мушаххас маҳдудан ба таври гуногун ба миён меояд.

Масъалаҳои оила оид ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз инҳо иборат мебошад:

- барои пешравӣ ва рушди хонандагон шароити басо дурустро роҳандозӣ намуд;
- ҳифзи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва психологии хонандагонро бояд ба роҳ монд;
- таҷрибаи ташкил ва ҳифозати оила, тарбия намудани онҳо ва муносибат бо калонсолонро омӯзонидан
- маҳорат ва малакаи самарабахшро, ки самти худхизматрасонӣ ва ёрӣ ба наздиконро доро аст омӯзонидан;
- ҳисси ифтихор ва арзиши махсуси “ман”-ро тарбия намудан.

Таъсири оила ба хонандаро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ тарбияи оила аз рӯи хусусияти худ назар ба дигар тарбия басо муҳим аст, чунки “роҳбалад”-и он муҳаббати волидайн ба хонанда аст, ки ҷавоби дарки хонандагон ба волидайн мебошад.

1.Оила ҳамчун асоси ҳиссиёти бехатарӣ намудор мегардад. Муносибати ихлосмандона на танҳо барои рушди муносибати байниҳамдигар, балки таъсири бевоситаи онҳо барои паст кардани эҳсоси

хатар, ки дар хонандагони ба вазъияти тарс қарор дошта ба миён омадааст муҳим мебошад. Ҳамин тавр, оила эҳсосоти ибтидоии бехатариро бо назардошти кафолати бехатарии хонандагон ҳангоми ҳамкорӣ бо олами беруна, аз худ намудани методҳои нави тадқиқот ва эътино кардан таъмин менамояд. Ғайр аз ин, хешовандон барои хонандагон сарчашмаи тасаллодиҳанда дар дақиқаҳои ноумедӣ ва ҳаяҷон маҳсуб меёбанд.

2.Барои хонанда амсилаи рафтори волидайн муҳим мебошад. Хонандагон одатан кӯшиши рафтори дигарон, хусусан онҳое, ки ба онҳо дар робитаи наздик қарор доранд нусхабардорӣ кардан мехоҳанд. Қисман чунин кӯшиши бошууронаро дигарон ҳам амалӣ кардан мехоҳанд ва ин яке аз ҷанбаҳои ҳаммонанд бо дигарон ба ҳисоб меравад [128].

Ба ҳамин монанд, монандкунӣ муносибати байнишахсиро аз сар мегузаронад. Дар робита ба ин, бояд зикр кард, ки хонандагон аз волидайни хеш бо методҳои рафтори муайян, на танҳо бо азхуд кардани маълумоти бевоситаи қоидаҳои онҳо, балки ба шарофати назорати мавҷуда доир ба амсилаи муносибати байниҳамдигарии волидайн меомӯзанд. Мусаллам аст, ки дар ҳамон ҳолате, ки дастурамал ва намуна бо ҳам мувофиқ меоянд хонанда ҳамон гунае, ки волидайн рафтор менамоянд рафтор мекунад.

3.Оила барои андӯхтани таҷрибаи ҳаётии хонандагон нақши назаррас мебозанд. Дар раванди истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ нақши волидон бузург аст ва сабаб дар он, ки хонандагон сарчашмаи таҷрибаи зиндагиро аз падару модар меомӯзанд. Захираи луғавии хонанда бештар аз таъмини хонанда бо китоб, истифодаи китобхона, ба осорхона рафтан, дар ҳавои тоза гардиш кардан иборат аст, ки ин шароит аз волидани хонанда вобаста аст. Ба ғайр аз ин, бо хонанда дар сӯҳбат будан ва онро ба сӯҳбат ҷалб намудан муҳим аст.

Хонандагоне, ки бо таҷрибаи ҳаёт бисёр рӯ ба рӯ гаштаанд онҳо дар ҳамаи ҳолатҳо ба таъсири беруна ҷавоб гуфта метавонанд, аз ҳамаи ҳолатҳои

ба сари онҳо омада баромада метавонанд ва дар ҷамъият худро идора карда метавонанд.

4.Оила дар ташаккули интизому рафтори хонанда ҳамчун яке аз омилҳои асосӣ худро муаррифӣ карда метавонад. Волидайн ба рафтори кӯдак бо таъриф кардан ва ё танқид намудан, ё ин ки тавассути ҷазо таъсир расонида метавонанд. Хонандагон аз волидайни хеш ҳамон корҳоеро, ки падару модарашон амалӣ менамоянд меомӯзанд.

5.Суҳбат доир ба муносибати эҳтиёткорона бо компютер дар оила бо хонанда намунаи ибрат аст. Чунин сӯҳбат ба хонанда барои коркарди назарҳо, фикру ақидаи шахсӣ, меъёрҳо, дуруст ба роҳ мондан ва ғояҳо мусоидат менамояд. Рушди хонанда аз муносибати дуруст ва шароити хуби оилавӣ вобастагӣ дорад. Ҳамчунин аз интизом ва муносибати воқеии оила вобаста аст.

Оила барои хонанда ин ҷойи таваллуд ва муҳити зист ба шумор меравад. Дар оила шахсони наздики он зиндагӣ мекунанд, ки ӯро онҳо мефаҳманд, дар кадом вазъияте, ки қарор надошта бошад, хоҳ бемор, хоҳ тавонманд, хоҳ бадфеъл, хоҳ хушфеъл он ҷо худӣ аст.

Бо ин методи мазкур дараҷаи баланди назорат бо қабули мустақилияти хонанда баробар мегардад. Дар якҷоягӣ дар кӯдак қоидаи рафтор муайян мегардад. Ҳамон вақте ки хонанда қоидаро худаш фикр мекунад итминон дорем, ки он қоидаро вайрон нахоҳад кард.

Боз як методи амалии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ супориш ё низоми он дода мешавад. Аслан, онҳо қисми методи машқҳо ба ҳисоб мераванд.

Машқ такрори бисёркаратаи ин ё он амал барои ташаккули рафтори комил мебошад. Ба қавли А.С.Макаренко тарбия ин на он ки чун машқ дар рафтори дуруст сурат гирад [114].

Машқ – ин “омӯзондан”. Машқҳоро тавассути усули пурра (нишон додани ин ё он ҳолати рафтор ба сурати кушод), нокомил ё нопурра (табиати

андарунии машқ), табиӣ (ҳадафманд, муназзами, ташкили пурраи корномаи ҳаётии хонандагон) ва маснуъ (ба намоиш гузоштан) табақанбандӣ менамоянд.

Барои қабули методи мазкур дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ талаботи муайяни педагогӣ пешниҳод мегардад:

- хонандагон бояд зарурият ва манфиати машқро дарк кунанд;

- аввал таъсири аниқи эҷодро ба даст оранд, баъд суръатро;

- пешравии хонанда, ки дар натиҷаи машқ ба даст омадааст бояд қайд гардад.

Алгоритми гузаронидани машқ оид ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ:

- масъалагузорӣ;

- коркарди барномаҳои мукаммал;

- намоиши намуна;

- машқи иҷрои амал ва тасҳеҳи он;

- вобастакунӣ;

- таҳлил ва баҳогузорӣ ба натиҷаҳо;

- тамоюл ба истифодаи ҳамарӯза.

Шароити самарабахши методи машқ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ:

- маърифати вежагӣ, имкони тасаввур карда тавонистани натиҷаи ниҳоӣ, низом ва тартиби пайдарҳамии иҷро намудани машқҳо, пайванди бо усулҳои дигари мавриди истифода;

- шараф ёфтан, ҳамандозагии синну солӣ; азхуд кардани амал, ки аниқӣ муҳим аст, пайдарпайӣ;

- ташкили назорат ҳангоми иҷрои машқҳо ва кӯмаки касбӣ.

Истифодаи методи машқ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ самарабахш таъмин мегардад [192, с.9]:

- тарбияи бо мақсад ва маром будан дар ниҳоди шахсият;

- кор кардан баромади табиати иҷрои ташаббус ва вазифаҳои худ;

- баррасӣ ва пешниҳоди нуқтаҳои муҳим барои такмили рафтори нек;

-такмили худ ва муасоидат дар ифодаи шахс;

- ташаккули маҳорати эҷодкорӣ, диққат ва хотира, тафаккур, нутқ ва дигар вежагиҳои равоншиносии шахсият;

- ташакули зеҳнӣ ва вежегиҳои ҷисмони инсон .

Ҳамин тариқ, хислатҳои шахсӣ дар раванди иштироки такрорӣ дар он намудҳои фаъолият ташаккул меёбанд ва такмил меёбанд, ки мундариҷаи вазифаҳои фаврии шахсро ташкил медиҳанд. Барои коркарди хислатҳои таҳаммул, хусусиятҳои ирода, қатъият, ҷуръат, ташаббус дар раванди тарбия чунин шароитҳоро ташкил намуд, ки шахс барои ба вуҷуд овардани дархост бояд худро маҷбур созад. Ҳамаи ҳамин бо машқҳо чун мушкилоти паи ҳам таъмин мегардад, ки онро бояд бартараф намуд.

Шароит барои амаликунии методҳои тарбия дар асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

-фаҳмидани моҳияти иҷтимоӣ, хусусиятҳои амалии рафтори худ ба шакли пурра ва мушаххас, ки баъдтар ба одат табдил меёбад;

-мавҷудияти низомҳо дар машқҳо, ки бо роҳи ба нақшагирӣ пеш аз ҳама ин ё он амалҳо пайдарпайӣ ва мунтазамии машқҳо, андозаи сарбориҳоро таъмин менамояд;

– ҳаматарафа баҳисобгирии хусусиятҳои синну солӣ ва инфиродии шахс ва иҷрои талаботи шадид, вале барои бартараф кардани душвориҳо мусоидаткунанда.

Методи дигари асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими

технологияи иттилоотӣ методи ҳавасмандкунӣ ва ҷазо ба ҳисоб меравад. Ҳавасмандкунӣ ин методи ифодаи баҳои мусбат, мустаҳкам ва ҳавасмандгардонии ташаккули рафтори хуб мебошад. Чунин метод ба ҳавасмандгардонӣ маҳсуб меёбад.

Ҳавасмандгардонӣ дар шакли шоиста, таҳсин, миннатдорӣ, қадршиносӣ сурат мегирад. Ҳавасмандгардонӣ бо малака ва одатҳои мусбат сахт вобаста мебошад; кӯшишҳои муайянро доро буда, адолат ва виҷдонро талаб дорад, ки ин бояд аз хонанда сарчашма гирад. Истифодаи нодурусти методи мазкур метавонад такаббур, манманӣ ва шуҳратпарастиро ба миён орад. Аз ин рӯ, методи мазкурро боэҳтиёт мавриди корбурд қарор дод. Махсусан аз ҳамин ҷиҳат ҳавсмандгардонӣ ба ёрии тарбияи методӣ ниёз дорад.

Доир ба истифодаи методи ҳавасмандкунӣ ва ҷазо раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ талаботҳои муайяни педагогӣ пешниҳод мегардад:

- ҳавасмандгардонӣ доир ба пешравии воқеӣ ва асоснок;
- бояд адолати ҳавасмандкуниро таъмин намуд;
- набояд шахсони алоҳида пайдарпай ҳавасманд карда шаванд;
- ҳавасмандгардонӣ набояд якранг сурат гирад;
- ҳавасмандгардонӣ бояд ба синну сол мувофиқат намояд;
- ҳавасмандгардонӣ бояд бо хусусиятҳои инфиродӣ мутобиқат намояд;
- ҳавасмандгардонӣ бояд ҳамаи тарбиягирандагонро фаро гирад;
- ҳавасмандгардонӣ на танҳо ба шахсони алоҳида, балки ба ҳамаи гурӯҳҳои тарбиягирандагон дастрасӣ дошта бошад;
- ҳангоми ҳавасмандгардонӣ бояд хусусиятҳои хонандагон ба назар гирифта шавад. Шахсоне, ки шармгин ва ба худ бовар надоранд ба он ниёз доранд.

Ба кор гирифтани компютерҳо ҳангоми ҳавасмандкунӣ ва додани ҷазоҳо ба муҳассилини мактаб ин нуқтаро тақозо дорад, ки дар ин ҳолат бояд

вежагиҳои фардии хонандагон аз ҷумла, хусусиятҳои низоми асаб, мизоҷ, хислат, муносибат миёни одамон ва худи онҳо (аз ҷумла, худбаҳодиҳӣ, дараҷаи пурталабӣ), махсусиятҳои ирода, дилбастагӣ, ҳавасмандкунӣ ва амсоли ин ба эътибор гирифта шавад.

Олими соҳибноми соҳа Б.Т. Лихачев, [111, с.9] дар ҷараёни омӯзиши ҷазо ба унвони шеваи ислоҳ принсипҳои дигари ба кор гирифтани онҳоро ба тариқиби зайл пешниҳод мекунад:

1.Ба унвони усули ислоҳ ҷазо дар сурате самарабахш хоҳад буд, ки барои хонандагон мафҳум бошад ва ӯ онро одилона шуморад. Пас аз ҷазо онҳо ӯро ба ёд намеоранд, аммо муносибатҳои муқаррарӣ бо хонанда боқӣ мемонанд.

2.Агар хонанда гунаҳгор бошад, ӯро танҳо як маротиба ҷазо додан мумкин аст. Ҳатто агар якчанд амал якбора содир шуда бошад ҳам, ҷазо шадид буда метавонад, аммо танҳо як, барои ҳама якбора, ва на як ба як - барои ҳар як шахс.

3.Бо истифодаи ҷазо, набояд хонандаро таҳқир кунед. Мо на аз рӯи бадбинии шахсӣ, балки аз рӯи зарурати омӯзгорӣ ҷазо медиҳем.

4.Ҳангоми тасмим гирифтан барои чӣ ҷазо тавсия дода мешавад, ки хатти зерини рушд риоя карда шавад: аз ҷазоҳое, ки пеш аз ҳама ба пешгирии амалҳои манфӣ равона карда шудаанд, то ҷазоҳо, ки маънои асосии онҳо ташаккули сифатҳои муайяни мусбат мебошад.

5.Ҷазо надодан беҳтар аз он аст, ки дер ҷазо диҳед.

6.Асос барои истифодаи ҷазо – вазифаи ихтилоф.

7.Агар шумо ба адолат ва судмандии ҷазо эътимоди комил надошта бошед, ҷазо надиҳед. Нагузоред, ки ҷазо ба олоти интиқом мубаддал шавад.

8.Ҷазо тактикаи педагогӣ, дониши хуби психологияи рушд ва инчунин дарк карданро талаб мекунад, ки бо як ҷазо ба ин сабаб кӯмак намекунад. Аз ин рӯ, он дар якҷоягӣ бо дигар методҳои таълим истифода мешавад.

9.Ҷазо набояд ба саломатии хонанда на ҷисмонӣ ва на ахлоқӣ зарар расонад. Агар хонанда бемор бошад, аз ҷазо худдорӣ кунед.

10.Ҳар ҷазое, ки набошад, хонанда набояд аз ӯ битарсад. Вай бояд донад, ки дар баъзе ҳолатҳо ин ногузир аст.

Муҳаққиқ С.Д. Смирнов [111,с.176] барои онро иваз кардан пешниҳод мекунад:

1.Сабр. Ин бузургтарин фазилати волидайн аст.

2.Шарҳу эзоҳ. Ба хонанда фаҳмонед, ки чаро рафтори ӯ нодуруст аст, аммо то ҳадди имкон камтар кунад.

3.Парешонхотирӣ. Кӯшиш кунед, ки ба хонанда чизи ҷолибтаре аз он чизе, ки ӯ ҳоло кор мекунад, пешниҳод кунад.

4.Фориғболӣ. Интизор шавед, ки амал такрор шавад.

5.Ҳавасмандкунӣ. Агар шумо хонандаро барои рафтори хубаш ситоиш кунед, ин танҳо ӯро водор мекунад, ки ӯ дубора мехоҳад ситоишро шунавад.

Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ методи ҳавсмандкунӣ нақши бузургро доро аст. Методи ҳавасмандкунӣ – методҳое, ки ба ташаккули сабаби мусбати таълим, ҳавасмандкунии фаъоли маърифат равона мегардад ва барои ғанӣ гардонидани хонандагон бо иттилооти таълимӣ мусоидат менамояд.

Аз замонҳои қадим чунин методҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти инсон, ба монанди ҳавасмандкунӣ ва ҷазо маълум буданд. Педагогикаи асри XX диққатро ба як методи нави хеле самаранок, гарчанде ки методи нави ҳавасмандгардонӣ - рақобат аст ҷалб намуд. Дар даҳсолаҳои охир, ба назар чунин мерасад, ки як фишанги дигари субъективии прагматикӣ ба ин фишангҳои анъанавии идоракунии фаъолият ва рафтори инсон илова карда шудааст. Баррасиҳои илмӣ ва амалии анҷомёфта собит менамоянд, ки вежагиҳои фарққунандаи наслҳо ба таври барҷаста хусусияти (прагматикӣ), муносибати истеъмолкунандагонро дар зиндагонӣ, муносибатҳои интихобӣ ба таълим ва арзишҳои онро ифода мекунад. Ба ман тарбия чӣ медиҳад, он барои чӣ лозим, кай заруият дорад, он барои тарбия оё фоида дорад. Ин саволҳое, ки барои худ ва ба дигарон дода мешавад муносибати хешро доир

ба тарбияи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ доро аст[110, с.95].

Масъалаи истифодаи методҳои ҳавасмандгардониро муҳаққиқон А.С. Макаренко, В. П, Беспалко дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар айни замон, Л.Ю. Гордин, Н.Э. Шурков, В.Ю. Питюков бо ҳамин масъала сарукор доранд. Аммо ба осонӣ дидан мумкин аст, ки асарҳои ин ва бисёр олимони дигар пур аз изҳороти ихтиофи ҳамдигар мебошанд - аз тафсири аз ҳад зиёди ҳавасмандгардонӣ ва ҷазо, кӯшиши гузаштан аз онҳо ҳамчун як василаи "универсалии" тарбиявӣ пурра инкор кардани аҳамияти педагогии онҳо мебошад [115;13].

Методҳои ҳавасмандкунӣ рӯҳбаландӣ, рақобат, ҷазо, методи субъективӣ-прагматикии ҳавасмандгардонии фаъолият ва рафторро дар бар мегиранд.

Методи мусобиқа. Мусобиқа ин методи самти талаботи табии хонандагон оид ба рақобат ва афзалият ба тарбияи одамони зарурӣ ва хусусияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар сурати бо якдигар рақобат кардан, хонандагон муносибати эҳтиёткорна оид ба компютер таҷрибаи рафтори иҷтимоиро зуд аз худ мекунанд, сифатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ, эстетикиро инкишоф медиҳанд. Рақобат махсусан барои онҳое, ки қафо мондаанд, муҳим мебошад: натиҷаҳои худро бо ҳамсолони худ муқоиса карда, онҳо барои пешравӣ аз ҳавасманд мегарданд ва ба саъю кӯшиши бештар шурӯъ мекунанд.

Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ шумораи зиёди технологияҳои интерактивии таълим мавҷуд мебошанд:

- кор бояд ҷуфт амалӣ карда шавад;
- ҷойивазкунӣ;
- карусел (чархкфалак);

- кор дар гурӯҳҳои хурд;

- аквариум;

- ҷумлаи тамомнашуда;

- водоркунии майна;

- ҳаракати броунӣ;

- шунавоии шаҳрвандӣ;

- бозиҳои нақшӣ;

- методи фишор;

- мубоҳиса, музокира.

Истифодаи баъзе технологияҳои интерактивиро дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ баррасӣ намоед:

1. Кори дунафара. Технологияи таълими ҷуфт ( ё номи умуми он – технологияи кор бо ду нафар) раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ раванди ибтидоии методи таълими гурӯҳиро дар бар мегирад. Кори ҷуфтӣ барои ташкил намудани корҳои мустақилона дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ муҳим арзёбӣ меёбад. Баръакси кор дар гурӯҳҳои хурд, ки хонандагон бо навбат ба муаллим ҷавоб медиҳанд, дар ҳар як ҷуфт ҳар гуна, нисфи хонандагон дар ҳар лаҳза сухан мегӯянд ва нисфи дигар нутқи якумро назорат мекунад. Пас онҳо нақшҳоро иваз мекунанд

Кори хонандагон дар машғулият бо истифода аз се намуди ҷуфт анҷом дода мешавад:

- оморӣ;

- афзоишӣ;

- вариатсионӣ.

Ҷуфти оморӣ. Хонандагон дар як мизи корӣ муштарак нишаста кор мекунанд.

Ҷуфти афзоишӣ. Гурӯҳи хурде, ки аз 4 нафар иборатанд. Хонандагоне, ки дар мизҳои ҳамсоя нишастаанд, барои кор муттаҳид мешаванд. Ҳама бо ҳама кор мекунанд, се маротиба шарики худро иваз мекунанд.

Ҷуфти вариатсионӣ. Гурӯҳи хурди иборат аз 4 нафар. Ҳама бо ин ё он шарик кор мекунанд. Ҳамзамон, табодули мавод сурат мегирад, ки андешаҳои онро ҳар як аъзои гурӯҳ таҳия хоҳад кард.

Дар таълими ҷуфт, ҳамкории асосӣ байни ду хонанда ба амал меояд, ки метавонанд вазифаро муҳокима кунанд, омӯзиши ҳамсолон ё назорати ҳамсолонро амалӣ кунанд. Бояд қайд кард, ки кӯмаки дӯст барои хонанда аксар вақт аз кӯмаки муаллим муфидтар аст. Кори ҷуфтӣ дар компютер ибтидо аз сабаби набудани компютерҳо ташаккул ёфт. Бо гузашти замон маълум гардид, ки дар ҳоли мавҷудияти қадри кории таҷҳизоти компютерӣ, кори хонандагон ва ҳам омӯзгорон пеш рафта, азхудкунии мавзуи тоза ва ҳатто мавзуи мураккаб ба тарзи босамар ҷараён бигирад.

Муодили кор дар ҷуфт дар назди компютер метавонанд гуногун бошанд. Баъзе аз онҳо барои пешгирӣ кардани нобаробарӣ дар кори хонандагон аз инҳо иборатанд:

а) «Худат интихоб намо». Пас аз фаҳмондани маводи нав, ба хонандагон мавод тақсим карда мешавад, ки дар он масъулият барои ҳар як ҷуфт таъин карда мешавад. Дар ибтидо, он метавонад вазифае бошад, ки пас аз ҳар як марҳила барои хонанда барои ворид кардани номи худ фазои мусоид мавҷуд бошад. Ҳамин тариқ, ҳар як хонанда барои худ намуди кори дилхоҳашро интихоб мекунад. Як шароит: миқдори супоришҳои иҷрошуда барои ҳар як ҷуфт бояд якхела бошанд (масалан, таҳия ва татбиқи алгоритмҳо).

б) Худат омӯз ва ба дигарон омӯзон». Ба хонандагон супорише пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷуфт будан онҳо онро мешиносанд, нақшҳо таъин мекунанд: муаллим - хонанда. Вазифаи муаллим: ба хонандагон бо ёрии дастурҳои муайян фаҳмонидани тарзи иҷрои ин вазифа, назорат ба пешрафти кори хонанда ва тавзеҳоти зарурӣ барои кор. Нақши таълим аз он

иборат аст, ки ҳама дастурҳои муаллимро ба таври возеҳ иҷро кунанд. Дар охири дарс хонандагон иҷрои нақшро ба якдигар арзёбӣ мекунанд (кор дар муҳаррири графикӣ).

в) "Мусобиқа". Ҳар як ҷуфт бояд як вазифаи мушаххасро иҷро кунад. Мақсад дар назди хонандагон гузошта мешавадт: супориш бо риояи тамоми дастурҳо иҷро карда шавад. Дурустӣ ва босуръат иҷро кардани кор баҳогузорӣ мегардад. Лаҳзаи мусобиқа хуб аст, зеро ҳар як ҷуфт мехоҳад ғолиб ояд ва аз ин рӯ ҳамаи хонандагон кӯшиш мекунанд, ки супоришро бидуни нишастан иҷро кунанд. Ҳар як ҷуфт як ҳадафи умумӣ дорад, яъне пирӯз шудан. Шароити кор дар ҷуфтҳо: ҳар як хонанда супоришро дар ранги худ иҷро мекунад, дар ин ҳолат, пас аз ба охир расидани кори ҷуфт, шумо фавран мебинед, ки кӣ чӣ тавр кор кардааст (кор дар муҳаррири матн - форматкунии матн).

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулоса оем, ки таркиби ҷуфт дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ бояд аз мундариҷа ва хусусияти кори оянда вобаста бошад. Ҷуфтҳо вобаста аз сатҳи омодагӣ, огоҳии берунавзсинфӣ, мутобиқати хонандагон ташкил карда мешаванд - ин ба онҳо имкон медиҳад, ки афзалиятҳо ва нуқсонҳои якдигарро ба ҳамдигар пурра ва ҷуброн кунанд.

2. Ҷойивазкунии сенафара. Дар асл, ин як кори мураккаб дар чуфт аст. Беҳтар аст, ки мубоҳиса, мубодилаи афкор, ҷамъбаст, фикрҳои ба ҳам шабеҳро сенафарӣ гузаронидан хуб аст.

2+2=4. Ду ҷуфт болои як машқ тӯли соатҳои муайян (2-3 дақиқа) дар алоҳидагӣ кор мекунанд, албатта ба сари як масъала меоянд, сипас якҷоя мегарданд. Ба мисли ҷуфт косинус зарур дониста мешавад. Баъд аз ин муттаҳид намудани шумораи чор ба ҳашт ё ба муҳокимаи гурӯҳӣ гузаштан мумкин аст.

Дар ҷараёни ба амал баровардани мақсади аслии кори таҳқиқоти мо, ки қаблан борҳо таъкид шуд, ҷойивазкунии чандгона ҷиҳати фаъол шудани

вазъи таҳлил ва муҳокимаи маводи тоза бо ҳадафи дарки дуруст, мустаҳкамкунӣ, ва азбар намудан ба роҳ монда мешавад.

Таъсиргузории алгоритм чунин мушоҳида мешавад:

а) Дар навбати аввал масъалаҳои зиёд ва мухталиф коркард мешаванд, зер ба хонандагон дар ин ҳолат дар азхудкунии маводи нав кӯмак расонида мешавад.

б) Чунон сегонаҳоро ҷойгир намуд, ки ҳар як сегона аз чапу рост дида шавад. Ба ҷойи ҳамаи сегонаҳо бояд давраро эҷод намуд.

в) Ба ҳар як сегона саволҳои кушод пешниҳод кунед (ба ҳама ягона бошад).

г) Баъд аз муҳокимаи кӯтоҳ аз иштирокчиён аз 0 (сифр) то 2 шумурданро хоҳиш намоед.

Хонандагони рақами 1-ум ба сегонаи навбатӣ бо гардиши ақрабаки соат ва хонандагони рақами 2-юм бошанд тавассути ду сегона зидди ақрабаки соат мегузаранд. Хонандагони рақами 0 (сифр) дар ҷойи худ қарор мегиранд ва аъзои доимии сегона ба ҳисоб меравад.

д) Шумо бо сегона чанд маротибае, ки савол доред ҳаракат мекунед.

3. Ҳуҷуми фикрӣ. Равиши ҳамлаи дар ҷараёни истифодаи компютер ва коркарди равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни таълими фанни технологияи иттилоотӣ ба унвони методи босуръатӣ ва таъҷилии ҳалли масъалаҳо бар пояи ҳавасмандкунии фаъоли эҷодӣ қарор хоҳад гирифт.

Марҳила ва қоидаҳои ҳуҷуми фикрӣ [79, с.88]:

Ҳуҷуми дурусти муташаккил дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ се марҳилаи ҳатмиро дар бар мегирад. Давраҳои аввал аввали ташкилӣ ва ба роҳ мондани қавоиди татбиқ миёни ҳамдигар бо ҳар роҳу восита фарқ мекунанд:

Таҳияи масъала дар марҳилаи аввал. Дар ҷараёни шуруи марҳилаи мазкур масъала таври равшан бояд омода гардад. Пазириши аҳли синф, яъне

ширкаткунандагони чараёни ҳамла ва тақсими нақшҳои дигари онҳо аз мушкилот ва усули гузиниши ҳуҷум вобаста аст.

Давраи аслие, ки тавфиқ ёфтани ҳамаи ҳуҷуми фикрӣ марбут ба он аст, хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, риояи қоидаҳои марҳилаи мазкур низ хеле зарур аст:

Аз ҳама муҳим ин миқдори ғояҳо аст. Ҳеҷ гуна маҳдудият лозим нест.

Манъи пурраи танқид ва ҳама гуна ғояҳои баёншуда, зеро баррасӣ дар ин ҳолат аз вазифаи асосӣ дур рафта, арзиш ва аҳамияти фаъолияти эҷодиро маҳв мекунад.

Ташаккулёбӣ, интихоб ва баҳогузорӣ ба ғояҳо. Ин давра фаротар аз ҳама аз доираи таваҷҷуҳ берун мемонад, вале ҳамин марҳила имконият фароҳам меоварад, ки ғояҳои арзишманд қайд ва самараҳои охирини онҳо бозгӯӣ шаванд. Дар ҳамин марҳила баръакси дувум доираҳои арзёбӣ маҳдудият намепазиранд баръакс онҳо ҳавасманд хоҳанд шуд. Равишҳо таҳлил ва арзёбии ғояҳо гуногун буда, тавфиқ ёфтан дар ин марҳила маҳз онҳо вобастагаии зиён дорад. Ин пеш аз ҳама дар он муайян мешавад, ки ширкаткуннандагон меъёрҳои интихоб ва арзёбии ғояҳоро то чӣ андоза "баробар" маърифат мекунанд.

Барои ҳуҷуми фикрӣ дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ба таври куллӣ аз ду гуруҳ таркиб ёфтаанд:

-муҳассилине, ки имконоти ҷадид ҳаллу фасли мушкилотро манзур мекунанд;

- хонандагоне, ки қарорҳои манзуршударо баррасӣ ва коркард менамоянд.

Фарқ миёни ҳамлаи фикрии фардӣ ва ҷомеавиро муқаррар намудан лозим аст.

Дар чараёни ҳамлаи фикрӣ гуруҳи муайян ширкат меварзанд, ки он аз хонандагон ва муаллим таркиб ёфтаанд. Қабл аз эҷоди саҳнаи ҳамлаи фикрӣ, муаллим роҷеъ ба мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳаллу фасли он андешаҳои

хешро баён менамояд. Вақти анҷоми ин ҳуҷуми фикрӣ муҳассилин фикрҳои хешрро дар бораи ҳаллу фасли масъала изҳор менамоянд. Дар ҷараёни ҳуҷуми фикрӣ, чун қоида, дар ибтидо масъалаи асолати олии онҳо фарқ карда намешаванд, аммо пас аз чанд муддат дар хонандагон тасаввуроти ғайримуқаррарӣ пайдо мешавад. Муаллим ҳамаи ғояҳои ҳангоми машғули ҳуҷуми фикрӣ ба вуҷуд омадаро сабт мекунад ё ба тариқи дигар ба қайд мегирад.

Баъдан, вақте ки ҳама ғояҳо баён карда мешаванд, онҳо таҳлил, таҳия ва интихоб карда мешаванд. Дар натиҷа, ҳалли муассиртарин ва аксаран ғайримуқаррарии масъала ба миён меояд.

Муваффақияти ҳуҷуми фикрӣ аз фазои равонӣ ва фаъолияти муҳокима вобастагии калон дорад, аз ин рӯ нақши муаллим дар ҷаласаи ҳуҷуми фикрӣ хеле муҳим аст. Маҳз ӯ метавонад "бунбасти раҳоӣ" кунад ва дар ҷараёни он нерӯи тоза бигирад.

Мафҳум ё амали ҳуҷуми фикрӣ асосан дар ҷараёни таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ, хоса дар таъдими мавзуи "Хизматрасонии шабакаи компютерӣ" истифода бурда мешавад. Саволҳо барои ҳуҷум метавонанд чунин бошанд: Шумо кадом хидматҳои шабакаро зараровар меҳисобед? Шумо кадом хидматҳоро ба таври возеҳ манъ мекунед ё назорат мекунед? Оё нашъамандӣ дар интернет вуҷуд дорад, сабабҳои он дар чист? Ва монанди инҳо.

4. Муҳокима, мунозира. Баҳс (аз забони лотинӣ - таҳқиқ, таҳлил, баррасии ин ё он масъалаи муҳими марбут ба мавзуъ) Ба кор гирифтани мубоҳиса ҳангоми таълими асосҳои методологии истифодаи компютер ва беҳдошти муносибати эҳтиёткоронаи толибилмон дар ҷараёни тадриси фанни технологияи иттилоотӣ усулҳои зайлро фаро мегирад:

- пешниҳоди вазъияти мушкил ба хонандагон;
- гузоштани саволҳои мушкил оид ба вазъи мазкур;
- дар миён гузоштани вазъи мушкил ва роҳҳои ҳалли он;

- таҳлилу баррасии масоили мутаноқиз оид ба масоили мавриди муҳокима;

- интихоб намудани андешаҳои дигарон ва ҷустуҷуи равишҳои ҳаллу фасли масъалаи мавҷуда ;

- натиҷагирӣ;

- ангезиш (рефлексия).

Ҳолат ва шароити зарурии ба миён гузоштани мубоҳиса ҳангоми татбиқи методҳои истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ аз инҳо таркиб ёфтааст:

- эҳтиром нисбат ба андешаҳои зидду нақш ва мухталифи ширкаткунандагони он;

- ҷустор дар заминаи омилҳои якран, ҳалли зиддиятҳое, ки дар марҳилаи таҷассум арзи ҳастӣ кардаанд. Шакли мубоҳисаи гурӯҳӣ ба рушди муколама, ташаккули тафаккури мустақил мусоидат мекунад.

Масалан, дар марҳилаи рефлекс аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки мавзуи дарсро номгузорӣ кунанд (мавзӯъ дар аввали дарс гузориш дода намешавад). Дар ҷараёни муҳокимаи гурӯҳӣ унвонҳои гуногуни мавзӯъҳо бо далелҳои онҳо пешниҳод карда мешаванд. Якчанд имконоти мавзӯъ муайян карда шудаанд. Ба кӯдакон тавсия дода мешавад, ки он чизеро, ки аз ҳама бештар писанд аст, нависанд. Ҳангоми муҳокима, кӯдакон ба таҳияи дақиқи мавзуи дарс меоянд.

Мақсади ширкаткунандагони мубоҳисаҳо дар навбати аввал бовар кунондани дигарон нисбат ба дурустии роҳи интихобшуда дар ҳалли масъала мебошад.

Мубоҳиса воситаи таъсиргузори раванид таълим ҷиҳати ташаккули қобилияти равшан ва муқаррар намудани мавқеи худ, пайдо намудани санадҳои боварибахш дар сати дастгирии онҳо ба шумор меравад. Ҳамзамон, эҳсоси боварӣ бар қобилияти таъсиргузор ба афкори ҷамъиятиро ташаккул мебахшад.

Мунозира ба сурати мубоҳиса дар ҷараёни баррасии масъалаи мураккаб истифода шуда, дар ин раванд афкори ширкаткунандагон муқаррар ва фарқияташон муайян мегардад.

Ҳадафи аслии он ба кӯдакон таълим додани андешаҳои хеш ба сурати боварибахш ва оромона мебошад. Ширкаткунандагон тарафдори андешаи мавриди муҳокима ё мухолифи он буда, талош доранд, ки дигаронро низ ба дурустии нуқтаи назари хеш мутақоид кунанд.

Вақти баромади ҳар нафари иштироккунанда ҳарчанд маҳдуд аст аммо баробар ҷараён мегирад. Пас аз ҷараёни чунин шакли мунозира баҳогузории аксари иштирокчиён сурат мегирад, ки дорои хусусияти субъективӣ мебошад.

Дар ҷараёни баргузории мунозира омӯзгор хонандагонро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд (шумораи гурӯҳ аз шароити ҳаллу фасли муаммо вобаста аст). Хонандагон худашон мустақилона гурӯҳро интихоб мекунанд. Тартиби қуръапартоӣ низ бояд истифода шавад, ки дар тақсимот метавонад мувофиқи мақсад бошад.

Омӯзгор роҷеъ ба мавзуи мавриди мунозира ва тартиби баргузор намудани он сухан мекунад: дар суханронии муаллим вақт барои омодагӣ ва баромади гурӯҳ дар ҷараёни мунозира шарҳу тафсир меёбанд. Аъзои гурӯҳ аз рӯи тартиби муқарраршуда баромад менамоянд.

Дар вақти тайёрӣ дидан, хонандагон миёни ҳамдигар нақшҳо муқаррар карда, тартиби истифодаи вақти ҷудошударо дақиқ месозанд. Аъзои як гурӯҳ имкон доранд ба ҳайати гурӯҳҳои дигар саволҳо пешниҳод карда, ҷавобҳои онҳоро шарҳу тавзеҳ намоянд. Ин гурӯҳҳо ҳамчунин имконияти онро ҳам доранд, ки аз тасвир, диаграммаву дигар намудҳои аёният ба кор гиранд.

Омӯзгор нахуст баҳсро шуруъ мекунад, ширкаткунандагон онро бо риояи тартибу қоидаҳо даво медиҳанд.

Имкон дорад, ки дар охири мубоҳиса овоздиҳии пинҳонӣ барои муқаррар намудани натиҷаҳо гузаронида шавад.

Чунин дастурҳои методӣ низ тавсия дода мешавад:

Баргузор намудани корҳои омодагӣ. Дар навбати аввал ба хонандагоне бояд кӯмак карда шавад, ки мавзуи мубоҳисаро дуруст дарк кардаанд.

Тақсимоти нақшҳо. Барои ширкат дар ҷараёни мубоҳиса хонандагонро нахуст интихоб намудан лозим меояд. Бояд онҳо ба ду бахш тақсим мешаванд. Дар ин ҳолат мутмаин шудан лозим аст, ки хонандагон дақиқан тартиби мусоҳибаро медонанд. Ба ин хотир интихоб намудани намоянда ва ёрдамчии вай, ки назорати риояи қоидаҳоро ба уҳда мегиранд, зарур аст.

Тайёрии ширкаткунандагон ба мусоҳиба. Барои ширкаткунандагон ҷиҳати омода намудани "далелҳои сохторӣ" вақти муайян дода мешавад. Барои ин зарурати кӯмак ба хонандагон пеш меояд. Лозим аст аз онҳо нахуст бипурсем, ки асноди зарурии тарафи дигарро пешгӯӣ мекунанд ва барои посух гуфтан ба онҳо далелҳои худро низ доранд?

Тайёр намудани биное, ки он ҷо мубоҳиса ҷараён мегиранд. Роҳбари мубоҳиса ва иштирокчиёни он дар назди аҳли ҳузур ва гурузи дигар дар тарафи чопи роҳбари мубоҳиса қарор мегиранд .

Мубоҳисаҳо. Таркиб ва низоми тасвир сурати пурвусъатеро дорад. Дар ин ҳолат зарур аст, ки бо истифода аз расм мубоҳиса дар шакли гузаронида шавад[124, с.96].

Раис мушкилоти мавриди муҳокима ва қарори пешниҳодшударо ба шакли мухтасар таҳия намуда, тартиби гузоришҳоро дақиқ мушаххас месозад.

Раискунанда нахуст ҷилави суханро ба суханрони авввал, ки тартиби корро истиқбол мекунад, вомегузорад. Низоми иҷрои кори мазкур бояд аз қабл муқаррар карда шавад.

Пас аз ин намояндаи гурӯҳи дувум суханронӣ намуда, назари хешро баён месозад.

Раис суханро тибқи муқаррарот ва аз рӯи тартиби ба намояндагони гурӯҳҳои мухталиф вогузор мекунад, то он лаҳзаем, ки ҳамаи ширкаткунандагон назари хешро баён намоянд.

Дар ҷараёни баррасии барои ҳар иштирокчӣ имконият барои рад намудан, посух гуфтан ва нақду баррасии ҳарфи тарафи дигар дода мешавад. Баҳс пайваста аз ҷониби аъзои гурӯҳҳои мухолифи қатънома шуруъ мешавад. Тартиби баҳси мисли ҳамеша ҷараён мегирад.

Дар ин ҳолат хонандагон имкон доранд, ки омилҳои муқарар кардани мавқеи аниқи хешро дар бораи қатънома шарҳу баён намоянд. Омӯзгор метавонад маҷмуи ин сабаб ва омилҳоро дар тахтаи синф сабт кунад. Хонандагон имкон дорад, ба саволҳо роҷеъ сабабҳои мавҷуда ҷавоб диҳанд. [190, с.75].

Дар ҷараёни суҳбат бояд ҳама ба он санадҳо таъкид варзиданд, ки новбаста ба мавҷудият зиддиятҳои ақидавӣ ба андешаҳои худ устувор ҳастанд.

Дар ниҳояти мубоҳиса муҳассилин метавонанд натиҷаҳои мавқеи тарафи муқобилро баррасӣ намоянд. Мубоҳиса, ҳамзамон усули пешниҳод ва татбиқи лоиҳа имкон дорад, ки дар ҷараёни таълими фанни информатика ба таври васеъ истифода шавад. Мубоҳисаҳо дар асоси таҳияи саволҳо оид ба таъмини барнома, усулҳои ҳаллу фасли муаммоҳо, таҳлили барномаҳои қиёси як самт ва ғайра ҷараён мегиранд.

Дар умум, зарурати истифодаи технологияи интерактивӣ дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ пеш меояд, ки хеле муҳим ва қобили таваҷҷуҳ аст.

Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ эҷодиёти интерактивии муаллим ва хонанда беандоза аст. Ӯро моҳирона барои расидан ба ҳадафҳои гузоштаи таълимӣ равона кардан муҳим аст.

Методи дигари асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ин вазъияти тарбиявӣ мебошанд. Барои хонандагон шароити махсус фароҳам оварда шудааст, ки дар он ӯ озодии интихобро

зоҳир мекунад, аммо шароити асосии ин вазъ чунин аст: "агар шумо ин корро накунед, ҳеҷ кас барои шумо нахоҳад кард".

Дар байни методҳои таълим мавқеи муҳимро методи эҷоди вазъиятҳои тарбиявӣ ишғол мекунад.

Мафҳуми "вазъият" аз забони фаронсавӣ тарҷума шуда, мафҳуми "вазъ" маънои вазъ, вазъият, маҷмӯи ҳолатҳоро дорад. Вазъ метавонад характери объективӣ дошта бошад ва вазъияти воқеии низоми муносибатҳои хонандагонро ошкор созад, ки онро муаллим ҳангоми тасмими муносибат бо онҳо бояд ба назар гирад. Чунин ҳолатҳои тарбиявӣ дар ҳаёти воқеии мактаб хеле зиёданд. Онҳо метавонанд сода (аз ҷониби муаллим бе муқовимати зидди хонандагон тавассути ташкили рафтори мактаб ҳал карда шаванд) ва мураккаб бошанд. Дар ҳолатҳои душвори педагогӣ ҳолати эҳсосии муаллим ва хонада, хусусияти муносибатҳои мавҷудаи байни иштирокчиёни вазъият ва ҳузури дигар хонандагон дар синф аҳамияти калон дорад. Натиҷаи ҳалли чунин вазъ бештар аз маҳорати педагогӣ, таҷрибаи омӯзгор ва дониши ӯ дар бораи хусусиятҳои фардии хонандагон вобаста аст.

Вазъияти тарбия чунин вазъи мушкилотест, ки қасдан ба вуҷуд омадааст ё худ ба худ ба вуҷуд омадааст, ҳангоми ҳалли он тарбиягиранда бо рафтори худ дараҷаи инкишофи сифатҳои шахсии худро нишон медиҳад. Нақши ин сифатҳо метавонад қобилияти ҳамкорӣ бо дигар хонандагон, малакаҳои ташкилотчигӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва ғайра бошад. Ҳамин тариқ, вазифаҳои асосии вазъи тарбия дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ муайян кардани сатҳи инкишофи ин сифатҳо, инчунин ташаккул ва таҳкими минбаъдаи сифатҳо дар хонанда мебошад.

Аз ин рӯ, дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ намудҳои зерини вазъиятҳои таълимиро ҷудо кардан мумкин аст:

- озмоишӣ, ки ҳадафи он ташхиси сифатҳои шахсӣ мебошад;

- тарбияе, ки ба тарбия ва ташаккули эътиқоди ахлоқӣ равона шудааст;

- назорат ва тақвият - бо мақсади таҳкими бедор намудани рафтори мусбат;

- на аз ҷониби мураббӣ пешбинӣ шудааст, балки аз ҷониби мураббӣ таъмин карда мешавад.

Дар технологияи вазъияти таълимӣ дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ якчанд самт тасниф мегардад:

-бозиҳои муштарак (ба худомӯзии фаъолонаи хонанда, дар симои бозӣ «зиндагӣ кардан» ва аз худ кардани таҷрибаи муайяни маънавӣ ба вуҷуд овардани муносибатҳои арзишманд дар гурӯҳ ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкорӣ мусоидат хоҳад кард);

-машқҳои таълимӣ (ҳангоми татбиқи ин машқҳо хонанда метавонад фаъолона тавассути шеваҳои мухталифи муошират таҷрибаҳо ба роҳ монда , қобилиятҳои комилан гуногуни муоширатро, ки қаблан мавҷуд набуданд, ҳангоми эҳсоси таъмини амният ва бехатарӣ омӯзад ва коркард намояд).

Дар ҷараёни рушди мазмуни ҳолатҳои таълимӣ бояд алгоритми зеринро риоя кард:

1. Ҳадафи вазъи эҷод;

2. Зуҳуроти инфиродии вобаста ба хусусиятҳои хонанда, ки эҷоди ҳолатҳои таълимиро талаб мекунанд;

3. Хусусиятҳои мусбати хоси хонандаи мазкур, ки дар асоси вазъи муҳтаво сурат мегирад;

4. Тасвири вазъият.

Ҳамин тариқ, зимни таълими мавриди назар омӯзгор вазифаи ёвари худро дар кор, ҳамчун яке аз манобеи иттилоот ба иҷро мерасонад; ҷои марказиро дар фаъолияти ӯ бояд на як хонандаи инфиродӣ ҳамчун як фард,

балки як гурӯҳи хонандагони мутақобила, ки якдигарро ҳавасманд ва фаъол мекунанд, ишғол кунанд.

## 2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ

Дар боби якуми таҳқиқоти мо баррасии таърихии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ баррасӣ гардида, маҷмӯи шароитҳои самаранокии раванди дар боло зикршуда муайян карда шуд.

Тибқи барномаи тадқиқоти мо, ҳадафи кори таҷрибавӣ санҷиш ва санҷиши самаранокии амсилаи методологии таҳиянамудаи мо барои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мебошад.

Дар фасли аввали кор масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- муайян кардани шароитҳое, ки ба самаранокии амсилаи методологии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ мусоидаткунанда;
- тавсифи раванди муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ;
- татбиқи амсилаи методологии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ.

Кори озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи методологии раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ дар давраи аз сентябри соли 2017 то декабри соли 2022 дар заминаи МТМУ № 49, 1, 3, 15, 71 ва литсейи №1-уми шаҳри Панҷакент гузаронида шуд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот 1748 нафар хонандагон ва 12 нафар муаллимони фанни

технологияи иттилоотиро фаро гирифт ва дар синфи назоратӣ 26 нафар хонандаи мактаби миёнаи рақами №15 ширкат намуданд. Ин дар ҳолест, ки дар синфхонаи таҷрибавии таълимӣ 28 нафар таҳсил менамуданд.

**Ҳадафи аслии озмоиш** аз он иборат аст: ба вуҷуд овардани фазои таълимӣ, ки ба натиҷаоварӣ ва босамар будани амсилаи методии таҳиянамудаи мо дар ҷараёни татбиқи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ таъсири матлуб мегузорад.

**Ҳадафҳои асосии озмоиш:**

- азхуд кардани методҳои омӯзиш ва самаранокӣ, амсилаи методологии таҳиянамудаи мо барои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- мавриди омӯзиш қарор додани вежагиҳои истифодаи компютер ва равишҳои беҳбуд бахшидан ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни таълими фанни технологияи иттилоотӣ, хусусиятҳои синну соли хонандагон ва дар заминаи онҳо таҳияи методологияи санҷиши самаранокии амсилаи методологии мо барои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи мусбати пешқадами омӯзгории МТМУ нисбати истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ.

Ҷиҳати мавриди иҷро қарор додани вазифаҳои дар назди худ қарор дода ба анҷом расонидане тадқиқоте дар 3 марҳила зарур аст:

Марҳилаи I – таҷрибаи маъмулӣ ва муқаррарӣ.

Марҳилаи II – таҷрибаи ташаккулёбанда ё таъсиргузор ба ташаккул

Марҳилаи III – таҷрибаи анҷоми корҳои назоратӣ.

**Таҷрибаи маъмулӣ ва муқаррарӣ**

Ҳадафи аслии марҳилаи таҷрибаи муқаррарӣ :

- муқаррар кардани сатҳи истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни тадриси фанни технологияи иттилоотӣ;

- муайян кардани сатҳи омодагии омӯзгорони технологияҳои иттилоотӣ дар асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ.

Вазифаҳои марҳилаи озмоиши ташаккулёбӣ:

- ташхиси пешакии санҷиши самаранокии амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, ки аз тарафи мо таҳия гардидааст;

- ташхиси психологию педагогӣ ва худшиносии интихоби инфиродии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- ҷамъбаст ва таҳлили маводи ҷамъоваришуда.

Дар ҷараёни муқаррар намудани марҳилаи озмоиш методологияи мураккаберо истифода бурдем ва он маҷмӯи методҳоеро дар бар мегирад, ки боварибахшии самараҳои ба даст омада ва амсилаи усулии таҳияшударо барои истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотиро таъмин мекунанд, ки унсурҳои зеринро дарбар мегирад:

- назорат кардан;
- пурсиши афкор гузаронидан;
- санҷиш гузаронидан;
- суҳбат доир намудан;
- иҷро намудани вазифаҳои фардӣ.

Барои муайян кардани сатҳи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ як таҷҳизоти ташхисӣ таҳия карда шуд.

Озмоиш ин раванди ба даст овардани муваффақият ва мушкилот дар азхудкунии дониш ва рушд, дараҷаи расидан ба ҳадафҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Назорат - амалиёти муқоиса, татбиқи натиҷаи ба нақша гирифташуда бо талабот ва стандартҳои намунавӣ.

Баҳисобгирии оморӣ - муқаррар кардан ва ба низом даровардани нишондиҳандаҳои озмоиш ва назорат, ки оид ба афзоиш ва мукаммалии раванди азхудкунии дониш ва ташаккули хонандагонро фароҳам орад.

Баҳогузорӣ – раванди мулоҳизаронихоеро дарбар мегирад, ки ҷараён ва самараҳои таълим, таҳлили сифатӣ ва миқдории онро дар худ ғунҷоиш дода, ба ҳавасмандгардонии баландбардории сифати тадриси фанҳои мавриди таваҷҷуҳи мо барои хонандагон равона гардидааст.

Баҳогузорӣ ин муайян кардани нуқта ё дараҷа аз рӯи ҷадвали расман қабулшуда барои сабти натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, дараҷаи муваффақияти он мебошад.

Ташхиси дониш, малака ва маҳорати хонандагон ҷузъи муҳими таркибии раванди таълим ба ҳисоб меравад ва мутобиқи принсипҳои низомандӣ, муттасилӣ ва устувории омӯзиш бояд дар тамоми давраи омӯзиш гузаронида шавад. Ҳамаи ин талаб мекунад, ки методҳои гуногуни назорат ба низоми тасдиқ ва назорат дохил карда шаванд, аммо дар ҳар сурат, низом бояд дар робита бо хонандагон вазифаи рушдкунанда дошта бошад. Барои ин, шароитҳои зерин бояд иҷро карда шаванд:

- хусусияти назорати инфиродӣ;

- назорати мураттаб ва мунтазам дар тамоми марҳилаҳои таълим;

- шаклҳои гуногуни назорат, таъмини иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, афзудани майлу хоҳиши муҳассилин дар самти татбиқи нақша ва самараҳои он;

- ҳаматарафа: раванди таълими комили бобҳои мухталифи барномаи таълимиро фаро гирифта, санҷиши андухтаҳои назарӣ, маҳорати зеҳнӣ ва фаъолияти амалии хонандагонро ба сурати пурра таъмин мекунад;

- бетарафӣ зоҳир намудан;

- муносибати фарқиятдошта ва ё ҷудогона ;

-ягонагии талаботи муаллимоне, ки аз болои кори таълимии хонандагони синфи муайян назорат мебаранд.

Меъёрҳои гузоштани аломати мушаххаси тафриқавиро ба тариқи зайл муайян кардан мумкин аст:

**Баҳои «5»** ба хонанда ҳамон вақт гузошта мешавад, агар:

- маводро бе хато ба таври дақиқ шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод кунад;

- мутобиқи барнома азхудкунии тамоми ҳаҷми андухтаҳо, қобилият ва маҳорати воқеиро дақиқ намояд;

- маводи шифоҳӣ ва хаттӣ ба сурати дуруст ва бошуурона манзур намуда, таъиноти ҳақиқии матнро пешниҳод ва ба саволҳо ба таври ҳаққотӣ ҷавоб медиҳад;

- ҳамаи маводро дақиқ такрор кунад, дар корҳои хаттӣ ба хатоҳо роҳ надиҳад;

- дониши бадастовардаашро дар амал озодона татбиқ кунад.

**Баҳои «4»** ба хонанда ҳамон вақт гузошта мешавад, агар:

- тамоми маводи барномаро аз худ намояд;

- маводро ба сурати бошуурона шарҳу тафсир намояд, вале ҳангоми ҷавоб дода шояд ба 1 ё 2 иштибоҳ роҳ диҳад;

- маҳорати маврид амал қарор додани донишро соҳиб бошад, лекин ҳангоми ҷавоб додан ба бархе суолҳо мушкилӣ мекашад;

- дар ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ғалат кунад, камбудиҳои мушоҳидакардаи муаллимро ба осонӣ бартараф кунад.

**Баҳои «3»** ба хонанда ҳамон вақт гузошта мешавад, агар:

-дониши оид ба маводи барномавиро кашф карда бошад, вале дар такрори мустақили он мушкилот дорад ва аз муаллим саволҳои иловагиро талаб кунад;

- посух додан ба саволҳои тазаккуриро афзал медонад;

- дар посух додан ба саволҳои тағйирёфта душворӣ мекашад;

- дар ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ хато мекунад.

**Баҳои «2»** ба хонанда ҳамон вақт гузошта мешавад, агар:

- доир ба мавод тасаввуроти ҷудогона дорад;

- дар ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ба хатоҳои дағалона роҳ диҳад.

Таҳлили назариявии фаъолияти онҳо ва омӯзиши махсуси масъалаҳо [76] имкон дод, ки меъёрҳои зеринро барои арзёбии сатҳи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ҷудо кунем:

1.Меъёри маърифатӣ- ба ҳаяҷон овардан- қобилияти берун аз доираи андеша, тавлиди ҳарчи бештар ғояҳо ва тасвирҳоро нишон медиҳад; дараҷаи ҷалб шудан оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ тавсиф мекунад, ки дар маҳсулоти эҷодӣ инъикос ёфта, асолат, ифода ва таҳияи онро таъкид мекунад.

2.Меъёри шахсият - эҷодкорӣ - қобилияти фаъол кардани асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ нишон медиҳад - истифодаи хаёлот, назари интиқодӣ ба ашё, майли ба қадри имкон мустақилона амал кардан (стратегияи инфиродӣ).

3.Меъёри ҳавасмандгардонӣ – фарогири шавқи ширкат дар раванди истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ, мебошад, ки ба воситаи самараи эҷодӣ тавсиф мегардад; ҳамзамон маърифат ва эътирофи қимати эҷоди хеш ва нафарони дигарро мушаххас мекунад.

4.Меъёри фаъолиятӣ. Дар навбати аввал меъёри мазкур маҳорати ташкили истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми тадриси мавзуоти фанни технологияи иттилоотӣ, интихоби дурнамои босамари рафтор ва натиҷаи коркарди шеваҳои махсуси фаъолияти зеҳниро ҳангоми ҳалли масъала таҷассум месозад.

5.Меъёри рефлексивӣ – маҳорати таҳлили фаъолияти худ, ҷусторҳо дар самти таъмини рушд, маърифати ҷаҳон ва самтҳои тағйири он, интиқоди шаффофи муносибати эҳтиёткоронаи онҳоро дар ҷараёни ба кор гирифтани компютер ҳангоми таълими технологияи иттилоотӣ ва ташаккули мавқеи ботинии эҷодкорро мушаххас месозад.

Ташхис тибқи ҷузъҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ва бо назардошти марҳилаи корҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

Пурсиши 26 нафар муаллимони муассисаҳои гуруҳи озимоишӣ, ки дар марҳилаи аввал гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки:

-42%-и респондентҳо дар раванди таълим маводҳоро оид ба муносибати эҳтиёткорона доир ба компютер истифода мебаранд;

-Баъзан 18%-и муаллимони технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим маводҳои ба компютер мувофиқро истифода мебаранд;

-40%-и муаллимон дар раванди таълим аз маводи компютерӣ истифода намебаранд.

**Ҷадвали 2.**

| Равишҳои беҳтарсозии истифодаи мавод | Фоиз |
|---|---|
| Истифода бурдан | 42% |
| Баъзан истифода бурдан | 18% |
| Истифода набурдан | 40% |

**Ҷадвали 2. Равишҳои беҳтарсозии истифодаи мавод**




***__Диаграммаи 1.__*** **Диаграммаи муаллимони муассисаҳои озмоишӣ оид ба истифодаи мавод ва истифодаи компютер дар равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ**

Пеш аз гузаштан доир ба муайян кардани сатҳи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мо дар байни хонандагони синфҳои озмоиши МТМУ оид ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ сӯҳбат гузаронидем.

Коллоквиум (аз лот. - сӯҳбат) гирифта шуда, яке аз шаклҳои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар МТМУ мебошад. Ҳадафи асосии он назорати фосилавии дониши хонандагон мебошад. Тафтиши сифати азхудкунии маводи гузашта ва муайян кардани саволҳои нокифоя омӯхташуда ба муаллим кӯмак мекунад, ки мундаричаи лексияҳои минбаъдаро ислоҳ кунад, то камбудиҳоро бартараф карда, дар омӯзиши минбаъда мушкилот эҷод накунад. Коллоквиум, чун қоида, дар як семестр 1-2 маротиба дар охири бахшҳои калони мавзуъҳо гузаронида мешавад

Ин шаклро барои ҳамаи мавзӯъҳои курси технологияҳои иттилоотии МТМУ истифода бурдан мумкин аст. Коллоквиумро ҳамчун омӯзиш барои

тадқиқи амиқи мавзӯъ, инчунин барои корҳои беруназсинфӣ (викторинаҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо) истифода бурдан мумкин аст.

Намудҳои коллоквиум:

-машғулияти таълимӣ;

-ҷаласаи илмӣ;

имтиҳоноти хурд (мини-экзамен).

Саволҳо оид ба коллоквиум оид ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ:

1. Ҳангоми тоза кардани компютер қоидаҳои зерин бояд риоя гардад:

- компютерро ҳангоми аз барқ ҷудо буданаш бояд тоза намуд;

- монитори компютерро бо латтаи махсуси намнок бояд пок намуд;

- барои тоза кардани компютер спирт ё атсетонро набояд истифода кард;

- клавиатура ва тугмаҳоро ҳамарӯза бояд тоза кард;

- доимо "мушак"-ро бо латтаи намкардашуда ё ашёи махсус пок намуд;

- моҳе на кам аз як маротиба низоми блоки дохили компютерро тавассути мӯйқаламҳо ё асбоби чангкашак эҳтиёткорона тоза намуд;

- корпуси компютерро аз берун тавассути латтаи намнок тоза бояд кард.

2. Маслиҳати асосӣ доир ба ташкили ҷойи корӣ аз инҳо иборатанд:

-баландии курсӣ (хуб мешуд курсии мулоим) бояд байни каф ва банди даст кунҷ ба вуҷуд наояд;

- клавиатураро якчанд сантиметр поёнтар аз мизи кории одӣ ҷойгир намудан мувофиқи мақсад аст;

- ҳангоми кор бо компютер пой бояд такягоҳ дошта бошад, ки ин амал мондашавии пойро пешгирӣ мекунад;

- ҳангоми чопи матн дар савҳакалид (клавиатура) банди дастон набояд поён карда шавад ё ба тарафҳо хам карда шавад;

- ангуштон, банди дастон, китфон рост бояд амалӣ карда шавад;

- байни буғуми оринҷҳо ва банди дастон бояд кунҷ 90°-ро ташкил диҳад, китфон бояд дар ҳолати фуровард ва сустӣ қарор гирад.

3. Истифодаи бефосилаи компютери фардӣ бо монитори шишагӣ дар машғулияти хонандагон

- барои синфҳои 1-ум ва 2-юм набояд аз 20 дақиқа зиёд бошад;

- барои синфҳои 3-юм ва 4-ум 25 дақиқа;

- барои синфҳои 5-ум ва 6-ум 30 дақиқа;

- барои синфҳои 7-ум ва 9-ум 35 дақиқа.

4.Истифодаи бефосилаи ноутбук дар машғулиятҳо:

-барои синфҳои 1-ум ва 2-юм 20 дақиқа

-барои синфҳои 3-юм ва 4-ум на кам аз 25 дақиқа

5.Берун аз машғулият (таълими иловагӣ) нисбат ба истифодаи компютер на кам аз 2 маротиба дар як ҳафта тавсия дода мешавад:

- барои хонандагони синфҳои 2-юм то 5-ум на кам аз 60 дақиқа;

- барои хонандагони синфҳои 6-ум ва аз он боло на кам аз 90 дақиқа.

6.Дар рафти машғулият бо истифодаи компютери фардӣ барои пешгирии хасташавии хонандагон бояд маҷмӯи чорабиниҳои профилактикиро ба роҳ монд:

- баъд аз ҳар як 20-25 дақиқаи кори компютерӣ машқи чашмро иҷро намуд, ки ин барои боз неру гирифтани чашм мусоидат менамояд ва хасташавии чашмро пешгирӣ менамояд ва машқи чашм инфиродӣ, мустақилона ва пеш аз вақти муайянгардида бояд иҷро карда шавад.

-барои пешгирии хасташавӣ бояд аз нишододҳои мақсадноки дақиқаҳои пешбининамудаи тарбияи ҷисмонӣ истифода намуд;

- барои пешгирии хасташавии умумӣ, солимии вазъияти асаб, дилу рагҳо, низоми роҳи нафас, ҳамчунин мушакҳои китфу миён, дастон, миён, гардан ва пойҳо тарбияи ҷисмони яклаҳзаинаро ба роҳ бояд монд.

7. Компютере, ки ба вирус сироят ёфтааст, аксар вақт амалҳои ғайричашмдошт ва ғайриоддиро ба амал меорад, ки истифодабаранда

метавонад онҳоро пай барад ва дар сурати мавҷуд будани он ба пешгирии вирусҳо чораҳои зарурӣ андешад:

1. Суръати мубодилаи маълумот бо Интернетро коҳиш медиҳад;

2. Намоиши паёмҳо ё тасвирҳои аҷиб дар экран;

3. Пешниҳоди сигналҳои аҷиби овозӣ;

4. Кушодан ва пӯшидани ғайримуқаррарии лоткаи дисковод;

5. Беасос роҳ ёфтани ҳар гуна барномаҳо дар компютер;

6. Сербор гаштани ғайримуқаррарӣ ва хотима ёфтани баъзе аз барномаҳо;

7. Сарбории зиёд ва муаллақ мондани таҷҳизот;

8. Сустшавии дастгоҳ ё баъзе барномаҳо;

9. Афзоиши ҳаҷми файлҳо;

10.Пайдо шудани файлҳое, ки қаблан вуҷуд надоштанд ва аз ҷониби истифодабаранда эҷод карда нашудаанд;

11. Тахфиф кардани миқдори хотираи самарабахш;

12. Таҳрифи мундариҷаи файлҳо ва каталогҳо ё тамоман нест шудани онҳо;

13. Рафтори ҳайратафзои барномаи Интернет;

14. Имконнопазирии сарбории компютер (низоми оператсионӣ сербор намешавад).

8. Барои муҳофизат кардани дастгоҳҳои шумо аз вирус тавсия дода мешавад:

1.Дар ҳама дастгоҳҳои барномаҳои антивирусӣ бо навсозии мунтазами базаи маълумот (беҳтараш навсозиҳои автоматӣ) истифода баред ва мунтазам вирусҳоро тафтиш кунед. Антивирусро ҳеҷ гоҳ ғайрифаъол насозед, ҳатто дар ҳолати кори ягон барномаро суст карданаш. Танзими максималии амниятро ба роҳ монед.

2.Файлҳо ё истинодҳои замимашударо, ки тавассути почтаи электронӣ, тавассути шабакаи иҷтимоӣ ё дигар василаи алоқа дар Интернет ҷой гирифтаанд, накушоед, то боварӣ ҳосил кунед, ки файл ё истинод вирус

надорад. Беҳтараш фавран чунин маълумот нест кунед ва партов (корзина)-ро холӣ кунед.

3.Танҳо барномаи литсензияшуда ва амалкунанда, аз ҷумла низоми амалиётӣ ва барномаи антивирусро истифода баред ва онҳоро саривақт ҳам дар компютер ва ҳам дар дастгоҳҳои дигар навсозӣ кунед (насби навсозии автоматӣ ё қабули антивирус танҳо аз сайти расмии таҳиякунанда мувофиқи мақсад аст).

4.Ба огоҳиҳои барномаои интернетӣ ё низоми ҷустуҷӯӣ диққат диҳед, ки сайт метавонад ба бехатарии компютери шумо таҳдид кунад.

5.Маводҳои ноозмудаи паҳнкунандаро ба компютери худ пайваст накунед.

6. Бо компютер ба унвони шахси истифодабаранда фаъолият барад, на ҳамчун омир ё роҳбар.

7.Кор бо компютер бидуни иҷозати маъмур манъ мебошад. Кушода ё фурӯзон гузоштани компютер бо маълумоти зарурӣ иҷозат дода намешавад.

8. Маълумоти муҳимро мунтазам нусхабардорӣ кунед.

**Ҷадвали 3.**

| № | "2"бад | "3"миёна | "4"хуб | "5"аъло |
|---|---|---|---|---|
| Саволи 1 | 37,5% | 32,2% | 25% | 6,2% |
| Саволи 2 | 31,3% | 33,5% | 29% | 6,2% |
| Саволи 3 | 34,4% | 34,4% | 28,1% | 3,1% |
| Саволи 4 | 25% | 38% | 31,2% | 6,2% |
| Саволи 5 | 28,1% | 34,4% | 28,1% | 9,4% |
| Саволи 6 | 21,9% | 31,2% | 34,4% | 12,5% |
| Саволи 7 | 34,4% | 34,4% | 25% | 6,2% |
| Саволи 8 | 31,2% | 28,1% | 34,4% | 6,2% |

**Ҷадвали 3 Таҳлили натиҷаҳои синфи озмоишӣ**

Таҳлили натиҷаҳои синфи озмоишӣ тамоюлҳои зеринро нишон дод:




| | Саволи 1 | Саволи 2 | Саволи 3 | Саволи 4 | Саволи 5 | Саволи 6 | Саволи 7 | Саволи 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| "2"бад | 37,5% | 31,3% | 34,4% | 25% | 28,1% | 21,9% | 34,4% | 31,2% |
| "3"миёна | 32,2% | 33,5% | 34,4% | 38% | 34,4% | 31,2% | 34,4% | 28,1% |
| "4"хуб | 25% | 29% | 28,1% | 31,2% | 28,1% | 34,4% | 25% | 34,4% |
| "5"аъло | 6,2% | 6,2% | 3,1% | 6,2% | 9,4% | 12,5% | 6,2% | 6,2% |
| Ряд5 | 1 | | | | | | | |

**Диаграммаи 2. Натиҷаи таҷрибаи синфи озмоишӣ**

**Ҷадвали 4.**

| № | "2"бад | "3"миёна | "4"хуб | "5"аъло |
|---|---|---|---|---|
| **Саволи 1** | 28,5% | 32,2% | 25% | 14,3% |
| **Саволи 2** | 31% | 35,6% | 30% | 3,5% |
| **Саволи 3** | 39,5% | 39,4% | 17,6% | 3,5% |
| **Саволи 4** | 43% | 36% | 14,4% | 7,1% |
| **Саволи 5** | 35,7% | 28,5% | 17,9% | 17,9% |
| **Саволи 6** | 32,2% | 32,2% | 28,5% | 7,1% |
| **Саволи 7** | 42,8% | 42,8% | 7,2% | 7,2% |
| **Саволи 8** | 39,3% | 28,5% | 14,4% | 17,8% |

**Ҷадвали 4. Таҳлили натиҷаи синфҳои назоратӣ**

Таҳлили натиҷаи синфҳои назоратӣ равияи зеринро муайян намуд:




| | Саволи 1 | Саволи 2 | Саволи 3 | Саволи 4 | Саволи 5 | Саволи 6 | Саволи 7 | Саволи 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| "2"бад | 28,5% | 31% | 39,4% | 43% | 35,7% | 32,2% | 42,8% | 39,3% |
| "3"миёна | 32,1% | 35,5% | 39,4% | 36% | 28,5% | 32,2% | 42,8% | 28,5% |
| "4"хуб | 25% | 30% | 17,8% | 14,4% | 17,9% | 28,5% | 7,2% | 14,4% |
| "5"аъло | 14,3% | 3,5% | 3,5% | 7,1% | 17,9% | 7,1% | 7,2% | 17,8% |

**Диаграммаи 3. Натиҷаи синфҳои назоратӣ**

Дар охири озмоиши доимӣ мо фоизи пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи омӯзишро дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бо истифодаи формула муайян кардем:

$$\text{\% сифати дониш}=\frac{\text{шумораи тасдиқшуда "4"+ шумораи тасдиқшуда "5"}}{\text{шумораи хонандагон аз рӯи руйхат}}*100\%$$

$$\text{\% иҷрои академӣ}=\frac{\text{шумораи тасдиқшуда 4"+"5+"3"}}{\text{шумораи хонандагон аз рӯи руйхат}}*100\%$$

% дараҷаи омӯзиши хонандагон = (шумора "**5**"х**100** + шумора "**4**"х**64** + шумора **3"х36 + шумора "2х16** + "нагирифтанд"х**7**)/ шумораи умумии хонандагон

**Барои гурӯҳҳои озмоишӣ:**

$$\text{\% сифати дониш} = \frac{10+2}{32} * 100 = 37{,}5\%$$

$$\text{\% иҷрои академӣ} = \frac{10+2+10}{32} * 100 = 68{,}75\%$$

$$\text{\% дараҷаи омӯзишии хонандагон}=\frac{2*100+10*64+10*36+10*16}{32}=42{,}5\%$$

**Барои гурӯҳҳои назоратӣ:**

$$\% \text{ сифати дониш} = \frac{3+5}{28} * 100 = 28{,}57\%$$

$$\% \text{ иҷрои академӣ} = \frac{3+5+11}{28} * 100 = 67{,}85\%$$

$$\% \text{ дараҷаи омӯзишии хонандагон} = \frac{3*100+5*64+11*36+9*16}{28} = 41{,}42\%$$

**Ҷадвали 5.**

| | **Сифати дониш** | **иҷрои академӣ** | **дараҷаи омӯзиши хонандагон** |
|---|---|---|---|
| **Гурӯҳи озмоишӣ** | 37,5% | 68,75% | 42,50% |
| **гурӯҳи назоратӣ** | 28,57% | 67,85% | 41,42% |

**Ҷадвали 5. Пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи донишомӯзӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ**




**Диаграммаи 4. Пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи донишомӯзӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ**

Ҳамин тариқ, маълумоте, ки дар марҳилаи озмоиши муайяншуда ба даст оварда шудаанд, зарурати таъсири мақсадноки педагогиро оид ба татбиқи амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ нишон медиҳанд.

Ба таври умум, пурсиши гузаронидани мо оид ба омӯзгорон имконият фароҳам овард, то ба хулосаҳои зерин бирасем:

1. Бештари омӯзгорон барои фарогирии асосҳои методии истифодаи компютер ва таъмини муносибати боэҳтиёти муҳассилин дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ бояд меъёрҳои муҳим ва заруриро бидонанд. Ба ин меъёрҳо дохил мешаванд: шавқу ҳаваси ташаккул ёфтан, такмили дониш ва малакаҳои технологӣ, маҳорати касбӣ ва рушди сифатҳои нав дар шахсияти хонанда.

2. Ташаккули ҳавасмандии хонандагон ва муаллимон дар ҷараёни ба амал баровардани таълими фанни технологияи иттилоотӣ ва муносибати эҳтиёткорона дар раванди истифода аз компютер муҳим аст.

3. Шавқи омӯзгорон ҷиҳати дарёфти ёриҳои методӣ ва дастрасӣ ба дастурҳо дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ бояд ба меъёрҳои ҳам фаъолияти касбӣ ва дар умум таҳсилоти муосир ҷавобгӯ бошад.

**Озмоиши ташаккул.**

Солҳои 2019-2020 оид ба татбиқи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ озмоиши формативӣ гузаронида шуд.

**Мақсади таҷрибаи ташаккул:** асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ

**Масъалаҳо:**

1) ташкил ва гузаронидани як қатор чорабиниҳо оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

2) ба рушди муносибати эҳтиёкорона ҳангоми кор бо компютер дар ҷараёни таълим мусоидат намояд;

3) ба роҳ мондани шаклҳо ва методҳои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Нишонаҳои фаъолият**:

- ба роҳ мондани таълими фаъол ва интерактивӣ

- муайян кардани омодагии омӯзгори технологияҳои иттилоотӣ доир ба раванди реҷаи инноватсионӣ барои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ;

-чорабиниҳои ташхисӣ, таҳлилӣ оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷриба.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаи ташаккул марҳилаҳои равандӣ ва таҳлилии амсилаи назариявии методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ амалӣ карда шуданд. Дар марҳилаи ташаккулёфтаи таҷриба мо як низоми таблиғотӣ ва тарбиявиро барои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ чунин роҳандозӣ мегардад:

- корҳои лабораторӣ доир ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- корҳои озмоишӣ доир ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- ташкил ва баргузории диспутҳо доир ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- ташкил ва гузаронидани чорабинии маҳорати хонанда доир ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ;

-ташкил ва гузаронидани чорабинии намоиши коҳои эҷодии хонандагон доир ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;

- гузаронидани чорабинии раванди таълими кушод;

- корҳои инфиродӣ бо хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ.

Дар гурӯҳҳои назоратӣ чунин чорабиниҳо мавриди истифода қарор намегирифт.

**Озмоиши назоратӣ.** Барои санҷиши самаранокии амсилаи методии таҳиянамудаи мо барои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ озмоиши назоратӣ гузаронида шуд.

Маълумоти таҷрибаи ташаккулдиҳанда нишон дод, ки баъд аз татбиқи амалӣ ва бомақсади барнома, рушди амсилаи истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ ташаккул пайдо намуд.

Ҳадафи марҳилаи мазкур анҷом додани корҳои озмоишӣ, гузаронидани бахши назорат, таҳлил ва шарҳи маълумот, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва хулосабарорӣ мебошад.

Ҳангоми муайян кардани самаранокии амсилаи методологии таҳиянамудаи мо барои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ дар ин марҳилаи озмоиш ҳамон методҳое истифода шуданд, ки дар таҷрибаи муайянкунӣ муқаррар карда шуданд, зеро барои ченкунӣ нишондиҳандаҳои доимӣ лозим буданд.

Дар ин марҳила коркард, таҳлил, ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз методҳои омори математикӣ гузаронида шуда, роҳҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ муҳокима карда шуданд. Ба хонандагон саволҳои тестӣ пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои бахши дувум мусбат баромаданд,

аз ин рӯ, пас аз дарсҳо шумораи ҷавобҳои дуруст хеле зиёд ва шумораи нодуруст кам шуданд.

**ТЕСТИ №1**.

**1.Масофаи минималии чашм ва экрани монитор чанд сантиметрро бояд ташкил диҳад**?

А.- 20 см

В.- 40 см

С.+60 см

D.- 80 см

**2.Кадом таҷҳизот бештар ба саломатии инсон зараровар аст?**

А. блоки низомандӣ

В. принтер

С.+ монитор

D. модем

**3.Чӣ тавр бояд ба монитор нигарист?**

А. аз чап –аз рост

В. ба поён- ба боло

С. аз боло – ба поён

D. +ба рост-ба чап

**4.Дар кадом самт аз монитор шуоъафкании зараровар бештар аст?**

А. аз экран ба поён

В. аз экран ба пеш

С. аз экран ба боло

D.+ аз экран ба қафо

**5. Чӣ тавр ҳангоми кор бо компютер тез-тез танаффус кард?**

А. ягон маротиба

В.+ дар ҳар 1 соат

С. дар ҳар 3 соат

D. дар ҳар 5 соат

**6. Мӯҳлати танаффуси минималӣ аз чанд дақиқа иборат аст?**

A.+ 5 - 10 дақиқа

B. 20 - 25 дақиқа

C. 25 - 30 дақиқа

D. 35 - 40 дақиқа

**7. Ҳангоми кор бо компютер дар танаффус шумо бояд чӣ кор кунед?**

A. китоб бояд хонд

B. телевизор тамошо кард

C. машқи яклаҳзаина

D.+ машқи чашм

**8. Ҳангоми кори тӯлонӣ бо компютер кадом витаминҳоро якҷоя бо хӯрок истеъмол бояд кард?**

A. A, B6, F

B.+ A, B2, C

C. A, B12, D

D. A, B, C, D

Коркарди натиҷаҳо.

Таҳлили натиҷаҳои синфи озмоишӣ тамоюлҳои зеринро нишон дод:

**Ҷадвали 6.**

| № | "2"(бад) | "3"(қаноатбахш) | "4"(хуб) | "5"(аъло) |
|---|---|---|---|---|
| **Саволи 1** | | 12,5% | 40,6% | 46,9% |
| **Саволи 2** | | 9,5% | 47,0% | 43,5% |
| **Саволи 3** | | 15,6% | 43,8% | 40,6% |
| **Саволи 4** | | 12,5% | 34,4% | 53,1% |
| **Саволи 5** | | 9,4% | 50% | 40,6% |
| **Саволи 6** | | 12,5% | 43,8% | 43,7% |
| **Саволи 7** | | 9,4% | 37,5% | 53,1% |
| **Саволи 8** | | 12,5% | 37,5% | 50% |

**Ҷадвали 6. Натиҷаи гурӯҳи озмоишӣ**




**Диаграммаи 5. Натиҷаи гурӯҳи озмоишӣ**

**Ҷадвали 7.**

| | "2"(бад) | "3"(қаноатбахш) | "4"(хуб) | "5"(аъло) |
|---|---|---|---|---|
| **Саволи 1** | 0% | 12,5% | 40,6% | 46,9% |
| **Саволи 2** | 0% | 9,5% | 47,0% | 43,5% |
| **Саволи 3** | 0% | 15,6% | 43,8% | 40,6% |
| **Саволи 4** | 0% | 12,5% | 34,4% | 53,1% |
| **Саволи 5** | 0% | 9,4% | 50% | 40,6% |
| **Саволи 6** | 0% | 12,5% | 43,8% | 43,7% |
| **Саволи 7** | 0% | 9,4% | 37,5% | 53,1% |
| **Саволи 8** | 0% | 12,5% | 37,5% | 50% |

**Ҷадвали 7. Натиҷаи синфи назоратӣ**




| | Саволи 1 | Саволи 2 | Саволи 3 | Саволи 4 | Саволи 5 | Саволи 6 | Саволи 7 | Саволи 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| "2"(бад) | 0% | 0% | 0% | 0% | 0% | 0% | 0% | 0% |
| "3"(қаноатбахш) | 12,5% | 9,5% | 15,6% | 12,5% | 9,4% | 12,5% | 9,4% | 12,5% |
| "4"(хуб) | 40,6% | 47,0% | 43,8% | 34,4% | 50% | 43,8% | 37,5% | 37,5% |
| "5"(аъло) | 46,9% | 43,5% | 40,6% | 53,1% | 40,6% | 43,7% | 53,1% | 50% |

**Диаграммаи 6. Натиҷаи синфи назоратӣ.**

Дар охири озмоиши доимӣ мо фоизи пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи омӯзишро дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян кардем.

Барои гурӯҳҳои озмоишӣ:

$$\% \text{ сифати дониш} = \frac{15 + 13}{32} * 100 = 87{,}5\%$$

$$\% \text{ иҷрои академӣ} = \frac{15 + 13 + 4}{32} * 100 = 100\%$$

$$\% \text{ дараҷаи омӯзиши хонандагон} = \frac{15 * 100 + 13 * 64 + 4 * 36 + 0 * 16}{32} = 77{,}4\%$$

Барои гурӯҳҳои назоратӣ:

$$\% \text{ сифати дониш} = \frac{3 + 8}{28} * 100 = 39{,}3\%$$

$$\% \text{ иҷрои академӣ} = \frac{3 + 8 + 11}{28} * 100 = 78{,}5\%$$

$$\% \text{ дараҷаи омӯзиши хонандагон} = \frac{3 * 100 + 8 * 64 + 11 * 36 + 6 * 16}{28} = 46{,}5\%$$

**Ҷадвали 8.**

| | Сифати дониш | иҷрои академӣ | дараҷаи |
|---|---|---|---|

| | | | омӯзиши хонандагон |
|---|---|---|---|
| гурӯҳи назоратӣ | 39,3% | 78,5% | 46,5% |
| Гурӯҳи озмоишӣ | 87,5% | 100,0% | 77,4% |

**Ҷадвали 8. Фоизи пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи таълим дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пас аз озмоиш**




**Диаграммаи 7. Фоизи пешрафт, сифати дониш ва дараҷаи таълим дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пас аз озмоиш**

Натиҷаҳои бадастомада аз он дарак медиҳанд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи омодагӣ, сифати таълим дар қиёс бо гурӯҳи назоратӣ боло рафтааст, яъне натиҷабахшии ҷараёни таълим дар гурӯҳи озмоишӣ аз рӯи меъёри дохилӣ (нишондиҳандаҳои таълимӣ) рушд кардааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми амаликунӣ, коркарди методи амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ ба рушди раванди таълим мусоидат менамояд.

Баланд бардоштани самаранокии таълим осон нест ва маҳорати муайянеро талаб мекунад. Яке аз самтҳо истифодаи компютер ва равишҳои бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, амсилаи пешниҳодшудаи методӣ оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ бо тамоми ҷузъҳои таркибии он ба хонандагон имкон дод, ки на танҳо ба сатҳи баландтари ташаккули муносибати эҳтиёткорона доир ба истифодаи компютер ноил шаванд, балки ба камолоти шахсии онҳо, ки дар ҳолати баёни ошкоро, иҷрои масъулият, иродаи қавӣ, ниёзҳои афзояндаи худшиносӣ дар муошират бо ҳамсабақон ва омӯзгорон ба зуҳур расидаанд, нақши пуртаъсир гузоранд.

## Хулосаҳои боби дуюм

Амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ тавсифи методҳо, принсипҳо, шароити педагогӣ, шаклҳо ва воситаҳои мавриди истифода, ҷузъҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ, марҳилаҳо ва сатҳи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро доро аст. Ҳангоми анҷоми кори таҳиқӣ мо муносибатҳои умумиро бо раванди истифодаи компютер ва равишҳои беҳтаргардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ мушаххас намудем, ки ба раванд куллӣ таъсири матлуб мерасонад. Ин муносибатҳо иборатанд аз:

- муносибати инсонгароёна;
- муносибати инфиродӣ ё фардӣ;
- муносибати шахсӣ-нишондиҳандаи шахсият;
- муносибатҳои фарҳангӣ.

Принсипҳои аслии истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи толибилмон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотиро чунин муқаррар кардан мумкин аст: некӣ; илмӣ;

дастрасӣ ба маълумот; аёният; принсипи низоми муайян ва пайдарҳамӣ; шуурнокӣ; принсипи мутобиқшавӣ; принсипи таҳаммулпазирӣ; принсипи масъулият.

*Тавре таъкид шуд, нахустин шароити муҳими педагогии* асосҳои методологии истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар рафти таълими фанни технологияи иттилоотӣ ба кор гирифтани намудҳои мухталифи бозиҳои компютерӣ ҷиҳати ташаккули ҷаҳоншиносии маърифатии толибилмон ба шумор меравад.

*Шароити дувуми педагогии* асосҳои методии ба кор гирифтани компютер ва усулҳои беҳбуд бахшидан ба муносибати боэҳтиётонаи аҳли таҳсил ҳангоми таълими фанн технологияи иттилоотӣ корбурди мултимедия дар раванди таълими мавзуоти мухталифи марбут ба таълими барномаҳои компютерӣ ба шумор меравад.

*Шароити сеюми педагогии* асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ фароҳам овардани муҳити хуби педагогӣ ба ҳисоб меравад.

*Шароити чоруми* асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ таҳия ва татбиқи намунаи истифодаи методи лоиҳа дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мебошад, ки татбиқи принсипҳои дидактикӣ (принсипи ташаккул додани тасвирҳои фикрӣ, принсипи субъективии ашёи табиӣ, принсипи ҳамкорӣ) маҳсуб меёбад.

Дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ истифодаи шумораи зиёди технологияҳои интерактивии таълим зарур аст, то ки корҳои зерин ба сомон расонида шавад: кор бояд ҷуфтӣ амалӣ карда шавад; ҷойивазкунӣ; карусел; кор дар гурӯҳҳои хурд; аквариум;ҷумлаи тамомнашуда;водоркунии майна; ҳаракати броунӣ; бозиҳои нақшӣ; методи фишор; мубоҳиса, музокира.

## ХУЛОСАҲО

Имрӯзҳо компютер дар ҳаёти инсон васеъ мавриди истифода қарор дода мешавад: дар хона, офис, мағоза, истеҳсолот ва ҳатто дар асбобҳои рӯзгор - ба ибораи дигар, компютерҳо ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон мубаддал гаштаанд ва истифодаи онҳо доимо рушд ёфта истодааст.

Раванди таҳсил ва фароғаати кӯдаконро дар замони мо бе корбурди васоити муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама компютер наметавон ба дурустӣ тасаввур кард. Таҷҳизоти воситаҳои таълимии техникии асри XX - телевизорҳо, магнитофонҳо, плеерҳо, компютерҳое, ки бо мониторҳои лампаҳои рентгенӣ муҷаҳҳаз шудаанд - ба василаи методан нави техникӣ иваз карда шуданд - компютерҳо бо мониторҳои булӯрии моеъ (МБМ), ноутбукҳо, тахтаҳои интерактивӣ, воситаҳо барои хондани китобҳои раванди таълими электронӣ ва ғайра.

Афзалиятҳои истифода аз компютер дар раванди чун оина равшан ҳастанд ва онҳоро ҳаргиз наметавон инкор кард. Дар баробари ин, муҳим ва зарур будани касби маърифати компютерӣ бармало равшан ва дақиқ аст. Давоми даҳсолаҳои охир мо шоҳиди татбиқ гардидани чандин барномаҳо дар тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла соҳаи маориф гардидем, ки ба сатҳи нави мусаллаҳшавии техникӣ роҳ кушода, раванди босуръати тайёр намудани кадрҳоро низ имконпазир гардонид. Шиносоии кӯдакон ва наврасони муосир ба технологияҳои иттилоотӣ сол аз сол рушду инкишоф ёфта истодааст.

Технологияҳои наве, ки солҳои охир дар низоми маориф мавриди истифода қарор дода мешаванд, афзоиши босуръати заминаи иттилоотӣ, дастрасии озод ба манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, масофа, ҳаракат, интерактивӣ, қобилияти ташаккули шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ ва ҷомеаҳои таълимӣ, амсиласозӣ ва аниматсияи равандҳои гуногунро таъмин мекунанд. Дастрасии азхудкунӣ, афзоиши шумораи истифодабарандагони

компютерҳо ба рушди шаклҳои фосилавии таҳсил, аз ҷумла барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад.

Расидан ба ҳадафҳои аслии татбиқи дуруст ва босамари натиҷаҳои тадқиқоти мо ба дараҷаи зарурӣ ва сифатҳои шахсии омӯзгор пайванд мегирад. Бар ин асос, муҳимтарин сифатҳои омӯзгорро дар раванди расидан ба ин мақсадҳои наҷиб заруранд, чунин метавон баршумурд:

- таваҷҷуҳ ва фаъолияти назорати омӯзгор: дар ин ҳолат хонанда ҳаргиз аз омӯзгор дар бораи фаҳмидан ё нафаҳмидани маталиб чизе намепурсад, балки муаллим раванди мазкурро назорат менамояд ва аз симои хонандагон огоҳ мешавад, ки то чӣ андоза онҳо матолибро маърифат кардаанд.

- маҳорати баланд ва истеъдоди идоракунии ҳамаи рӯйдодҳои дохили синфхона;

- дарки дурусти муҳити синфхона;

- муҳаббат ба фанни худ;

- маҳорати ҳунармандӣ доштан;

-диққат додан ба олами дохилии хонандагон, ғамхорӣ;

- бодиққат будан ба рафтор ва амали худ, аз болои хеш назорати доимӣ бурдан, ба хато роҳ надодан, ки ин ба обрӯву этибори муаллим таъсир мерасонад;

- боварӣ ба худ доштан;

- неруи дохилӣ – ин на доду фарёд ва садо, балки оромии комил, тартиб, оромӣ аст;

- кордонӣ, неруманд идоракунии дарс;

- маҳорати робитаи доимӣ бо хонандагон.

Бо мақсади исбот ва амалан санҷидани фарзияи пешниҳодшуда, мо ҷанбаҳои зерини таҳқиқотро, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқанд, анҷом додем:

- асосҳои назариявии методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро таҳлил намудем;

- шароиту шароити асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро муайян намудем;

- амсилаи методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро мавриди коркард қарор додем;

- асоси шаклҳо ва асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ коркард гардид;

- методикаи амаликунии амсилаи истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт;

- шароити педагогии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ шарҳу баён гардид;

- боэътимодӣ ва дурустии амсилаи низоми методиро барои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ба таври озмоишӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар асоси асоснокунии назариявӣ ҷанбаҳои муҳим ба миён гузошта шуданд, ки бояд ҳангоми таҳлили барномаи компютерии таълимӣ ва истифодаи он риоя карда шаванд.

*психологӣ*- то чи андоза ин барнома ба ҳавасмандии раванди таълим, муносибат ба мавуи таълимдодашаванда метавонад таъсир расонида, аз ин роҳ таваҷҷуҳро афзун ё кам намояд. оё муҳассилин аз сабабҳои афзудани талаботҳои мушкил, номафҳум ё ғайримуқаррарии пешниҳодкардаи худ эътимод доранд?

*педагогӣ* - то кадом андоза барнома ба самти умумии курси МТМУ ҷавобгӯ аст ва ба ташаккули ғояҳои дурусти хонандагон дар бораи ҷаҳони атроф мусоидат мекунад?

*методӣ* - оё барнома ба азхудкунии беҳтарини мавод мусоидат мекунад, оё интихоби вазифаҳои ба хонанда пешниҳодшаванда асоснок аст, оё маводи ба таври методӣ пешниҳодшуда дуруст аст?

*ташкилӣ* – дар ин раванд бояд муқаррар намуд, ки то чӣ андоза дарсҳои бо истифодаи компютер ва технологияҳои нави иттилоотӣ ташкилшуда мувофиқи талабот тарҳрезӣ шудаанд? Оё барои иҷрои иҷрои корҳои мустақилона барои хонандагон вақти зарурӣ ҷудо мешавад?

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1.Муносибати эҳтиёткорона ин хусусияти хуби шахсият, ки бо роҳҳои зерин ба миён меоянд:

- маҳорати омода будани шахс дар ҷодаи идоракунӣ ва дар дарки масъулияти рафторҳои хеш;
- маҳорати интихоби озод, мустақилона ва бошуурона;
- иҷрои озодонаи масъулияти шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа;
- ҷой надоштани андешаи фардӣ ҳамчун талоши гурез аз масъулият ва вобаста ба вазъият ба самти дигар рӯй овардан;
- натиҷаҳои рафтори худро на аз афроди дигар, балки аз амал ва андешаҳои хеш ҷустан;
- манзури пешниҳодоти бошууронаву озодона ба ҷомеа;
- вежагиҳои иҷтимоии фаъолияти ҳавасмандкунӣ, ки танҳо дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоии афрод ҳосил мешавад ё рушд мекунад;
- маҳорати ба роҳ мондани назорати фаъолияти худ аз ҷониби хеш ва таҳлилу баррасӣ ва муқаррар сохтани меъёри масъулияти худӣ;
- вуҷуди дарки масъулияти иҷрои уҳдадориҳои худи инсон;

- вуҷуди уҳдадории ҳосил намудани дониш ва истиқбол аз он ба унвони вазифаи ҳамарӯза;

- маҳорати қабули мустақилонаи масъалаҳо ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳо;

- муносибати ғамхорона нисбат ба худ ба афроди дигар.

2.Муносибати эҳтиёткорона дар таркиби худ дониш, таҷрибаи рӯзгор, истеъдоди дар таҷриба татбиқ намудани ҳадафҳои ахлоқӣ, қаблан мушаххас кардани натиҷаҳои манфии рафтори худ, дарки масъулият ва амсоли инро фароҳам меоварад. [1-М]

3.Тарбияи муносибати эҳтиёткорона дар баробари ин ҷараёни мақсадноки муштараки омӯзгорону хонандагонро дар муҳити ягонаи таълимӣ мебошад, ки ба асоси он дар ниҳоди хонандагон масъулиятшинсӣ, фаъолияти ғамхорона нисбат ба дигар одамон, ҷомеа, дарки қарздорӣ дар иҷрои амалҳои ахлоқӣ дар назди хонавода, Ватан ташаккули меёбад.

4.Тарбияи муносибати эҳтиёткорона дар асоси се ҷанбаи муҳими он муқаррар карда мешавад, ки онҳоро дар илми педагогика чунин муқаррар кардаанд: намунавӣ-маъноӣ, ҳиссӣ-ҳавасмандгардонӣ, таъсиргузорӣ-амалӣ. Тамоюли намунавӣ-маъноӣ он чунин ба зуҳур мерасад:

- вуҷуди тасаввурот дар ниҳоди хонанда роҷеъ ба масъулияти шахс назди оила, ҷомеа, давлат ва дар баробари ин назди худ;

- соҳиби маълумот будан оид ба робитаи ақрабо, наздикон, таърихи давлату миллат, ташаккул ва заминаҳои пайдоиши суннатҳои фарҳанги хонаводагӣ ва халқу миллат;

- маълумот доштан роҷеъ ба санъати эҷодӣ, ки дар таркиби он самараи шинохт оид ба масъулият намунаи барҷастаи ахлоқи инсонӣ ҷой гирифтааст[3-М]

5.Тарбияи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, умуман ҳамчун тарбия оид ба ҳалли масъала аз

хусусияти шахсии муаллим вобастагӣ дорад. Ба қатори хусусиятҳои босифати муаллим ва барои зарурияти тарбия гуфтаҳои зерин мутааллиқ аст:

- таваҷҷуҳ ва мушоҳидакории муаллимон, ки хонандагонро дар бораи фаҳмидан ва ё нафаҳмидан намепурсанд, танҳо аз қиёфаи онҳо дарк хоҳанд намуд;

- маҳорати идора карда тавонистан ва ба худ ҷалб кардани ҳамаи хонандагон;

- дарки синфхона;

- муҳаббат доштан ба фанни хеш;

- ҳунармандӣ (артистизм);

- ба олами дохилии хонандагон аҳамият додан, дилсӯзӣ ва ғамхорӣ;

- бодиққат будан ба амали худ, худдории доимӣ, ба хатоӣ роҳ додан обрӯи муаллимро паст мекунад;

- боварӣ доштан ба хеш;

